Олимбойзода Парвина Ахмадбек – кандидат технических наук, старший преподаватель кафедры дизайна одежды и искусство моды Технологического университета Таджикистана. E-mail: parish0707@mail.ru.

Маълумот дар бораи муаллифон:

Анушервони Шовалихон - номзади илмҳои техникӣ, муовини декани факултети фосилавӣ ва ғоибонаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Н. Қарабоева 63/3. E-mail: anushervon.tj@mail.ru.

Олимбойзода Парвина Аҳмадбек- номзади илмҳои техникӣ, муаллими калони кафедраи дизайни либос ва санъати муди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. E-mail: parish0707@mail.ru.

Information about the author:

Anushervoni Shovalikhon - Candidate of Technical Sciences, Deputy Dean of the Distance and Correspondence Faculty of the Technological University of Tajikistan. 63/3 N. Karabaev str., 734061, Republic of Tajikistan. E-mail: anushervon.tj@mail.ru.

Olimboizoda Parvinai Ahmadbek - Candidate of Technical Sciences, Senior Lecturer at the Department of Fashion Design and Fashion Art of the Technological University of Tajikistan. E-mail: parish0707@mail.ru.

УДК: 338, ББК: 65.301

СОҲАИ ХӮРОКВОРИИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

Бобоҷонова З.Ғ.

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Дар мақола фаъолияти корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, раванди истеҳсолоти корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ва саҳми онҳо дар таъмини амнияти озуқаворӣ, нишондиҳандаҳои истеҳсолии маҳсулоти хӯрокворӣ ва роҳҳои асосии расидан ба сатҳи баланди таъмини амнияти ғизоӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Истеҳсолоти саноатии вилоят ва истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулоти ватанӣ, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои саноатии коркард, ба хусус маҳсулоти хӯрокворӣ ва саҳми онҳо дар рушди иқтисоди миллӣ дар ин замина кам кардани маҳсулоти воридотӣ нишон дода шудааст.

Оид ба таъмини амнияти ғизоӣ, ақидаҳои мутахассисони иқтисодшинос раванди татбиқи стратегияи таъмини амнияти озуқаворӣ бо ҷоннок гардидани тавлиди маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ гирд оварда шудааст. Стандартҳои миёнаи хӯрока бо воситаи муассисаҳои махсуси миллӣ ва байналхалқӣ аз он ҷумла Ташкилоти ҷаҳонии тандурустӣ (ТҶТ) ва Ташкилоти байналхалқии озуқаворӣ (ТБО) муайян карда шудааст. Инчунин, се давра даврахои ҳалли масъалаҳои озуқаворӣ дар мақолаи мазкур матраҳ гардидааст. Дар ҷадвалҳои таҳлилӣ меъёрҳои тавсиявии озуқа ба ҳар сари аҳолӣ ва манфиатнокии он пешниҳод гардидааст.

Калидвожаҳо: Комплекси агросаноатӣ, амнияти озуқаворӣ, индустриалӣ - аграрӣ, стратегия, захираҳои озуқаворӣ, стандарти миёнаи хӯрока, бехатарии озӯқаворӣ, агроиқтисодӣ, бозори минтақавӣ, соҳибкорӣ, арзёбӣ.

Имрӯз яке аз ҳадафи стратегии мамлакат таъмини амнияти озуқаворӣ буда, ҳадафи мазкур дар марҳалаи амалишавӣ аст. Солҳои охир ба василаи татбиқи ин ҳадаф самти корхонаҳои истеҳсолии мамлакат пеш рафта, сатҳи некӯаҳволии мардум низ баланд гардидааст.

Мо ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегӣ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ - индустриалӣ ба индустриалӣ - аграрӣ амалӣ гардонида истодаем, чунин қайд гардидааст дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [1, с. 4].

Бо мақсади иҷрои ҳадафи мазкур дар вилояти Суғд имкониятҳо хеле фаровон буда, ба соҳибкорон барои бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ ва хусусан коркарди меваҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза шароитҳои мусоид фароҳам оварда шудаанд. Масалан, корхонаи истеҳсолии Ҷамъияти саҳҳомии пӯшидаи “Оби зулол” дар шаҳри Истаравшан бо мақсади саҳмгузорӣ ба ҷараёни индустриякунонии кишвар ва истеҳсоли маҳсулоти воридивазкунанда дар кишварамон аввалин шуда барои кӯдакон ва наврасон маҳсулоти хӯрокаи дар қуттиҳои “Дой-нак” шуруъ намуданд. Барои ин аз давлати Италия ширкати “Navatta Group” хатти технологии “GUALAPACK” ба маблағи 653,7 ҳазор евро ворид намуданд, ки дар қуттиҳои қоғазии “Дой-нак” аз себ, шафтолу, нок, қулфинай маҳсулотҳо истеҳсол менамоянд.

Мувофиқи нақша пешбинӣ шудааст, ки барои наврасони синну соли мактабӣ ва ҷавонон омехтаи меваҳои пӯхта аз олу, себ, шафтолу, биҳӣ, олуча ва нок ба роҳ монда шавад. Инчунин, барои истеъмолкунандагони зиёди гурӯҳҳо дар алоҳидагӣ ва омехта аз меваҳои нок, олу, шафтолу, анор, олуча маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсол карда мешавад. Зеро ин намуд меваҳо истеҳсоли дохилӣ буда, аз ҷиҳати ғизонокӣ ба саломатии инсон хеле манфиати зиёд доранд ва меваҳо ҳамчун ашёи хом барои коркард ба корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ҷалб карда мешаванд. Чунин маҳсулот воридотивазкунанда буда, талаботи натанҳо бозори дохиларо бо пуррагӣ таъмин менамояд, инчунин, ба кишварҳои хориҷа содирот карда мешаванд.

Баҳри боз ҳам бештар намудани ҳаҷми содироти меваю сабзавот дар ҳудуди вилояти Суғд бинобар маълумоти оморӣ дар майдони 71036 гектар боғу токзорҳо парвариш карда мешавад. Боду ҳаво, обу хок ва умуман иқлими вилояти Суғд барои истеҳсоли то 1млн. тонна мевагиҳо имконият дорад. Мувофиқи маълумоти мутахассисони соҳа дар ин минтақа ҳамасола то 340 ҳазор тонна зардолуи хушсифат, 20 ҳазор тонна олу, 40 ҳазор тонна гелос, 20 ҳазор тонна шафтолу, ки дар бозорҳои хориҷа талаботи зиёд доранд, истеҳсол карда мешавад. Ғайр аз ин, хоҷагиҳои вилоят имконияти содироти 5 ҳазор тонна хурмои навъҳои маҳаллӣ, 50 ҳазор тонна бодому чормағз, 225 ҳазор тонна навъҳои аълосифати себ, 145 ҳазор тонна анори навъҳои маҳаллӣ, 150 ҳазор тонна ангур ва дигар меваҳои хушсифтро доранд. Дар маҷмуъ имконияти содиротии меваҳои тару тоза ва хушкмеваҳо натанҳо дар вилояти Суғд, инчунин, дар манотиқи дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон хело зиёд мебошад. Ҳамаи ин барои бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолӣ, беҳтар кардани сатҳи зиндагии мардум ва коҳиш додани муҳоҷирати меҳнатӣ мусоидат мекунад [5, с. 21].

Бояд қайд намуд, ки дар шаҳру навоҳии вилояти Суғд (Хуҷанд, Исфара, Истаравшан, Ашт, Конибодом) корхонаву хоҷагиҳо бо коркарди маҳсулоти кишоварзӣ аз қабили навъҳои босифати зардолу, ангур ва дигар мевагиҳо фаъолият мебаранд, ки натанҳо талаботи бозори дохилиро таъмин менамоянд, инчунин маҳсулотҳои босифати аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсолшударо ба давлатҳои хориҷа содирот намуда, фоидаи иқтисодии зиёд ба даст меоранд.

Дар шаҳри Хуҷанд бо ҷалби сармоягузории хориҷӣ (Россия) корхонаи “Хуҷанд-агро” ба фаъолият шуруъ намуд. Мутахассисони тоҷик таҷҳизоти замонавиро аз кишвари Ҳолланд харидорӣ намуданд, ки барои хушк намудани сабзавотҳо истифода мешаванд. Хатти технологӣ дар як шабонарӯз имконияти коркарди 30 тонна маҳсулоти сабзавотиро дошта, аз 1 тонна сабзӣ

-100 кг сабзавоти хушк омода карда мешавад. Дар хатти технологии мазкур пиёз, лаблабу, шалғам, каду аз хоҷагиҳои деҳқонӣ харидорӣ намуда, онро каркард менамоянд ва бо борпечи замонавӣ мувофиқи талаботи истеъмолгарон пешниҳод менамоянд. Маҳсулоти истеҳсолшавандаи корхонаи мазкур ба қоидаҳои санитарию гигиенӣ мутобиқ ва ба сифати маҳсулот бештар аҳамият дода шуда, асосан ба содирот нигаронида шудааст. Бояд қайд намуд, ки маҳсулоти омодагардида дар лабораторияҳо санҷида, сифати он ба талаботи стандарти авропой мутобиқ кунонида шуда, ба шаҳрҳои Руссия фиристода мешавад. Ин намуд маҳсулот асосан барои тайёр кардани хӯрокҳои тезпазанда истифода бурда мешавад. Солҳои 90-уми асри гузашта дар миқёси вилояти Суғд танҳо пиёз хушконида шуда, ба Руссия фиристода мешуд.

Соли ҷорӣ хоҷагии деҳқонии “Дӯстобод-2”-и ноҳияи Спитамени вилояти Суғд ба мағозаҳои вилоят аз гармхонаи гидропоникӣ маҳсулоти помидорро пешниҳод намуд. Гармхонаи мазкур бо технологияи замонавӣ ҷиҳозонида шудааст ва ин таҷрибаи аввалин дар миқёси ҷумҳурӣ мебошад.

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб 1000 гармхонаи гуногунандоза ва модификатсияи гуногун фаъолият доранд, ки дар онҳо помидор, бодиринг, гулҳои ҳархела, лиму, кабудиҳо ва дигар сабзавот парвариш карда мешаванд. Лекин шумораи гармхонаҳои инноватсионии гидропоникӣ хеле кам мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки дар шаҳру навоҳии вилояти Суғд корхонаву хоҷагиҳо бо коркарди маҳсулоти кишоварзӣ аз қабили навъҳои босифати зардолу, ангур ва дигар мевагиҳо фаъолият мебаранд, ки натанҳо талаботи бозори дохиларо таъмин менамоянд, инчунин маҳсулоти босифати аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсолшударо ба давлатҳои хориҷа содирот намуда, фоидаи иқтисодии зиёд ба даст меоранд.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар даҳ моҳи соли 2024 фермерони вилояти Суғд ба кишварҳои дуру наздики хориҷа 13,3 ҳазор тонна меваҳои хушкро ба маблағи зиёда аз 4,46 млн. доллар содирот намуданд. Инчунин, тибқи маълумоти идораи минтақавии гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд аз ҳама зиёд мевагиҳои хушк дар ҳаҷми 5,5 ҳазор тонна ба Ҷумҳурии Қазоқистон асосан омехтаи меваҳои хушки кампотӣ, Ироқ 2,7 ҳазор тонна асосан омехтаи меваҳои хушки кампотӣ, Россия 2,3 ҳазор тонна бештар меваҳои босифати хушконидаи зардолу, харбуза, олуи сиёҳ содирот карда шудааст.

Меваҳои аълосифати Тоҷикистон асосан ба давлатҳои Русия, Туркия, Ӯзбекистон, Украина, Лаҳистон, Ҳиндустон, Чин, Эрон, Олмон ва дигар кишварҳо содирот карда мешавад.

Баҳри боз ҳам бештар намудани ҳаҷми содироти меваю сабзавот дар ҳудуди вилояти Суғд бинобар маълумоти оморӣ дар майдони 71036 гектар боғу токзор парвариш карда мешавад. Боду ҳаво, обу хок ва умуман иқлими вилояти Суғд барои истеҳсоли то 1млн. тонна мевагиҳо мусоид аст. Мувофиқи маълумоти мутахассисони соҳа ҳамасола то 340 ҳазор тонна зардолуи хушсифат, 20 ҳазор тонна олу, 40 ҳазор тонна гелос, 20 ҳазор тонна шафтолу, ки дар бозорҳои хориҷа талаботи зиёд доранд, истеҳсол карда мешавад. Ғайр аз ин, хоҷагиҳои вилоят имконияти содироти 5 ҳазор тонна хурмои навъҳои маҳаллӣ, 50 ҳазор тонна бодому чормағз, 225 ҳазор тонна навъҳои аълосифати себ, 145 ҳазор тонна анори навъҳои маҳаллӣ, 150 ҳазор тонна ангур ва дигар меваҳои хушсифтро доранд. Дар маҷмуъ имконияти содиротии меваҳои тару тоза ва хушкмеваҳо натанҳо дар вилояти Суғд, инчунин, дар манотиқи дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон хело зиёд мебошад. Ҳамаи ин барои бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолӣ, беҳтар кардани сатҳи зиндагии мардум ва коҳиш додани муҳоҷирати меҳнатӣ мусоидат мекунад.

Соҳаи кишоварзии муосири кишвар мақоми муҳими иқтисоди миллиро бояд ба даст орад, ки ин чиз аз ҳама муҳим аст. Хусусан дар самти истеҳсоли мева аз қабили ангурпарварӣ дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар самараи бештар медиҳад.

Бинобар маълумоти Раёсати кишоварзии вилояти Суғд дар вилоят давоми 5 – соли охир тибқи Барномаи бунёди боғу токзор, бунёди токзорҳои нав ва барқароркунии боғҳои куҳна хуб ба роҳ монда шуда, мувофиқан чунин мебошад: бунёди токзори нав дар соли 2019 - 415 гектар, соли 2020 - 403 гектар, соли 2021 - 326 гектар, соли 2022 - 260 гектар ва соли 2023 - 218 гектар ҷамъ дар вилоят 1622 гектар токзор бунёд шудааст, ки ин аз майдони умумии боғҳои бунёдгардида вилоят (20409 га.) ҳамагӣ 8 фоизро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаҳои дар боло зикр гардида, фоизи ночиз аст, зеро меваи ангур барои саломатии инсон манфиатнок буда, дар бозори дохила ва хорича харидори бештар дорад.

Читавре ки ба ҳамагон маълум аст, қисми зиёди системаҳои обёрии вилоят ба таври сунъӣ буда, тавассути пойгоҳҳои обкашӣ ба роҳ монда мешавад. Ва ин албатта талаботи обёрии заминҳои ташналаби вилоятро то қадри зарурӣ қонеъ нагардонида, дар мавсими обёрӣ деҳқононро баъзан ба мушкилиҳои норасоии оби полезӣ ру ба рӯ месозад. Ин дар навбати худ боиси паст шудани ҳосилнокии пахта ва дигар зироатҳои кишоварзӣ мегардад. Инчунин, ин мушкилӣ боиси аз истифодаи кишоварзӣ берун шудани заминҳои корами обӣ мегардад.

Бинобар ин, шароити камобии баъзе аз ноҳияҳои вилоятро ба инобат гирифта, аз нуқтаи назари иқтисодӣ рушди токпарвариро ба роҳ мондан яке аз воситаҳои самарабахши истифодаи замин ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида мебошад (хусусан дар ноҳияҳои Зафаробод, Ашт, Ғончӣ, Истаравшан). Зеро ниҳоли ангур ба камобӣ тобовар буда, ба шароити иқлими ноҳияҳои мазкур мутобиқ аст.

Тибқи таҳлилҳо омори иҷтимоӣ нобаробар буда, аз рӯйи сатҳи даромадҳо коэфисенти гуногунии аҳолӣ (бо маротиба) - ба 8 маротиба дар соли 1992 зиёд шуда, дар Тоҷикистон бошад, соли 2018 то 13,9 расидааст. Дар айни замон шумораи аҳолӣ бо даромадҳои пулӣ тақрибан аз 33,5% ба 29,9 % кам гашта, афзоиши аҳолӣ ба 22,2 ба 1000 нафар одам соли 2018 дар муқоиса бо соли 1991 ба 10,9 нафар зиёд гардид [5, с. 6].

Ҳамаи ин гуфтаҳо ба фикре оварда мерасонад, ки танҳо сохтори устувори кишоварзии рушдёфта метавонад сектори аграри - иқтисодиро ба заминаи асосии таъминоти озуқаворӣ табдил диҳад.

Вазъи имрӯзаи истеҳсолоти маҳсулоти саноатии корхонаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҷадвали зерин дида мебароем.

Ҷадвали 1. Ҳаҷм ва намудҳои асосии истеҳсоли маҳсулот дар коргоҳҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№ р/т	Номгӯи маҳсулот	воҳ. ченак	2018	2019	2020	2021	2022	Афзоиш дар соли 2022 нисбат ба соли 2018
	Нахи пахта	ҳаз.т.	85,0	98,4	105	112	105	+20
	Равғани растанӣ	ҳаз.т.	10,1	10,0	13,0	14,1	15,3	+5,2
	Шароб аз ангур	ҳаз.т.	57	61	60	59	55	+2
	Гӯшт	ҳаз.т.	26,3	27,4	36,9	40,7	45,5	+19,2

Идомаи ҷадвали 1.

	Маҳсулоти ҳасиб	тонн.	1861	2083	3220	4116	4947	+3086
	Равғани чорво	тонн.	15,5	25,6	93,6	138,2	204,9	+189,4
	Маҳсулоти ширӣ	ҳаз.т.	4,8	5,8	8,2	14,5	14,0	+9,2
	Консерваҳо	млн. зарфи шартӣ	39,9	69,9	31,4	28,1	32,6	-7,3

Сарчашма: Маҷмуаи омори солонаи Тоҷикистон ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, - 2022, - С. 48-58, 297-298.

Таҳлилҳои ҷадвали мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ истеҳсоли намудҳои алоҳидаи маҳсулот аз ҷумла маҳсулоти озуқаворӣ инкишоф ёфтааст, зеро коргоҳҳои саноатие, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд, бо мақсади бо пуррагӣ коркарди ашёи хоми ватанӣ марҳила ба марҳила иқтидори худро қавӣ намуда истодаанд.

Тибқи назарсанҷиҳо қаблан маводи хӯрокворӣ, аз ҷумла маҳсулоти ширӣ, гӯштӣ, мевагӣ, нӯшокиҳои ташнашикан, афшураҳои мевагӣ, маҳсулоти ордӣ ва қаннодӣ аз хорича ворид мешуданд. Бозори дохилаи кишвар ва вазъи таъминоти бозор бо маҳсулоти ватанӣ нишон дод, ки ашёи хоме, ки дар кишвари мо истеҳсол карда мешавад, ба хорича бо нархи арзон пешниҳод карда мешуд ва баъди коркард ҳамчун маҳсулоти тайёр бо нархҳои 4-5 баробар гарон ба бозори истеъмолии мо ворид мегардид.

Инчунин, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ то натиҷаи ниҳоӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ, яъне ба роҳ мондани коркарди нахи пахта аз 10 фоиз то 50-60 фоиз, дигар намудҳои маркетинг-коркард борпеч, ташкили ярмаркаҳо ва ба роҳ мондани фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба намуди тару тоза имкон медиҳад, ки ҳаҷми зиёди маҳсулот дар корхонаҳои истеҳсолӣ коркард карда шавад. Ба вуҷуд омадани шаклҳои гуногуни моликият, ташкили намудҳои мухталифи пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ, хусусигардонии моликияти давлатӣ, ҷорӣ намудани пули миллӣ, озод намудани нархҳо, ташкили корхонаҳои муштарак, ташкили савдои озоди хоричӣ ва ҳалли масъалаҳои афзалиятноки иҷтимоӣ барои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон қадамҳои ҷиддӣ мебошанд.

Аз нимаи дуюми солҳои 90-ум ислоҳоти иқтисодӣ хусусияти комплексӣ ва мақсаднокро касб намуд ва барои нигоҳ доштани пастравӣ дар истеҳсолот ва таъмини рушди устувори солонаи иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам овард. Пай дар пай амалӣ гардидани ислоҳоти сохторӣ дар самтҳо ва соҳаҳои муҳими давлатӣ, бахусус идоракунӣ, молия, фаъолияти бонкӣ, соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, инчунин маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тавассути таҳия ва татбиқи як қатор барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва амалисозии тадбирҳои муассир барои ҳаматарафа рушд ёфтани иқтисодиёти кишварамон заминаи мусоид гузошт.

Таъмини рушди устувори иқтисодӣ тараққӣ додани соҳаи саноат ва коркарди маҳсулоти он то ҳадди ниҳоӣ, бо назардошти тағйирёбии вазъу талаботи бозори ҷаҳонӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарин мебошад. Инчунин, истеҳсоли маҳсулоти баландсифату аз

ҷиҳати экологӣ тозаи ба талаботи стандартӣ ҷавобгӯ ва дар бозори хориҷа мавқеъ пайдо намудан, қадамҳои пай дар пай дар рушди соҳаи саноат ва фаъолияти босамари корхонаҳои комплекси агросаноатӣ мебошад. Инро мо дар мисоли корхонаҳои навбунёди “Файзи Расул”, “Афзали Суғд”, “Яхмоси 33”, “Арча” ва дигарҳо дида метавонем, ки имрӯз талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти истеҳсолнамудаи ин корхонаҳо зиёд мебошад.

Минбаъд баҳри пешрафти соҳаи истеҳсолоти маҳсулотҳои ватанӣ ва дар сатҳи баланд таъмин намудани раванди истеҳсолот, гузаронидани таҳлили имкониятҳои афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ бо арзиши баланди иловашуда ва ба роҳ мондани истеҳсоли молҳои ивазкунандаи воридотӣ кӯшиш намоем. Соҳибкорони кишварро бештар ба коркарди истеҳсолоти ашёи хоми ватанӣ, ки хеле зиёданд ҷалб намудан ба мақсад мувофиқ аст. Зеро ашёи хоме, ки дар Тоҷикистон мавҷуд аст, барои истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулоти баландсифат ва аз ҷиҳати экологӣ тоза ва воридотивазкунанда хуб мусоидат менамояд.

Пешрафти ояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли саноатӣ-индустриалӣ ва инноватсионӣ пешбинӣ гардида, ҷиҳати татбиқи ин ҳадаф бо истифода аз технологияҳои муосир баланд бардоштани самаранокии саноати коркарди маҳсулот дар корхонаҳои комплекси агросаноатии мамлакат ва қобилияти рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ бисёр муҳим мебошад.

Дар охир ҳаминро бояд қайд кунем, ки вазъи демографии солҳои охир моро ба он водор месозад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба минтақаи меҳнатии аз лиҳози маҳсулнокии меҳнат пуриқтидор, хусусан дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ табдил ёфтааст ва дар алоқамандӣ баъзе омилҳое мавҷуданд, ки рушди ин соҳаро муайян карда то як андоза садди роҳи он мешаванд.

Ба ақидаи мо, дар ҳолати рушди самаранок ва дуруст роҳандозӣ шудани самтҳои номбаршуда дар ояндаи наздик Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо аз лиҳози таъмини амнияти озуқаворӣ муваффақ мегардад, балки ба яке аз ҷумҳуриҳои содироткунандаи маҳсулоти баландсифат табдил хоҳад гашт.

Адабиёт:

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 28.12.2023 ш. Душанбе. www.president.tj.
2. Азизов Ш.С. Развитие отраслей, обеспечивающих продовольственную независимость национальной экономики Республики Таджикистан. // Вестник Таджикского национального университета. Душанбе. - 2022. - № 2/10 (152). - С. 279-283.
3. Ашуров И.С. Продовольственное обеспечение Республики Таджикистан. // Вестник Таджикского национального университета, Душанбе - 2010. - № 3 (47). - С. 36-41.
4. Назаров А.А. Региональные особенности формирования и развития предпринимательства // Вестник ТГУПБП, - Худжанд, 2012. - №1. - С. 56-61.
5. Мадаминов А.А. Проблемы устойчивого развития аграрного сектора Таджикистана. - Душанбе, 2006. - 300 с.
6. Мирсаидов А.Б. Соҳибистиқлолӣ ва рушди иқтисоди миллӣ. - Хуҷанд, 2008, - С. 252.
7. Маълумоти омории Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд солҳои 2018-2022.

ПРОДОВОЛЬСТВЕННЫЙ СЕКТОР АПК И ЕГО РОЛЬ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

В статье рассматриваются процессы производства продукции агропромышленного комплекса, деятельность предприятий пищевой промышленности и их вклад в обеспечение продовольственной безопасности, показатели производства продуктов питания и основные пути достижения высокого уровня продовольственной безопасности. Объёмы производства на перерабатывающих предприятиях, в частности, предприятиях по производству пищевых продуктов и их доля в промышленном производстве различных видов отечественной продукции, что привело к сокращению импорта.

Взгляды экономистов на продовольственную безопасность и реализация стратегии обеспечения продовольственной безопасности усиливаются за счёт увеличения сельскохозяйственного производства в стране. Общие стандарты на пищевые продукты определяются конкретными национальными и международными учреждениями, включая Всемирную организацию здравоохранения (ВОЗ) и Всемирную продовольственную организацию (ВПО). Изложены также три этапа решения проблемы продовольственной безопасности. Рекомендуемые тарифы на продукты питания на душу населения и их эффективность представлены в аналитических таблицах.

Ключевые слова: агропромышленный комплекс, продовольственная безопасность, индустриально-аграрный, стратегия, продовольственные ресурсы, средний продовольственный стандарт, продовольственная безопасность, агроэкономический, региональный рынок, бизнес, оценка.

THE FOOD SECTOR OF THE AGRO-INDUSTRIAL COMPLEX AND ITS ROLE IN ENSURING FOOD SECURITY

The article examines the processes of production of agro-industrial complexes, activities of food processing enterprises and their contribution to the provision of food security, production indicators of food products and the key ways to achieve high levels of food security. The volume of production at processing enterprises, in particular, enterprises for the production of food products and their share in the industrial production of various types of domestic products, which led to a reduction in imports. Economists ' views on food security and the implementation of the food security strategy are enhanced by increasing agricultural production in the country. Common food standards are defined by specific national and international agencies, including the world health organization (who) and the world food organization (WCO). There are also three stages of solving the problem of food security. Recommended food tariffs per capita and their effectiveness are presented in the analytical tables.

Key words: agriculture, food security, industrial and agricultural, strategy, food resources, average food standard, food security, agro-economic, regional market, business, evaluation.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Бобоҷонова Зарина Ғаниевна - дотсенти кафедраи маркетинг-агробизнеси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, мкр-н 17, бинои 1.

Сведения об авторе:

Бобочонова Зарина Ганиевна - доцент кафедры «Маркетинга-агробизнеса» Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, улица 17, корпус 1.

Information about the author:

Bobojonova Zarina Ganievna - associate professor of marketing-agribusiness department of Tajik State University of Law, Business and Politics. 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, street 17, building 1.

УДК 677.02 (075.8)

ИНТИХОБИ АШЁИ ХОМ БАРОИ ИСТЕҲСОЛИ РЕСМОН

Ниёзбоқиев С.Қ.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Дар байни нахҳои табиӣ нахи пахта яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд ва бо роҳи ҷудо намудан аз чигит пайдо мешавад. Сохти нах хосиятҳои онро нишон медиҳад. Бо зиёдшавии дараҷаи пухтарасии нах қобилияти печхӯрии он зиёд мешавад. Ҳангоми пухтарасии нахи пахта қутри берунии вай, нисбати қутри дохилиаш калон мешавад. Нисбати диаметри беруна бо диаметри дохили коэффисенти пухтарасии нахи пахта номида мешавад. Дар корхонаҳои саноатӣ оиди коркарди нахи пахта ва истеҳсоли ресмон навъбандиҳои муайян тартиб дода мешавад, ки аз имкони мавҷудияти нахи пахтаи дар амборҳои корхонабуда, тип, навъи селексияи ҳамон пахтаҳои дар як мавсим ҷамъоваришуда иборат мебошад. Сифати ресмон бо андозаи зиёде аз хосиятҳои нахи пахта, инчунин аз тарзи ташакулёбии он вобаста мебошад, аз ҳамин сабаб навъбандии ашёи хом бо хосиятҳои якхела тартиб дода мешаванд, ки онҳо навъҳои заруриро бо хароҷоти камтарин таъмин намоянд.

Калидвожаҳо: Нахҳои табиӣ, нахи пахта, сохти нах, дараҷаи пухтарасии нах, қутри берунӣ, қутри дохилӣ, диаметри беруна, диаметри дохилӣ, коэффисенти пухтарасии нахи пахта, сифати ресмон, навъбандии ашёи хом.

Барои тарҳрезии ресмонҳои омехта ва пахтагини таъиноташон ҳархелаи зичии хаттии гуногундошта навъҳои ҷудогона ва навъбандиҳои муайян коркарда шудаанд. Дар корхонаҳои саноатӣ оиди коркарди нахи пахта ва истеҳсоли ресмон навъбандиҳои муайян тартиб дода мешавад, ки аз имкони мавҷудияти нахи пахта дар амборҳои корхона, тип, навъи селексияи ҳамон пахтаҳои дар як мавсим ҷамъоварӣ шуда иборат мебошад. Сифати ресмон бо андозаи зиёде аз хосиятҳои нахи пахта, инчунин, аз тарзи ташакулёбии он вобаста мебошад, аз ҳамин сабаб навъбандии ашёи хом бо хосиятҳои якхела тартиб дода мешаванд, ки онҳо навъҳои заруриро бо хароҷоти камтарин таъмин намоянд. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки бо усулҳои ҳисоби – эмперикӣ алоқаи байниҳамдигарии қувваи кашиши ресмон ва қувваи каниши нахҳо дар шарти муайяни истеҳсолот тайёр гаштаанд. Барои ҳисоби қувваи нисбии каниши ресмон ба таври васеъ формулаи А.Н. Соловёв ва ресмони аз омехтаҳои нахи пахтаю нахҳои химияви бо қувваҳои гуногуни каниш формулаи А.Н. Ванчиков истифода мешаванд.

Формулаи А.Н. Соловёв чунини намуд дорад:

$$R_p = \frac{P_{см}}{T_{см}}\left[1 - 0{,}0375 * H_0 - \frac{2{,}65}{\sqrt{\frac{T_p}{T_в}}}\right] * \left(1 - \frac{5}{L_{см}}\right)\mu * к\left[\frac{сН}{текс}\right]$$

дар ин ҷо :

R-ресмон қувваи каниши хоси ресмон (с Н/текс)

Р -қувваи каниши нахи пахта дар омехта (СН)

Тсм -зичии хаттии нахи пахта дар омехта (текс)

Но –Ноҳамвории хоси ресмон:

Барои системаи кардолентавӣ:Но=4.5-5.0

Барои системаи шоназанӣ:Но=3.5-4.0

Тр –зичии хатии ресмон (текс)

Lом -дарозии штапелии нах дар омехта

S- коэфисенти вобастагии ҳолати дастгоҳҳо: (аъло –s=1,1хуб, s=1,0 қаноатбахш - s=0,9);

K- мувофиқсозӣ барои тобхӯрии ресмон, вобаста аз фарқияти ҳақиқӣ ва баландтарини коэффисенти тобиш ё ин ки

$$K = f\left(\alpha_ф - \alpha_{кр}\right)$$

дар ин ҷо; $\alpha_ф -$ коэффисенти ҳақиқии тобхӯрии ресмон, ки аз маълумотнома (справочник) аз рӯйи таъминоти ресмон ва дарозии штапелии нах муайян карда мешавад. $\left(\alpha_{кр}\right) -$ коэффисенти баландтарини тобхӯри ки бо формулаи зерин муайян карда мешавад.

$$\alpha_{кр} = \frac{31{,}62}{100}\left[\frac{(1120 - 70 - P_{ом})P_{см}}{L}\right] + \frac{Pсм * 57.2}{\sqrt{T_p}}$$

Маълумотнома (справочник)$\left(\alpha_ф - \alpha_{кр}\right)$ мешавад, ки “К” аз 1 кам интихоб карда мешавад.

Пас аз он, ки қиматҳои пайдо намударо муқоиса менамоянд. Натиҷаи Rкр ва Rф бояд шарти зеринро иҷро намояд.

$$R_k < R_ф$$

Ҳангоми ҳисоб намудани кувваи хоси каниши ресмоне, ки аз омехта истеҳсол карда мешавад, бояд ҳисоби миёнаашон гирифта шавад. Ҳангоми ба нақшагирии ресмони дар дастгоҳҳои пневмомеханикӣ истеҳсол намуда, қувваи канишро бо ҳамин усул ва формула ҳисоб намуда, натиҷаашро 15-20 % кам менамоянд.

Ҳисоби нишондиҳандаи хосиятҳои нахи пахта дар омехта

Нишондиҳиндаҳои сифатии хосиятҳои ресмон бисёртар аз хосиятҳои технологияи нахи пахта вобастагӣ доранд. Ҳангоми коркарди ресмони аълосифат аз системаи ресандагӣ, ҳолати техникии дастгоҳ, миқдори кашиш, миқдори болои ҳамгузорӣ, ҳарорати ҳаво, инчунин, намнокӣ дар истеҳсолот вабастагӣ дорад. Ду намуди усули муайян намудани вобастагии ресмон аз нахҳои коркардашаванда мавҷуд мебошад:

а) бо усули таҷрибавӣ

б) бо усули ҳисобнамои

Усули таҷрибавӣ бо роҳи тадқиқи намунаҳо, ресидани қисматҳои гуногуни миқдорашон (1,0кг, 40кг, 100кг) ва муқоиса намудани натиҷаҳои пайдошуда бо меъёрҳо барои баҳо додани хосиятҳои ресмон. Муайян намудани қувваи каниши нисбии ресмон бо ёрии формулаҳои эмперикӣ ҳисоб намудани хосиятҳои байниҳамдигарии ресмон ва нах, усули ҳисоби номида мешавад. Дар фабрикаҳои ресандагӣ барои ҳисоб намудани нишондиҳандаҳои омехта формулаи муҳандис А. А Синитсинро истифода мебаранд.

Қувваи каниши нах дар омехта

$$P_{см} = \frac{P_1 x_1}{100} + \frac{P_2 \propto_2}{100} + \cdots + \frac{P_n \propto_n}{100} \text{ [cH]}$$

Зичии хаттии нах дар омехта

$$T_{см} = \frac{T_1 \propto_1}{100} + \frac{T_2 \propto_2}{100} + \cdots + \frac{T_n \propto_n}{100} \text{ [мтекс]}$$

Дарозии нах дар омехта

$$L_{см} = \frac{L_1 \propto_1}{100} + \frac{L_2 \propto_2}{100} + \cdots + \frac{L_n \propto_n}{100} \text{ [мм]}$$

Қувваи каниши хоси нах дар омехта

$$R_{см} = \frac{P_1 x_1}{100} + \frac{P_2 \propto_2}{100} + \cdots + \frac{P_n \propto_n}{100} \ [cH] \ текс$$

дар ин ҷо:

P1, P2..... Pn- қувваи каниши нах дар омехта CH

L1, L2..... ..Ln дарозии нахи 1ва 2-юми қисмҳои омехта (ММ)-

T1, T2..... Tn зичии хати нахҳои қисмҳои ҷудогона, (мтекс)

R1, R2..... Rn қувваи каниши хоси қисматҳои ҷудогона (CH текс)

D1, D2.....Dn қисматҳои ҷудогонаи омехта (%)

Барои интихоби дурусти ашёи хом, қувваи хоси каниши ресмон муайян карда мешавад. Агар омехта аз дарозии штапелии вискозӣ бошад дар ин сурат қувваи хоси каниши ресмон бо формулаи профессор Усенко В.А. ҳисоб карда мешавад, ки он чунин намудро дорад:

$$R_p = \frac{P_{см}}{T_{см}} \left[1 - 0{,}0375 * H_0 - \frac{2{,}8}{\sqrt{\frac{T_p}{T_{ом}}}} \right] * \left(1 - \frac{7{,}83}{L_{см}} \right) * b * к \left[\frac{cH}{текс} \right]$$

Ҳангоми истифодаи ин формула коэффисенти ноҳамвории хоси ресмон

Но= 2,5 -3,5 қабул карда мешавад.

В- коэффисенти баҳисобгирии ҳамвории нах бо дарозиаш қимати он аз ҷадвали 1 интихоб карда мешавад.

Агар базаи нах аз 50 % зиёд бошад дар он вақт В=1 қабул карда мешавад.

Ҷадвали 1.

Базаи нах,%	45	40	35	30	25	20	15	10
Коэффисенти В	0,99	0,97	0,94	0,9	0,85	0,80	0,75	0,68

Дар ин ҳолат коэффисенти баландтарини тобхӯрӣ бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад.

$$\propto_{кр} = \frac{527\sqrt[6]{25 + 100/T_p}}{\sqrt[3]{L_{см}}\sqrt[4]{100/T_{см}}}$$

Қувваи каниши хоси ресмон аз ду омехтаи нахи химиёвӣ ё нахи химиёвӣ ва нахи пахта аз рӯйи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад . Формулаи профессор А.Н. Ванчиков.

R ресмон = Rом K омехта

дар ин ҷо:

R ресмон – қувваи каниши хоси ресмон СН/ текс

R омехта – қувваи каниши хоси нах дар омехта СН/ текс

R см = R1 B1 + R2 B2

дар ин ҷо:

R1 R2 – қувваи каниши хоси нах дар омехта СН/ текс (Аз маълумотнома (справочник) аз номуайянии нахи химиявӣ қабул карда мешавад)

B1 - ҳиссаи вазни дар омехта камтар кашида шаванда.

B2 - ҳиссаи вазн дар омехта зиёдтар кашида мешавад.

К омехта – коэффисенти истифодабарии мустаҳкамии нахи омехта дар ресмон

$$K_{омехта} = K_1 * a_1 : в_1$$

дар ин ҷо:

К1-коэффисенти истифодабарии мустаҳкамии ҳиссаи миқдори камтар кашида дошта дар ресмон.

Агар нахи пахта бо нахи лавсан гардад дар он вақт К1 ба нахи пахта тааллуқ дорад, ин аз он сабаб натиҷагирӣ мегардад, ки нахи пахта назар ба лавсан камтар кашидашавиро доро мебошад. Коэффисентҳои а; в; аз рӯйи чунин формула муайян карда мешавад.

$$a = 1 - \sqrt{\frac{e_1}{e_2}}$$

дар инҷо: E_1; E_2 – дарозшавии нисбии қисматҳои дарзошавӣ аз рӯйи маълумотнома (справочник) вобаста аз намуди нах қабул карда мешавад.

$$в = \sqrt[a]{\frac{T_в}{T_{см}}} * \mu = \left(1 - \sqrt{\frac{e_1}{e_2}}\right)\left(\sqrt{\frac{T_в}{T_o}} * \mu\right)$$

дар ин ҷо : Тв1 - зичии хати камтар кашишдошта;

$Тв_2$- зичии хаттии зиёдтар кашишдошта;

μ –коэффисенти аз сохти нах вобастабуда;

μ = 1, 1 (агар омехта аз нах вискоза бошад);

μ =1, 0 (агар нахи пахта бо нахи синтетикӣ бошад);

μ =0, 8 (агар омехта аз нахи вискоза ва нахи синтетикӣ бошад);

S μ = 0, 6 (агар омехта аз нахи нитронӣ ва нахи синтетикӣ бошад).

Дар ин ҳолат бояд шарти R ҳис. R ост. иҷро гардад . Агар фарқият 0,2 -0,3 СН/ текс-ро ташкил диҳад, дар он сурат ашёи хоми интихобгардида дуруст интихоб гаштааст ва ҷараёни технологӣ хуб мегузарад, кафолат медиҳад. Дар натиҷаи татбиқи системаи HVI-1000, Spinlap ва Texlab ҳангоми банақшагирии мустаҳкамии ресмон нишондиҳандаҳои CSP ва Rkm истифода бурда мешавад.

Банақшагирии мустаҳкамии ресмон аз рӯйи нишондиҳандаҳои CSP.

Ҳангоми ба нақшагирии мустаҳкамии ресмон ҳангоми истифодабарии нишондиҳандаҳои CSP ҳамчун хосиятҳои нах ба монанди дарозӣ, мустаҳками индекси ҳамвории нах ба дарозиаш, микронейр, ранг дарозшавӣ, ҳангоми кандшавӣ ва дараҷаи доштани нуқсҳо ба назар гирифта мешавад. Нишондиҳандаи CSP вобастагии байни нах ва ресмонро нишон медиҳад. Тартиби ҳисоби қимматҳои он ҳангоми истифодаи нахҳои дурушт, нимдурушт, миёнанахи борик, беҳад борики нахи пахта дар ахборҳои SITRA (маркази ҷанубии татқиқотҳои маснуотҳои нассоҷӣ).

Нишондиҳандаҳои нах бо усули HVI истифода намуда, қимматҳои нишондиҳандаҳои CSP аз рӯйи формулаҳои зерин муайян карда мешавад. Барои ресмони бо усули кардолентавӣ истеҳсолшуда.

$$CSP = 165\sqrt{\frac{L_{ом}K_{ом}}{M_{ом}}} - 590 - 13\,N_{в}$$

Барои ресмони бо усули шоназанӣ ҳосилшуда:

$$CSP = 165\sqrt{\frac{L_{ом}K_{ом}}{M_{ом}}} - 590 - 13\,N_{в}\left[1 + \frac{У}{100}\right]$$

дар ин ҷо,

Lom –дарозии ҳисоби нах дар омехта мм,

Kom –қувваи каниши хоси нах дар омехта СН/ текс,

Mom – нишондиҳандаи нахҳои омехта дар микронейр,

Nb –номери ресмон бо воҳиди англ,

Y – ҳиссаи ғози шоназанӣ.

Ба нақшагирии мустаҳкамии ресмон аз рӯйи нишондиҳандаҳои Rkm

Ҳангоми ба нақшагирии мустаҳкамии ресмон бо стандарти байналмилалии USTER STATUSTIK бо қувваи каниш дарозӣ ё ин ки нишондиҳандаи Rkm истифода мебаранд. Вобастагии байни каниши хоси қувваи R ва нишондиҳандаи Rkm бо формулаи зерин ифода меёбад:

$$R = R_{км} * 0{,}9807, cH/текс$$

Бо пешниҳоди SITRA Rkm бо формулаи эмперикӣ ҳисоб карда мешавад.

$$R_{км} = 1{,}1 * \left(\sqrt{FQL}\right) - 4.0 - \frac{13N_a}{150}$$

Индекси сифати нах

$$FQL = \frac{L_{ом}R_{км}}{M_{ом}}$$

дар ин ҷо:

Lsm Rkm Mcm –нишондиҳандаи нах дар омехта бо HVI муайян гардидаанд.

Хосиятҳои нахи пахта

Дар байни нахҳои табиӣ нахи пахта яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Сохти нах хосиятҳои онро нишон медиҳад. Бо зиёдшавии дараҷаи пухтарасии нах қобилияти печхӯрии он зиёд мешавад. Ҳангоми пухтарасии нахи пахта қутри берунии вай, нисбати қутри дохилиаш калон мешавад. Нисбати диаметри беруна бо диаметри дохили коэффисенти пухтарасии нахи пахта номида мешавад. Нахи пахта вобаста аз пухтарасиаш нисбати эталон (намуна) ба 11 коэффисент тақсим мешаванд:

Нопухта -0,0; 0,5; 1,0; 1,5; 2,0; 2,5;

Пухтарасида -3,0; 3,5;4.0; 4,5;

Аз ҳад зиёдпухта -5,0;

Пухтарасии нахи пахта хосиятҳои онро муайян месозад.

Хосиятҳои геометрии нахи пахта.

- дарозии нах, қутри нах, сатҳи буриши кундалангӣ ва ғайра.

Хосиятҳои физикии нахи пахта.

- Микронейр, намнокӣ, хосияти ҷабидани намӣ, гузаронидани барқ, гармигузаронӣ ва печишхӯрӣ.

Хосиятҳои механикии нахи пахта.

- Қувваи каниш, кашидашавӣ, қувваи хоси кашиш, муқобилият ба тобхӯрӣ ва фишурдашавӣ дар зери қувваҳои таъсиркунанда ва иваз намудани андозаҳои нах.

Хосиятҳои химиявӣ.

- Бо моддаҳои химиявӣ рафтор намудани нахи пахта.

1**) Дарозии нахи пахта** сифати нахро муайян намуда тақсимоти нишондиҳандаҳои дарозиро таъмин менамоянд. Ду усули муайян намудани дарозии нахи пахта вуҷуд дорад;

1- дастӣ,

2- ба воситаи олотҳо.

То солҳои 90-уми асри гузашта бо усули тақсимоти нишондиҳандаи дарозии нах ба таври васеъ истифода шуда, нишондиҳандаи дарози ҳамчун “модели” ва “штапели ” ҳисоб карда мешуд.

2)**Дарозии моделӣ** ин дарозии нах аз ҳама зиёд вомехӯрдагӣ дар намунаи гирифташуда. Дарозии штапели ин баробар ба дарозии нахи бо ҳисоби миёна дар тарозӯ баркашида мебошад. Дарозии вай тахминан баробар аст = Lm+(3*4)мм

Солҳои охир барои муайян намудани хосиятҳои нахи пахта системаи HVI -1000 истифода бурда мешавад. Бо ин система нишондиҳандаҳои зерини дарозии нахи пахта муайян карда мешавад: Қисми болоии ҳисоби миёнаи аз ҳама дарози нах дар намуна ҳисоб карда мешавад. 50% дарозии нахи пахта дар намуна. Ҳисоби миёнаи ҳамаи дарозии нахи пахта дар намуна. Нах чи қадар борик бошад, ҳамон қадар нах дар буриши кундалангиаш зиёд ҷойгир аст, аз ҳамин ҳисоб ресмон мустаҳкам мебошад. Зичии хати нах бо чунин формулаҳо ифода мегардад:

$$текс = T = \frac{m}{L}\left[\frac{2}{км}\right] \; номер\; N = \frac{L}{m}\left[\frac{M}{гр}\right]$$

Нишондиҳандаи микронейр: Микронейр коэффисенти пухтарасӣ ва борикии нахро нишон медиҳанд.

3)**Нишондиҳандаи микронейр** аз периметри нах вобаста буда, ғафсии девори нахро нишон медиҳад.

Хосияти микронейр дар ҷадвал нишон дада шуда аст.

Нишондиҳандаҳои микронейр	**Замима**
Камтар аз 3,0	Хело борик
Аз 3,0 то 3,9	Борик
Аз 4,0 то 4,9	Миёна
Аз 5,0 то 5,9	Дурушт
Аз 6,0 зиёд	Хело дурушт

4)**Қувваи каниши нах.**
Қувваи каниши нах ин қобилияти мутақобилияти тавоноии кашиши нахро ба Pb ифода менамоянд, ки чунин баробариро нишон медиҳанд.

$$P_в = 4/6cH$$

5)**Қувваи хоси каниши нах** бо формулаи зерин муайян карда мешавад

$$R_в = \frac{R_в}{T_в}\ [сн/текс]$$

дар ин ҷо Pb- қувваи каниши нах СН/ текс
Tb -зичии хатии нах (текс)
6)**Миқдори дарозшавии нах**.
Дарозшавии нахи пахта дар зери қувваи таъсиркунандаи кашиш ин дарозшави ҳангоми канишро меноманд. Қимати он 5-8%-ро ташкил медиҳад.
7. Намнокии нах.Ин нишондиҳанда дар ресандагӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Нахи пахта намиро тез ба худ кашида, зуд аз худ медиҳад. Қобилияти тағйир додани хосиятҳои намнокӣ, ҳолати ҷабиши намнокии нахро нишон медиҳад. Намнокии нах чунин ҳисоб карда мешавад.

$$w = \frac{w_{ибт} - w_{баъдих}}{w_{баъдих}} * 100[\%]$$

дар ин ҷо:
Wиб-намнокии нах то хушккуни, г
W-намноки баъди хушккунии нах, г

$$W = 8 - 12\ (\%)$$

8) Дигар намудҳои хосиятҳои нахи пахта.
- муқобилияти нахи пахта ҳангоми фишороварӣ хело бузург буда, шиддатнокии нах номида мешавад.

$$\delta \geq 1000\ (кг/см^2)$$

- Муқобилияти нах нисбати қадшавӣ хело хурд мебошад, аз ҳамин сабаб нах чандир мебошад.
- Муқобилияти нах нисбати лағжиш бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$F = Mn+h$$

дар ин ҷо:
F-қувваи соиш;
M- коэффисенти соиш;
N-қувваи фишороварӣ;
H-часпиши байниякдигмрии нах;

Ҷараёнгузаронии нахи пахта хело паст мебошад. Нахи пахта маводи диэлектрикӣ номида мешавад. Аз ҳамин лиҳоз ҳангоми лағжиши нахҳо зарядҳои статикии барқ пайдо мешаванд, ки дар ҷараёни технологии таъсири манфӣ мерасонад. Бар зидди онҳо, чунин омилҳоро истифода мебаранд:
1) Намнокии ҳавои сехро зиёд мекунанд;
2) Дастгоҳҳоро ба замин пайваст менамоянд;
3) Ионизаторҳоро истифода мебаранд.

Адабиёт:

1. Справочник. Хлопкопрядение. - М.: Легпромбытиздат, 1985. - 576 с.
2. Лабораторный практикум по прядению хлопка и химических волокон. - М., 1967.- 492 с.
3. Башков А.П. Разрыхление и очистка волокна // Ж. Каталог «В мире оборудования». - 2004, №2. - С. 6.
4. Юсупова Ш.А., Чешкова А.В., Яминзода З.А., Лапина Е.А. Цифровые технологии для печатания абровых орнаментов на современных хлопчатобумажных тканях// Дизайн и технологии. — 2022. — № 91-92 (133-134). — С. 20-29.
5. Яминзода З.А. Зелёные технологии в текстильной промышленности как инструмент устойчивой модернизации с применением природных ресурсов // В сборнике: Научное сотрудничество в Евразийском пространстве: цифровизация и модернизация промышленности с применением искусственного интеллекта. Материалы международного форума, посвящённого 35-летию Технологического университета Таджикистана. Душанбе, — 2025. — С. 220-223.
6. Теория процессов технологии и оборудования прядения хлопка и химических волокон: Учебник / Ю.В. Павлов, А.Б. Шапошников, А.Ф. Плеханов и др. - Иваново: ИГТА, 2000. - 392 с.
7. Малафеев Р.М., Светик Ф.Ф. Машины текстильного производства. - М., Легпромбытиздат, 2002. - 495 с.

ВЫБОР СЫРЬЯ ДЛЯ ПРОИЗВОДСТВА ПРЯЖИ

Среди натуральных волокон хлопковое волокно занимает одно из самых видных мест и получается путём его отделения от семян. Структура волокна определяет его свойства. По мере увеличения степени зрелости клетчатки повышается её усвояемость. По мере созревания хлопкового волокна его внешний диаметр увеличивается по отношению к внутреннему диаметру. Отношение внешнего диаметра к внутреннему называется коэффициентом созревания хлопкового волокна. На промышленных предприятиях по переработке хлопкового волокна и производству пряжи установлены определённые классификации, которые состоят из наличия хлопкового волокна на складах предприятия, вида и отбора одного и того же хлопка, заготовленного в один и тот же сезон. Качество пряжи во многом зависит от свойств хлопкового волокна, а также от способа его формирования, поэтому сырьё со схожими свойствами сортируется для получения необходимых сортов с наименьшими затратами.

Ключевые слова: натуральные волокна; хлопковое волокно. Структура волокна определяет его свойства. Степень зрелости клетчатки повышает её усвояемость. По мере созревания хлопкового волокна его внешний диаметр увеличивается по отношению к внутреннему диаметру. Отношение внешнего диаметра к внутреннему называется коэффициентом созревания хлопкового волокна. Качество пряжи; сортировка сырья; обеспечить по самой низкой цене.

SELECTION OF RAW MATERIALS FOR ROPE PRODUCTION

Among natural fibers, cotton fiber occupies one of the prominent places and is obtained by separating it from the seed. The structure of the fiber indicates its properties. With an increase in the degree of maturity of the fiber, its ability to spin increases. When cotton fiber ripens, its outer diameter increases relative to its inner diameter. The ratio of the outer diameter to the inner diameter is called

the cotton fiber ripening coefficient. In industrial enterprises for the processing of cotton fiber and the production of rope, certain sorting is established, which consists of the availability of cotton fiber in the warehouses of the enterprise, the type, type of selection of the same cotton harvested in the same season. The quality of the rope largely depends on the properties of the cotton fiber, as well as on the method of its formation, therefore, sorting of raw materials with similar properties is established in order to provide the necessary varieties at the lowest cost.

Key words: natural fibers; cotton fiber; The structure of the fiber determines its properties. The degree of maturity of the fiber increases its ability to spin. When cotton fiber ripens, its outer diameter increases relative to its inner diameter. The ratio of the outer diameter to the inner diameter is called the cotton fiber ripening coefficient. Rope quality; raw material sorting; provide at the lowest cost.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Ниёзбоқиев Сафарбоқӣ Қурбонович - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияи маснуоти нассоҷӣ. E-mail: niyozbokiev1957 @mail.ru mob; Тел: 988703565

Сведения об авторе:

Ниёзбокиев Сафарбоки Курбонович - кандидат педагогических наук, доцент кафедры «Технологии текстильных изделий». E-mail: niyozbokiev1957 @mail.ru mob; Тел: 988703565

Information about the author:

Niyozbokiev Safarboki Kurbonovich - Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Textile Technology. E-mail: niyozbokiev1957 @mail.ru mob; Tel: 988703565

УДК 677.027.4

КРАШЕНИЕ ЛЬНЯНЫХ ТЕКСТИЛЬНЫХ МАТЕРИАЛОВ ПРИРОДНЫМИ КРАСИТЕЛЯМИ

Яминзода З.А., Олимбойзода П.А., Шоева А.Д.
Технологический университет Таджикистана

Статья занимается анализом методов крашения льняных текстильных материалов с использованием натуральных красителей, выделенных из различных растений, выращиваемых на территории Таджикистана, включая вайду, ревень, сафлор, чинар, барбарис, розу, гармалу, марену и зверобой. В исследовании акцент сделан на экологически безопасную практику крашения, с особым вниманием к использованию протрав из менее токсичных металлов, таких как алюминий, железо и магний, что является значительным шагом к устойчивому развитию в текстильной промышленности. Работа демонстрирует, как различные протравы влияют на цвет и качество окраски, улучшая стойкость и интенсивность цвета текстильных материалов. Результаты исследования показывают, что натуральные красители не только способны обеспечивать желаемые оттенки на льняных тканях, но и вносят вклад в снижение вредного воздействия текстильного производства на окружающую среду. Это исследование подчёркивает важность дальнейшего развития и внедрения экологически безопасных технологий крашения в промышленности, направленных на минимизацию использования синтетических и токсичных химических веществ.

Ключевые слова: природные красители, текстильные материалы, лён, протравы, крашение, растения, технология крашения, экологическая безопасность.

В последние годы наблюдается возрождение интереса к использованию природных красителей в текстильной промышленности, особенно в контексте устойчивого развития и экологичного производства. Лён, как один из древнейших материалов, используемых человечеством, обладает уникальными свойствами и широко применяется в производстве одежды, домашнего текстиля и декоративных элементов. Крашение льняных тканей природными красителями не только подчёркивает естественную красоту материала, но и способствует снижению вредного воздействия производственных процессов на окружающую среду.

Данная статья затрагивает исторические аспекты использования природных красителей, современные методики и технологии крашения льна, а также экологические и экономические преимущества такого подхода. Особое внимание уделяется анализу взаимодействия натуральных красителей с льняными волокнами, что позволяет достигать ярких и стойких цветов без использования токсичных химических веществ.

Лён и растительные красители обладают уникальными химическими свойствами, делающими их особенно привлекательными для использования в текстильной промышленности с акцентом на экологичность и устойчивость.

Лён состоит в основном из целлюлозы (около 70-85%), что делает его прочным, впитывающим и быстро сохнущим материалом. Кроме того, в льняных волокнах содержится лигнин (до 2-3%), который придаёт ткани жёсткость и пектиновые вещества, обеспечивающие связь между волокнами. Благодаря высокому содержанию целлюлозы, льняные ткани хорошо окрашиваются, поскольку целлюлозные волокна способны образовывать водородные связи с молекулами красителя.

В отличие от хлопковых, льняные в своём составе содержат большее количество примесей, таких как, лигнин, пектин, азотосодержащие минеральные воскообразные вещества. Это затрудняет переработку льняных волокон в отделочном производстве [1]. В отличие от хлопка, льняное волокно представляет собой веретенообразные элементарные волокна, соединённые в лубяные пучки срединными пластинками.

Основным компонентом элементарного волокна льна является целлюлоза срединных пластинок - пектиновые вещества и лигнин. Трудность обработки льняных текстильных материалов заключается в том, что для удаления примесей нельзя применять жёсткие условия обработки, так как в этом случае разрушаются срединные пластинки. Льняные волокна малоэластичны, что определяет их высокую сминаемость, но в то же время они являются самыми прочными из всех натуральных волокон [2].

Лён, в отличие от других волокон, обладает таким уникальным свойством как антимикробное действие. Льняной текстильный материал снижает рост и размножение бактериальных и грибковых инфекций.

Показано, что высокое содержание лигнина в волокнах льна способствует поглощению свободных радикалов, в то же время, льняные текстильные материалы практически не вызывают аллергических реакций у человека [3].

Растительные красители включают широкий спектр биоактивных соединений, таких как антоцианы, танины, флавоноиды и каротиноиды. Эти соединения не только определяют цвет растения, но и обладают антиоксидантными и антимикробными свойствами, что может способствовать увеличению срока службы окрашенных тканей. Растительные красители

обычно имеют сложные молекулярные структуры с множеством функциональных групп, что позволяет им образовывать ковалентные или ионные связи с волокнами ткани, обеспечивая тем самым стойкость цвета.

В процессе крашения льняных тканей растительными красителями часто используются морданты - вещества, которые способствуют улучшению связывания красителя с волокнами. Традиционно это могут быть соли алюминия или железа, которые действуют как связующее звено между красителем и волокном, повышая стойкость цвета и его насыщенность.

Использование льна и природных красителей представляет собой экологически чистый подход, минимизирующий воздействие на окружающую среду и улучшающий эксплуатационные качества текстильных изделий.

В данной статье для крашения льна выбраны и исследованы такие растения как вайда, ревень, сафлор, чинар, барбарис, роза, гармала, марена и зверобой, которые выращиваются на территории Таджикистана.

Использование этих растений для крашения льняных тканей включает в себя не только придание цвета, но и взаимодействие на молекулярном уровне, что влияет на качество окрашивания и долговечность цвета.

Вайда - содержит индиготин, который превращается в индиго после окисления. Индиго эффективно связывается с целлюлозными волокнами льна, формируя координационные связи, что обеспечивает стойкость цвета.

Ревень - корни ревеня богаты антрахинонами, обладающими красящими свойствами, которые могут образовывать водородные связи с целлюлозой льна, придавая ткани красные и коричневые оттенки.

Сафлор - из лепестков сафлора получают жёлтые и красные пигменты. Эти пигменты химически взаимодействуют с волокнами льна, создавая стабильные ионные и водородные связи, которые улучшают стойкость цвета.

Чинар - хотя чинар более известен своей древесиной, кора дерева содержит танины, которые могут действовать как натуральные морданты, улучшая адгезию красителей к льняной ткани и увеличивая стойкость цвета.

Маҳз бо мақсади баҳодиҳии дараҷаи татбиқи захираҳои сармоягузорӣ дар таҷрибаи байналхалқӣ нишондиҳандаи *арзиши иловашудаи иқтисодӣ* (EVA - Economic Value Added) истифода бурда шуд. Тавассути нишондиҳандаи мазкур фоидаи иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ бо роҳи ба инобат гирифтани ҳаҷми фоидаи гирифтанашуда баҳогузорӣ карда мешавад [1, с. 40].

Бо истифода аз нишондиҳандаи EVA ҳаҷми фоидаи софи дар фаъолияти истеҳсолӣ гирифта шуда тавассути тарҳи хароҷот бо мақсадҳои сармоягузорӣ муайян карда мешавад. Барои ҳисобкунии ин нишондиҳанда, ҳамчун нишондиҳандаи самаранокии идоракунии захираҳои сармоягузории корхона, истифодаи формулаи зерин ба мақсад мувофиқ аст:

$$EVA = IK(R_I - W_{SK}), \qquad (2)$$

дар ин ҷо: IK - захираҳои сармоягузорие, ки аз ҳисоби маблағҳои молиявии худи корхона ва ё қарз гирифташуда ташаккул меёбанд, ҳазор сомонӣ;

R_I- даромаднокии захираҳои молиявие, ки барои такрористеҳсолии васеъ сармоягузорӣ карда мешаванд, коэффитсиент;

W_{SK} - арзиши миёнивазни фондҳои сармоягузорӣ, коэффитсиент.

Заминаи объективии истифодаи чунин тафсири ҳисобкунии арзиши иловашуда баҳисобгирии бевоситаи маблағи захираҳои сармоягузорӣ назар ба нишондиҳандаҳои самаранокии сармоягузории онҳо мебошад.

Муқоисаи нишондиҳанда EVA бо дигар нишондиҳандаҳои арзёбии сатҳи самаранокии раванди сармоягузорӣ, ки асосан дар таҷрибаи байналхалқӣ татбиқ мегарданд (NPV, MIRR, ROE, ROI) дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст.

Нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 1 инъикосшуда барои муайян намудани сатҳи самаранокии сармоягузорӣ дар ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ татбиқ карда мешаванд, ҳарчанд ҳисобкунии ҳаҷми даромади софи ҷорӣ бештар бо мақсади арзёбии дараҷаи ҷолибнокии сармоягузориҳо истифода мегардад.

Яке аз хусусиятҳои хоси нишондиҳанда EVA EVA (арзиши иловашудаи иқтисодӣ) дар он ифода меёбад, ки он дар тамоми давраҳои кори субъекти хоҷагидорӣ, бе ба инобат гирифтани ҳисобкунии иловагии ҳодисаҳои бавуқуъпайваста ва банақшагирифташуда, дар алоқамандӣ аз миқдори сармоягузориҳои воридшуда дар заминаи иттилоот оид ба ҳисобҳои муҳосибӣ муайян карда мешавад. Ҳамин тавр, тавассути татбиқи нишондиҳандаи EVA таҳлили қиёсии нишондиҳандаҳои нақшавии лоиҳаи сармоягузорӣ бо нишондиҳандаҳои воқеии баамаломада хеле осонтар мегардад [5, с. 231].

Ҷадвали 1. Тавсифи муқоисавии нишондиҳандаҳо барои баҳодиҳии самаранокии сармоягузорӣ

Омил	Нишондиҳандаҳо				
	NPV (IP)	MIRR	ROE	ROI	EVA
Муайян карда мешавад	Аз рӯйи лоиҳаи мушаххас		Аз рӯйи ҳисоботи молиявӣ		Дар асоси фоидаи соф
Мавҷудияти ҷадвали аниқи пардохтҳо	Зарур аст		Зарур нест		
Дараҷаи самаранокии сармоягузорӣ	Фақат аз рӯйи лоиҳаи мушаххас		Аз рӯйи шуъба, амалиёт, лоиҳа		Умуман дар корхона
Вобастагӣ аз усулҳои ҳисоб	Мавҷуд аст				Мавҷуд нест
Самаранокии стратегии татбиққунӣ	Паст		Миёна	Паст	Баланд

Манбаъ: таҳияи муаллиф аз рӯйи: Царев В.В. Оценка экономической эффективности инвестиций / В.В. Царев - СПб.: Питер. - 2020. - 421 с.

Ба андешаи мо, аз сабаби он, ки сармоягузорӣ яке аз сарчашмаҳои муҳими таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ба шумор меравад, баҳодиҳии сатҳи самаранокии сармоягузорӣ дар ин соҳа бояд дар асоси равиши таҳлили системавӣ ба роҳ монда шуда, бо назардошти нишонаҳои асосии зерини арзёбии миқдории самаранокии раванди сармоягузорӣ амалӣ карда шавад:

1. Зимни интихоб кардани вариантҳои алтернативии сармоягузорӣ ба бахши аграрӣ индикатори ҳадафмандӣ бояд дар маркази раванди амалисозии сармоягузорӣ, бо роҳи ба инобат гирифтани вазъи ҷорӣ, пӯёи афзоиш ёфтани миқдори ҷалби сармоягузориҳо қарор дошта бошад.

2. Дар раванди баҳодиҳии дараҷаи самаранокии ҷараёни сармоягузорӣ меъёрҳо ва нишонаҳои мухталифи самаранокӣ бояд, на фақат аз рӯйи усулҳои миқдорӣ, балки дар асоси усулҳои сифатӣ ҳам мавриди таҳқиқ қарор дода шавад. Мақсад аз чунин тарзи арзёбӣ аниқ намудани натиҷаҳои зерини субъектҳои хоҷагидории бахши аграрӣ вобаста ба воридоти сармоягузориҳо ба ҳисоб меравад:

- аз нигоҳи стратегӣ - тавассути истифодаи технологияҳои нави замонавӣ, таҷдиду навсозии воситаҳои асосӣ сатҳи зарурии рақобатпазирии бахши кишоварзӣ таъмин карда шавад;

- аз ҷиҳати техникӣ - сатҳи интизории рақобатпазирӣ ва инкишофи мунтазаму босубот, баланд намудани дараҷаи самаранокии ҳаҷм ва сифати истеҳсолот, дараҷаи баланди ҳосилнокии меҳнат, то ҳадди имконпазир кам намудани як қатор номгӯи хароҷот, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи сифати маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда шавад.

3. Ҳангоми аниқ кардани меъёрҳои дараҷаи самаранокии сармоягузориҳо ба бахши аграрӣ, ба масъалаи арзёбии баланд бардоштани дараҷаи самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо, бо ба инобат гирифтани сабабҳо ва омилҳои таваррум, номуайянӣ ва хавф диққати аввалиндараҷа додан зарур аст. Ҳамчунин, дар раванди истифодаи захираҳои сармоягузориҳо меъёрҳоеро ҳам истифода бурдан зарур мебошад, ки ба масъалаи паст кардани дараҷаи номуайянӣ ва хавфҳо вобаста ҳастанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити муосир дар бисёр корхонаҳои соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои анъанавии баҳодиҳии сатҳи

самаранокии сармоягузорӣ, ба монанди ҳаҷми фоида, даромади ниҳоӣ, ҳаҷми фурӯш, даромади умумӣ ва ғайра истифода мешаванд. Ба андешаи мо, дар шароити муосир баҳодиҳии сатҳи самаранокии сармоягузорӣ дар субъектҳои хоҷагидории соҳаи кишоварзӣ бояд дар асоси ҳисобкунии ҳаҷми арзиши иловагие, ки корхонаҳо дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ гирифтаанд, ба роҳ монда шавад.

Ҳамин тавр, истифодаи усулҳои иқтисодии баҳодиҳии сатҳи самаранокии сармоягузорӣ дар субъектҳои хоҷагидории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад усули прогрессивии хароҷот татбиқ гардад, ки он афзалиятҳои зиёдро дар бар мегирад:

- баҳодиҳии арзиши иловагӣ ҳамчун натиҷаи раванди воридоти сармоягузориҳо;
- дар ҳамоҳангӣ арзёбӣ намудани ҷузъҳои арзиши аслӣ ва хароҷот;
- арзёбии самараноки хавфҳои сармоягузорӣ;
- беҳтар кардани дараҷаи дуруст ва саҳеҳ будани ҳуҷҷатҳо ҳангоми таҳлили стратегияи субъекти хоҷагидорӣ, ба нақша гирифтан ва пешгӯӣ намудани раванди сармоягузорӣ;
- аз як тараф ба инобат гирифтан, аз тарафи дигар пешгӯӣ кардани миқдори ҳаракти воситаҳои пулӣ.

Дар қисми хулосавӣ қайд кардан мумкин аст, ки омӯзиши равишҳои мухталифи методии арзёбии дараҷаи самаранокии раванди сармоягузорӣ ба бахши аграрӣ имкон фароҳам меорад, ки нишондиҳандаҳо, меъёрҳо ва индикаторҳои асосиву муҳим дар ин самт баҳогузорӣ карда шуда, масъалаҳои мавҷуда муайян ва самтҳои ҳалли онҳо пешниҳод карда шаванд. Татбиқи мақсаднок ва оқилонаи усулҳои баҳодиҳии самаранокии сармоягузорӣ имкон медиҳад, ки сатҳи ҷолибнокии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ баланд бардошта шуда, ҳаҷми воридоти захираҳои сармоягузорӣ ба соҳа зиёд карда шавад.

Адабиёт:

1. Агаркова Д.В. Оценка эффективности сельскохозяйственного производства / Д.В. Агаркова, Т.Г. Гурнович // Экономика сельского хозяйства. - 2016. - №3. - С. 37-43.
2. Водянников В.Т., Лысенко Е.Г. Экономика сельского хозяйства / В.Т. Водянников, Е.Г. Лысенко. - М.: Колос. - 2020. - 390 с.
3. Земцов А.В. Оценка эффективности инвестиционного проекта / А.В. Земцов // Банковское кредитование. - 2018. - №6. - С. 84-98.
4. Киселева Н.В., Боровикова Т.В., Захарова Г.В. Инвестиционная деятельность / Н.В. Киселева, Т.В. Боровикова, Г.В. Захарова - М.: КНОРУС. - 2021. - 432 с.
5. Коссов В.В. Методические рекомендации по оценке эффективности инвестиционных проектов / В.В. Коссов. - М.: Экономика. - 2021. - 421 с.
6. Мирсаидов А.Б. Совершенствование организационного механизма инвестиционной деятельности в гидроэнергетике Таджикистана / А.Б. Мирсаидов, Г.Х. Убайдуллозода // Таджикистан и мир. - 2022. - №4. - С. 56-66.
7. Моисеев В.В. Оценка инвестиционных процессов в отраслях АПК / В.В. Моисеев, М.А. Осмоловская // Научный журнал КубГАУ. - Краснодар: изд-во КубГАУ. - 2015. №111(07). - С. 230-239
8. Одинаев Ш.Т. Ҷолибияти сармоягузории минтақаҳо: хусусиятҳо ва роҳҳои ба даст овардан / Ш.Т. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иқтисодӣ. - Душанбе: «Сино». - 2013. - №2/5(117). - С. 256-258.

9. Сорокина М.Ю. Отечественные и зарубежные методики оценки эффективности инвестиций: сравнительный анализ / М.Ю. Сорокина, О.А. Крыжановский // Молодой учёный. - 2019. - № 4. С. 610- 619.

10. Царёв В.В. Оценка экономической эффективности инвестиций / В.В. Царёв - СПб.: Питер. - 2020. - 421 с.

МЕТОДИЧЕСКИЕ ПОДХОДЫ К ОЦЕНКЕ ЭФФЕКТИВНОСТИ ИНВЕСТИЦИЙ В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ

В данной статье рассматривается оценка эффективности инвестиций в сельское хозяйство с использованием различных методических подходов. Отмечено, что развитие аграрного сектора требует наличия больших инвестиционных ресурсов. Раскрыта экономическая сущность понятия эффективности инвестиций, определены основные показатели, используемые при оценке инвестиций в сельском хозяйстве. Автор проанализировал различные методические подходы к оценке эффективности инвестиций в сельское хозяйство и высказал свою точку зрения по ним. Автором определены критерии и показатели оценки эффективности инвестиций в сельское хозяйство. Определены три основных направления оценки эффективности инвестиций в сельское хозяйство. Автором представлена сравнительная характеристика показателей оценки эффективности инвестиций. Отмечено, что необходимо проводить оценку эффективности инвестиций в аграрный сектор на основе системного аналитического подхода с учётом количественных методов оценки. Оценку эффективности инвестиций в сельское хозяйство предлагается осуществлять на основе расчёта размера добавленной стоимости, которую получают предприятия в результате реализации инвестиционных проектов.

Ключевые слова: инвестиции, сельское хозяйство, рентабельность, эффективность, инвестиционный проект, инвестиционные ресурсы, показатели, качество продукции, окупаемость фондов, прибыль.

METHODOLOGICAL APPROACHES TO ASSESSING THE EFFICIENCY OF INVESTMENTS IN AGRICULTURE

This article examines the assessment of the effectiveness of investments in agriculture using various methodological approaches. It is noted that the development of the agricultural sector requires large investment resources. The economic essence of the concept of investment efficiency is disclosed, the main indicators used in assessing investments in agriculture are defined. The author analyzed various methodological approaches to assessing the effectiveness of investments in agriculture and expressed his point of view on them. The author defined the criteria and indicators for assessing the effectiveness of investments in agriculture. Three main areas for assessing the effectiveness of investments in agriculture are identified. The author presents a comparative description of the indicators for assessing the effectiveness of investments. It was noted that it is necessary to assess the effectiveness of investments in the agricultural sector based on a systematic analytical approach, taking into account quantitative assessment methods. It is proposed to assess the effectiveness of investments in agriculture based on the calculation of the amount of added value that enterprises receive as a result of the implementation of investment projects.

Key words: investments, agriculture, profitability, efficiency, investment project, investment resources, indicators, product quality, return on assets, profit.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Бобиева Муниса Абдуллоевна - ассистенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе. Тел: (+992) 987787955; E-mail: bobieva.munisa95@mail.ru

Сведения об авторе:

Бобиева Муниса Абдуллоевна - ассистент кафедры "Финансы и кредит" Технологического университета Таджикистана. 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе. Тел: (+992) 987787955; E-mail: bobieva.munisa95@mail.ru

Information about the author:

Bobieva Munisa Abdulloevna - Assistant Professor, Department of Finance and Credit of the Technological University of Tajikistan. Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe. Tel: (+992) 987787955; E-mail: bobieva.munisa95@mail.ru

УДК 332.716/348.47.637.7.8776(576.4)

ИНКИШОФИ БАХШИ ДАВЛАТИИ ИҚТИСОДИЁТИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Куганов Н. К.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар мақола мубрамияти масъалаҳои дида баромадани муносибатҳои муаяйн доир ба бахши давлатӣ ва нақши он дар рушди иқтисодии минтақаҳо асоснок карда шудааст. Пеш аз ҳама муҳимияти интихоби модели самарабахши бахши давлатӣ ва системаи идоракунии он ва дар ин ҷараён масъалаи фаҳмиши бахши давлатӣ аз меъёрҳои истеҳсолоти бозоргониву ғайрибозоргонӣ ва сатҳи назорати давлатӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта шудааст. Барои арзёбии соҳаи фаъолияти бахши давлатӣ аз меъёрҳои фоиданоки ҷамъиятии он истифода карда шудааст ва тамоюл рушди ин бахш дар низоми иқтисодиву иҷтимоии вилояти Хатлон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар мақола асоснок карда шудааст, ки натиҷаи фаъолияти бахши давлатӣ дар манотиқи мамлакат бояд дар буриши пуррагии иҷрои вазифаҳои ба он вогузоршуда арзёбӣ карда шавад. Азбаски вазифаҳои мазкур ҳомили на сирф иқтисодӣ, балки хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ низ ҳастанд, арзёбии самаранокии фаъолияти бахши давлатии иқтисодиёт ба мақсад мувофиқ аст, ки аз рӯйи нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ: сатҳи зиндагӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва фарқияти иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ, шароити меҳнат, дарозумрии аҳолӣ ва ғ. амалӣ карда шавад.

Калимаҳои калидӣ: низоми иҷтимоиву иқтисодии минтақа, давлат, бахши давлатии иқтисодиёти минтақа, буҷети давлатӣ, идоракунии давлатӣ, соҳаи иҷтимоӣ, неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим, некуаҳволии мардум, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд шудааст, ки "рушди минтақаҳои кишвар сатҳи муҳимтарини татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ буда, ҳамчун нуқтаи ниҳоии тамоми кӯшишҳои қатъии ҳукумат дар самтҳои афзалиятнок дида баромада мешавад. Таҳия намудани стратегияи маҷмуии давлатии рушди минтақаҳои

Тоҷикистон дар асоси таҳлили иқтидор ва талаботи минтақаҳо вобаста ба имкониятҳои сармоягузории онҳо, инчунин, ҳамоҳангсозӣ ва синхронизатсияи барномаҳо/стратегияҳои рушди соҳавӣ ва минтақавӣ”[14] самтҳои асосии фаъолиятро оид ба рушди минтақаҳо ташкил медиҳад. Чуноне, ки аз ин масъалагузории стратегӣ бармеояд, дар таъмини рушди системаи иқтисодии минтақаҳои мамлакат, фаъолияти иқтисодиву иҷтимоии он нақши пешбарро дорад. Вазифаҳои иқтисодиву иҷтимоии давлат тавассути фаъолияти пурсамари субъектҳои бахши давлатии иқтисодиёт суръат мегирад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқу арзёбии тамоюли рушди бахши давлатии иқтисодиёти минтақаҳо, ки иттилооти объективию дақиқро барои қабули қарорҳои идоракунии босамари равандҳои иҷтимоиву иқтисодӣ таъмин менамояд, муҳим мебошад. Муносибатҳои таҳлиливу арзёбӣ, умуман гузаронидани мониторинги тамоюли рушди бахши давлатии иқтисодиёти минтақаҳо ворид намудани муқараротро дар моҳияту мундаричаи бахши давлатии иқтисодиёт тақозо менамояд. Бинобар ин, мо барои тавзеи моҳияти ин бахши муҳими иқтисодиёт ба таҳлили адабиёти илмӣ рӯ овардем.

Дар адабиёти иқтисодии хориҷиву ватанӣ аз тарафи муаллифон масъалаҳои муносибатҳои методии арзёбии рушди бахши давлатӣ пешниҳод карда шуда истодааст. Ин ҷо баҳсҳо доир ба интихоби модели самарабахши бахши давлатӣ ва системаи идоракунии он ба чашм мерасад. Бахусу, дар муколамаи илмӣ масъалаҳои тавсифи моҳияти бахши давлат ҷойгоҳи махсус ва муҳимро ишғол менамояд. Дар алоқаманди ба ин олимони ғарб Э.Б. Аткинсон ва Ҷ.Э. Стиглитс[15] таъкид доштанд, ки дарки моҳияту вазифаи бахши давлатӣ аз ҳамон меъёрҳое, ки тадқиқотчиён истифода мебаранд вобастагӣ дорад. Дар ин ҷо масаълаи истеҳсолоти бозоргонӣ ва ғайрибозоргонӣ, дараҷаи назорати давлатӣ дар миёнаҷой қарор дорад. Зимнан, бояд қайд намуд, ки айни замон фаъолияти вобаста ба аломатҳои ҷудогонаи фаъолияти бахши давлатӣ ва фаъолияти хусусӣ монандӣ ҳам доранд. Аммо, зимни баҳодиҳии фаъолияти бахши давлатӣ ба меъёрҳои нафъноки ҷамъиятӣ ва самараи иҷтимоии берунаи он таваҷуҳ дода мешавад. Аммо, дар маҷмуъ бо мурури замон метавонанд мазмуну мундаричаи меъёрҳои таъкидшуда дигаргун шаванд. Дар замони муосир беҳтаркунонӣ ва ислоҳдарорӣ ба таваҷҷуҳи умумӣ ба шумораи зиёди шаклҳои фаъолияти бахши хусусӣ, махсусан, дар соҳаи неъматҳои омехта ворид мегарданд.[16]

Олим - иқтисодчии рус Балатский Б.В. бахши давлатии иқтисодиётро ҳамчун ҷузъи иқтисоди миллӣ тавсиф дода, онро ба як якчанд субекти хоҷагидорӣ ҷудо намудааст. Вай зери ин мафҳуми (бахши давлатии иқтисод) шумораи муайяни шахсони ҳуқуқиро, ки идоракунии муассисаҳои аз тарафи давлат вогузоршударо ба дӯш доранд, мефаҳмад[2]. Дар ин муқарарот ба андешаи мо, мафҳуми бахши давлатӣ дар доираи фаъолияти корхонаҳои давлатӣ маҳдуд шудааст..

Олими дигари ФР Л.И. Якобсон бахши давлатиро на танҳо соҳаи давлатӣ, балки бахши буҷа ва дигар захираҳои кишвар, ки бевосита дар ихтиёри давлат мебошанд, муайян намудааст[3]. Чуноне, ки мебинемин инҷо қоидаи васеи бахши давлатӣ баррасӣ шудааст, ки дар он ҷариб ҳамаи паҳлуҳои фаъолияти давлатӣ инъикос ёфтаанд. Бинобар ин, чунин шарҳу эзоҳ ва дарки моҳияти бахши давлатӣ барои бисёр муҳаققиқони ИДМ ба таври намунавӣ боқӣ мемонад. Мо ҳам дар ҷараёни таҳқиқоти мавзуъ ба чунин шарҳу эзоҳи бахши давлатӣ такя намудем ва сохтори онро дар расми 1 овардем.

---

[14] Дар Стратегияи миллии рушди Љумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, - С.46-47.

[15] Аткинсон Э.Б., Стиглиц Дж.Э. Лекции по экономической теории государственного сектора. М.: Аспект Пресс. 1995. - С. 32.

[16]Мирсаидов А.Б. Роль государственного сектора в развитии общественного сектора экономики Республики Таджикистан Экономика Таджикистан, международный научный журнал ИЭД АН РТ, №2, 2013, - С.31-41.



Расми 1. Бахши давлатии иқтисодиёт

Зимни таҳлили назариявии фаъолияти давлат таваҷҷуҳ асосан ба истифодаи захираҳое тамаркуз мешавад, ки онҳо барои ноилгардї ба функсияҳои ба он вогузошта равона шудааст. Аз ҳама тангтар равише ки бахши давлатиро аз мавқеи моликият муайян мекунад, ба моҳияти маҳдуд хос аст[17]. Яъне дар доираи ин муносибат бахши давлатї бо қисми иқтисодиёте шабоҳат дода мешавад, ки ба моликияти давлатї асос ёфта, аз ҷониби сохтору ниҳодҳои давлатї идора карда мешавад. Аз нигоҳи муносибати *сохтори давлатї* ҳомили манфиатҳо молик – давлат буда, онҳоро дар ҷараёни фаъолият дар соҳаи муносибатҳои моликият ифода мекунад. Дар доираи *сохторҳои ташкилї, ки ба* низоми итоати томи мақомот ва муассисаҳои давлатї таваҷҷуҳ дода мешавад, ташаккули вазифаҳо ва функсияҳои давлат ба он вобаста карда мешавад. Мутобиқ ба ин функсияҳо давлат намудҳои зерини фаъолиятро амалї месозад: қонунгузорї, иҷроӣ, судї, таъсисотї, назоратї, иттилоотї.

Аксари муносибатҳо доир ба бахши давлатї ҳамчун иловаи бахши хусусї дар он ҷое, ки ангеза барои сармояи хусусї нокифоя мебошад (махсусан, пешниҳоди неъматҳои ҷамъиятї), барассї карда мешавад. Ба бахши давлатї он соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодро дохил мекунанд, ки ба қонеъ гардонидани талаботи умумидавлатї, иҷрои вазифаҳои аҳамияти умумимиллї дошта машғул ҳастанд.

Муносибати дигари тавсифи бахши давлатиро муносибати захиравї (фондҳо) пурра мекунад. Зеро амалигардонии ҳар гуна вазифаҳои давлат дар соҳаи иқтисодї ё иҷтимоӣ аз сатҳи таъминоти захиравї вобаста мебошад. Дар доираи ин муносибат сохтори бахши давлатиро ба буҷети давлатї ва фондҳои ғайрибуҷетї ҷудо мекунанд.[18]. Ин ҷузъҳо (буҷети давлатї ва фондҳои ғайрибуҷетї) дар

[17]Райзберг Б.А., Лозовский Л.Ш., Стародубцева Е.Б. Современный экономический словарь [электронный ресурс]. - М., 2003. - режим доступа http://jur.vslovar.org.ru/14948.html свободный.

[18] Якобсон Л.И. Экономика общественного сектора: Основы теории государственных финансов: Учебник для вузов / Л.И. Якобсон. - М.: Аспект Пресс, 1996. – С.. 13.

заминаи ташаккулу рушди системаи молиявии давлат қарор гирифта, ба ҳайси инструментҳои асосии танзими давлатии иқтисодиёт хидмат менамояд ва нақши калидиро дар таъмини субот ва рушди кишвар мебозад. Бо дастгирии фондҳои бахши давлатӣ азнавтақсимкунии ММД сурат мегирад, яъне он байни бахшу соҳаҳо, минтақаҳои кишвар ва миёни субъектҳои алоҳидаи иқтисодиёт тақсим карда мешавад. Дар ин муносибат ба рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт таваҷуҳ дода мешавад. Ба он бахшҳое диққати махсус дода мешавад, ки зиёновар ва камдаромад мебошанд, аммо муҳимияти баланди иҷтимоиро доро мебошанд (масалан, таҳсилот, тандурустӣ), инчунин, барои таъмини амнияти миллӣ заруранд. Масъалаи дигари муҳим баробаркунии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои алоҳидаи кишвар мебошад, ки дар тафрикагардии аз меъёр зиёди даромадҳои шаҳрвандон монеъа эҷод менамояд ва ғ.

Гузориши боло ба хулосае меорад, ки муносибатҳои дар боло зикршуда ба консепсияи неоклассикие, ки тибқи он бахши давлатӣ танҳо дар мавридҳои махсуси “нокомиҳои бозор” рӯйи майдон меояд, такя менамояд. Бинобар он, рӯз аз рӯз нақши давлат дар намуди танзими фаъолияти монополияҳо, муқовимат намудани ба таъсироти берунаи манфӣ, истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ (нимҷамъиятӣ), ташкили муносибатҳои одилонаи тақсимот дар ҷомеъ ва иттилоот байни контрагентҳо имкон медиҳад ва ҳамин тариқ “оқилгардиро тибқи Парето” рӯйи кор меорад, яъне дар ҷобаҷогузории оқилонаи захираҳо дар системаи иқтисодии ҷомеа ноил мешавад.

Натиҷаи фаъолияти бахши давлатӣ дар манотиқи мамлакат одатан дар буриши пуррагии иҷрои вазифаҳои ба он вогузоршуда арзёбӣ карда мешавад. Азбаски вазифаҳои мазкур ҳомили на сирф иқтисодӣ, балки хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ низ ҳастанд, арзёбии самаранокии фаъолияти бахши давлатии иқтисодиёт ба мақсад мувофиқ аст, ки аз рӯйи нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ: сатҳи зиндагӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва фарқияти иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ, шароити меҳнат, дарозумрии аҳолӣ ва ғ. амалӣ карда шавад.

Натиҷаи рушди идоракунии давлатӣ ва фаъолияти бахши давлатии иқтисодиёти минтақаҳо пеш аз ҳама дар тамоюли рушди истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ (МММ) инъикос меёбад. МММ асоси модии рушди ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии минтақаҳоро ташкил медиҳад. Дар давраи солҳои 2018 -2023 ҳаҷми истеҳсоли МММ аз 17,1 то 36,0 млрд сомонӣ ва ё 2,1 маротиба афзудааст. Ҳиссаи маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ба ҳаҷми маҳсулоти умуми дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24, 8 то 27,6 фоиз ва ё 2,8 банди фоизӣ афзудааст (ҷадвали1). Пайваста бо афзоиши маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ҳаҷми даромади буҷети маҳал – буҷети мақомоти иҷроияи давлатии вилояти Хатлон низ афзудааст.

Ҷадвали 1. Маҷмуи маҳсулоти минтақавии вилояти Хатлон

Нишондиҳандаҳо	2018	2019	2020	2021	2022	2023
Маҷмуи маҳсулоти минтақавии вилояти Хатлон, (млн. сомонӣ)	**17107,5**	**19664,0**	**22080,5**	**26967,8**	**33832,1**	**36064,7**
Афзоиш нисбати соли гузашта, (бо фоиз)	**106,8**	**107,4**	**104,5**	**109,1**	**108,1**	**108,3**
Таносуби маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ нисбати ҳаҷми маҳсулоти умуми дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон, (бо фоиз)	**24,8**	**25,4**	**26,8**	**27,3**	**29,2**	**27,6**

Ҳисоб карда шуд аз рӯйи Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2023, 2024, - С. 253.

Чуноне, ки аз расми 1 Аён аст даромади буҷети давлатӣ дар ин давраи таҳлилӣ аз 1546,7 то 3019,8 млн сомонӣ ва ё 95,2 фоиз зиёд шуда, ҳиссаи он дар ММД соли 2023 дар сатҳи 8,3 фоиз, ки ин нишондиҳанда соли 2018 дар сатҳи 9 фоиз қарор дошт. Пастшавии ин нишондиҳанда поён рафтани сатҳи гаронии андозро ба субъектҳои хоҷагидор низ нишон медиҳад. Афзоиши даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби рушди иқтисодӣ ба вуҷуд омадааст.



Расми 1.Динамикаи истеҳсоли ММД ва даромади буҷети давлатӣ, млн. сомонӣ
(Манбаъ: Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2023, 2024, с.13., с. 253)

Ҳадафи ниҳоии рушди иқтисодӣ ба рушди сатҳи зиндагии мардум ва некуаҳволии он равона шудааст. Афзоиши аҳолӣ ҳам натиҷаи беҳдошти зиндагӣ мебошад. Соли 2023 шумораи аҳолии доимии вилоят 3697,7 ҳазор нафарро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2018 12,9 фоиз зиёд шудааст, афзоиши табии аҳолӣ бошад низ беш аз 8,2 фоиз зиёд аст. Афзоиши аҳоли табиист, ки талаботҳои нави ҷаъмиятиро тақозо менамояд ва ин талаботҳо қонеъ ҳам гардида истодаанд. Дар ин давраи таҳлилӣ шумораи миёнаи солонаи машғулин дар иқтисодиёти вилоят аз 456,7 то 498,7 ҳазор нафар ва 9,2 фоиз афзудааст, сатҳи бекорӣ бошад дар сатҳи 0,5 банди фоиз ва ё аз 1,9 то 1,4% паст фаромадааст. Ҳисоби миёнаи музди кории ҳармоҳаи як корманди соҳаҳои иқтисодиёт дар соли 2023 ба андозаи 1557,71 сомонӣ расидааст, ки нисбат ба соли 2018 70,5 фоиз зиёд шудааст, андозаи миёнаи нафақаи якмоҳа, низ 23,3 фоиз зиёд шудааст. Ин нишондиҳандаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, ки тамоюли устувор доранд аз самранокии идораи давлатӣ ва ниҳодҳои он шаҳодат медиҳад. (Ҷадвали 2.)

Зимнан, бояд қайд намуд, ки таъмини рушди иҷтимоии аҳолии вилоят, истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим, ки ба рушди инсон ва сармояи инсонӣ равона шудааст, ҷавҳари фаъолияти бахши давлатиро ташкил медиҳад. Чуноне, ки маълумоти ҷадвали 3 нишон медиҳад соли 2023 ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳаи маориф 1769,4 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2018 беш аз 2 маротиба зиёд шудааст. Чуноне, ки мебинем беш аз 59 фоизи ҳароҷоти буҷетии маҳал ба маблағгузории маориф равона шуда истодааст. Маблағгузории соҳаи тандурустӣ низ дар ин давраи таҳлилӣ аз 392,6 то 740,7 млн сомонӣ ва ё 88,6% афзудааст.

Ҷадвали 2. Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон

Нишондиҳандаҳо	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2023 ба 2018,%
Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол, ҳазор нафар	3274,9	3348,3	3459,7	3530,0	3611,2	3697,7	112,9
Афзоиши табиии аҳолӣ, ҳазор нафар	82,9	73,4	83,3	74,4	85,1	89,7	108,2
Шумораи миёнаи солонаи машғулин дар иқтисодиёт, ҳазор нафар	456,7	473,2	476,0	486,8	489,7	498,7	109,2
Сатҳи бекорӣ, %	1,9	1,7	1,8	1,7	1,8	1,4	-0,5бф
Ҳисоби миёнаи музди кории ҳармоҳаи як корманд, бо сомонӣ	913,33	998,54	1053,8	1143,19	1305,07	1557,71	170,5
Андозаи миёнаи нафақаи якмоҳа, бо сомонӣ	296,73	291,52	311,31	361.18	317,66	365,08	123,3
Даромади буҷети давлатӣ, млн. сомонӣ	1546,70	1720,4	19030,3	2225,5	2489,0	3019,8	195,2
Хароҷоти буҷет, млн. сомонӣ	1515,7	1687,0	1869,8	2156,7	2454,6	2966,8	195,7

Манбаъ: Омори вилояти Хатлон 1991-2023, 2024, - С.10-13.

Ҷадвали 3. Динамикаи соҳаҳои иҷтимоии вилояти Хатлон

Нишондиҳандаҳо	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2023 ба 2018, %
Хароҷот, ҳамагӣ	1515748,1	1687038,8	1869826,7	2156734,0	2454646,7	2966888,3	195,7
Аз он ҷумла							
Маориф	880401,5	980708,9	1074807,6	1252626,7	1418667,9	1769463,1	201,0
Тандурустӣ	392663,2	419756,2	491312,8	541466,7	598913,2	740689,3	188,6
Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ	11052,5	12767,2	12846,0	14337,8	16494,0	19252,7	174,5
Хоҷагии манзилию коммуналӣ	42267,0	43984,8	46312,9	55119,8	58216,8	66908,6	158,5
Чорабиниҳои фарҳангӣ-оммавӣ, солимгардонӣ ва динӣ	52573,8	65098,6	67775,7	78801,5	82425,8	88871,0	169,1

Манбаъ: Омори вилояти Хатлон 1991-2023, 2024, - С. 211-212.

Ҳаҷми маблағгузории давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ дар соли 2023 беш аз 19,2 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2018 74,5 фоиз зиёд шудааст. Маблағгузори назаррас ба хоҷагии манзилию коммуналӣ ва чорабиниҳои фарҳангӣ-оммавӣ, солимгардони ва динӣ низ равона шуда истодааст, ки онҳо дар давраи таҳлилӣ мувоффиқан 58,5 ва 69,1 фоиз зиёд шудааст. Ҳамин тариқ, пайваста бо рушди иқтисодии вилоят рушди сифатии бахши давлатӣ дар таъмини рушди иҷтимоии он тамоюли устувори афзоишро касб намудааст. Ин

маблағгузориҳои азим дар бахши иҷтимоӣ ба омили рушди иқтисодӣ табдил ёфта самараи хуби иҷтимоиву иқтисодиро барои ҳамаи сокинони вилоят меорад.[19]

Дар ин самт, мукаммалгардии усулҳои фаъолияти сатҳҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ, дар чорҷубаи ваколатҳои дар санадҳои қонунгузории ҷумҳурӣ зикр гашта, муқаррар гардидаанд. Муносибатҳои рақобатӣ миёни сатҳҳои гуногуни ҳокимият ташаккул ёфтаанд, муқарароти ваколатҳо миёни онҳо бо он афзалиятҳое, ки ҳар як сатҳ доро мебошад, аниқ карда шудааст. Дар ҳокимиятҳои маҳаллӣ пойгоҳи устувори иттилоотӣ, ки барои идоракунӣ ва қабули қарорҳои дахлдор, зарур аст ташаккул ёфтааст. Тадричан ҷалби мутахассисони рақобатпазир, баландихтисос, захираҳои назарраси молиявӣ ва моддӣ аз манбаъҳои гуногун, ки бо соҳибкории давлатӣ алоқаманд аст, сурат гирифта истодааст. Анъанаҳо ва хусусиятҳои ҳудуди мушаххас, захираҳои табии он, вазъи фаъолияти соҳибкорӣ, шавқу ҳавасҳо дар пояи омӯзиши талаботи аҳолӣ дар фаъолияти мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо инъикос ёфта, вобаста ба он қарорҳои мушаххаси самаранок қабул шуда истодааст.

Миёни марказ ва минтақа, байни сатҳҳои алоҳидаи ҳокимият дар мачмуи ваколатҳо тақсимоти ваколатҳои хароҷотӣ ва даромадӣ муайян карда шудааст. Ба зиммаи мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатии вилоят масъулият барои истеҳсоли неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим вогузор шудааст ва мутобиқан воситаҳоро вобаста ба он мустақилона сарф мекунанд. Дар моддаҳои 16 ва 19 – и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатӣ” тақсимоти ваколатҳои хароҷотӣ аз рӯйи бандҳои алоҳидаи буҷетӣ дар мамлакат даққиқан муайян гардидааст, ки дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

Ҷадвали 4. Тақсимоти ваколатҳо байни сатҳҳои алоҳидаи ҳокимият аз рӯйи маблағгузорӣ дар бахши ҷамъиятӣ

№ Пп	Хароҷоти муштараки буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ	Хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ
1.	Дастгирии давлатии соҳаҳои саноат, сохтмон, кишоварзӣ, энергетика, нақлиёт, алоқа ва хоҷагии роҳ	Таъмини фаъолияти мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳракҳо ва деҳот
2.	Таъмини фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ	Ташаккулёбии моликият давлатӣ дар маҳаллҳо ва идоракунии он
3.	Таъмини бехатарии зиддисӯхторӣ	Ташкил, таъмини фаъолият ва рушди муассисаҳои таҳсилот, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ, матбуоти даврӣ ва нашрияҳои даврӣ, муассисаҳои дигаре, ки ба моликияти коммуналӣ мансубанд ё дар тобеияти мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ қарор доранд
4.	Таъмини фаъолияти илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ, лоиҳавию тадқиқотӣ, ки пешрафти илмию техникиро таъмин менамоянд	Рушди хоҷагии манзилию коммуналӣ, сохтмони роҳҳои аҳамияти маҳаллидошта ва нигоҳубини онҳо, ободонӣ ва сабзкунонӣ дар маҳалҳо; ташкили истифода ва коркарди партовҳои маишӣ

[19] Архипов В.М. Емельянов А.М. Оцеенки социальной ставки дисконтирование //Финансы и кредит, - 2006, - №17.

Идомаи ҷадвали 4.

5.	Таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, таҳсилот, тандурустӣ, фарҳанг ва варзиш	Ташкили хизматрасонии нақлиётии аҳолӣ ва муассисаҳое, ки дар моликияти коммуналӣ ё тобеияти мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ қарор доранд
6.	Таъмини ҳифзи табиат, ҳифз ва такрористеҳсоли захираҳои табиӣ, фаъолияти гидрометерологӣ	Ҳифзи табиат дар маҳаллҳо
7.	Таъмини огоҳкунӣ ва бартараф намудани оқибатҳои вазъиятҳои фавқулодда ва офатҳои стихиявӣ	Татбиқи барномаҳои мақсадноки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ
8.	Рушди инфрасохтори бозор	Хизматрасонӣ ва падохти қарзи мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳоки-мияти давлатӣ
9.	Таъмини фаъолияти воситаҳои ахбори омма	Трансфертҳо барои аҳолӣ
10.	Кумаки молиявӣ ба буҷетҳои дигар	Гузаронидани интихоботи мақомоти маҳаллии намояндагии ҳокимияти давлатӣ
11.	Хароҷоти дигаре, ки дар тобе-ияти мақомоти ҳоқимият ва идораи давлатии мақомоти иҷроияи ҳокимияити давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳ-ракҳо ва деҳот қарор доранд	Маблағгузории қарорҳои дигари мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва хароҷоти дигаре, ки ба масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта, мутобиқ ба таснифи буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат дода шудааст

Манбаъ: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатӣ", 28 июни соли 2011, № 723. - С. 14.

Дар мавриде, ки системаи дақиқ ва босуботи тақсимоти ваколатҳои хароҷотӣ вуҷуд надошта бошанд, пас ҳодисоти пешниҳоди хизматрасониҳои ғайрисамаранои ҷамъиятӣ сурат мегирад. Механизми муҳими идораву назоратро ҳадгузории ваколатҳои хароҷотӣ ташкил медиҳад. Дар ин самт, бахусус аввал ҳадди ақали ягонаи кафолатдодашудаи неъматҳои ҷамъиятии барои ҳама баробар (стандартҳои ягонаи иҷтимоӣ) муқарар карда мешаванд ва баъдан вобаста ба он ва барои иҷрои он манбаъҳои маблағгузорӣ ҷустуҷӯ карда мешавад. Дар ҳолате, ки барои маблағгузории ин ҳадди ақали неъматҳои ҷамъиятӣ дар минтақа ёфт нашаванд, он гоҳ барои кумак марказ - давлат шомил мегардад, зеро вазифаи муҳими давлат – ин ташкили сатҳи зиндагии ягона барои ҳама тавассути истифодаи трансфертҳои баробаркунанда маҳсуб мешавад. Самти таъмини самараноки пешниҳоди хизматрасониҳо (аз тарафи бахши давлат), дар навбати аввал ба он равона карда мешавад, ки ба ҳадди аксар эҳтиёҷот ва афзалиятҳои андозсупорандагонро қонеъ гардонад. Воридоти андозӣ манбаи асосии буҷети маҳал мебошанд. Мустақилияти ҳокимияти маҳалӣ дар таъмини қисми даромаде, ки ҳадафи истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои ҷамъиятиро дорад, эҷоди тамсилаи самараноки муносибатҳои байнибуҷетиро тақозо менамояд.

Худидоракунии маҳаллӣ дар рушди бахши давлатии маҳалҳои кишвар нақши муҳим дорад. Дар онҳо бояд идоракунии самаранок ва инкишофи демократия ҳамчун талаботи ҷамъиятӣ рушд ёбад. Ин самтҳои бунёдӣ на танҳо ҳадафи идорашавандагии беҳтар, рушди

озодиву мустақилияти шаҳрвандӣ ва масъулият барои рушди иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа, балки барои худташкилкунии шаҳрвандон дар ҷанбаи амалисозии мустақили ташаббусҳои аҳамияти маҳаллидошта муҳим мебошад.[20] Муносибатҳоро дар ҷомеаҳои маҳаллӣ метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард. Якум – ҷомеаҳои "ҳудудию маъмурӣ" – и маҳаллӣ, ки он ҳамчун иттиҳодияи ҳамаи шаҳрвандони дар марзҳои таъсисоти ҳудудӣ тавсиф меёбад ва ҳамчун ҳудуди ҷомеаи маҳаллӣ эътироф карда шудааст. Ин гурӯҳро иттиҳодияҳои сокинон, шаҳррвандон аз рӯйи маҳалли зист, ки дар системаи худидоракунии ҳудудии ҷамъиятӣ (ХҲҶ) – и аҳолӣ амал мекунанд, ташкил медиҳанд. Таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии маҳалҳо дар сатҳи ХҲҶ дар натиҷаи наздикии бевосита ба бозорҳои маҳаллӣ сурат мегирад. Чунин ҷомеаҳо дорои хусусиятҳои зерин мебошанд:

- имконияти баҳисобгирии фарогири ҳар гуна мушкилоти иқтисодиву иҷтимоии маҳали мазкур назар ба сатҳи ноҳия пайдо мешавад;
- имконияи васеъи истифодаи оқилонатару самраноки захираҳо (моддӣ, молиявӣ, ташкилию техникӣ ва дигар) ҳудуди рӯйи кор меод;
- дар ҷомеаи маҳал нисбат ба дигар институтҳои ҷомеа, ба монанди ҷомеаи шавҳрвандӣ ва давлат, манфиатҳои воқеии аҳолӣ дар натиҷаи ошкор гардидани манфиатҳои сокинон дар раванди амали якҷояи бевосита наздик мебошанд;
- суръат гирифтани иштироки фаъоли сокинон дар ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодии, ки бидуни он идоракунии маҳаллӣ расмияти одӣ боқӣ мемонад.
-

Адабиёт:

1. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, - С. 46-47.
2. Аткинсон Э.Б., Стиглиц Дж.Э. Лекции по экономической теории государственного сектора. М.: Аспект Пресс. 1995. - С. 32.
3. Мирсаидов А.Б. Роль государственного сектора в развитии общественного сектора экономики Республики Таджикистан. Экономика Таджикистана. Международный научный журнал ИЭД АН РТ, - №2, 2013, - С. 31-41.
4. Райзберг Б.А., Лозовский Л.Ш., Стародубцева Е.Б. Современный экономический словарь [электронный ресурс]. - М., 2003. - режим доступа http://jur.vslovar.org.ru/14948.html.
5. Якобсон Л.И. Экономика общественного сектора: Основы теории государственных финансов: Учебник для вузов / - М.: Аспект Пресс, 1996. - С. 13.
6. Архипов В.М. Емельянов А.М. Оцеенки социальной ставки дисконтирование //Финансы и кредит, - 2006, - №17.
7. Мирсаидов А.Б. Место и роль общественного сектора в экономики Республики Таджикистан//Экономика Таджикистан, 2016, - № 4, - С .36-42.
8. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2023, 2024, - С. 253.
9. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2023, 2024, - С. 253.
10. Омори вилояти Хатлон 1991-2023, 2024, - С. 10-13.
11. Омори вилояти Хатлон 1991-2023, 2024, - С. 211-212.
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатӣ", 28 июни соли 2011, № 723. - С. 14.

[20] Мирсаидов А.Б. Место и роль общественного сектора в экономики Республики Таджикистан//Экономика Таджикистан, 2016, № 4, - С 36-42.

РАЗВИТИЕ ГОСУДАРСТВЕННОГО СЕКТОРА ЭКОНОМИКИ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

В статье обосновывается актуальность рассмотрения отдельных вопросов, связанных с государственным сектором и его ролью в экономическом развитии регионов. Отмечается важность выбора эффективной модели государственного сектора и системы его управления, который в этом процессе решает вопрос понимания государственным сектором норм рыночного и нерыночного производства, и уровня государственного контроля. Автором использованы для оценки сферы деятельности государственного сектора критерии его общественной полезности, проанализированы тенденции развития этого сектора в социально-экономической системе Хатлонской области. В статье утверждается, что результаты деятельности государственного сектора в регионах страны следует оценивать с точки зрения полноты выполнения возложенных на него задач. Поскольку эти задачи носят не только экономический, но и социально-экономический характер, целесообразно оценивать эффективность государственного сектора экономики на основе социальных показателей: уровня жизни, социальной защищённости и социально-экономического разнообразия населения, условия труда, продолжительность жизни населения и т. д.

Ключевые слова: социально-экономическая система региона, государство, государственный сектор экономики региона, государственный бюджет, государственное управление, социальная сфера, социально значимые блага, благосостояние населения, органы местного самоуправления.

DEVELOPMENT OF THE STATE SECTOR OF THE ECONOMY OF KHATLON REGION

The article substantiates the relevance of the issues of considering certain relations regarding the state sector and its role in the economic development of regions. First of all, the importance of choosing an effective model of the state sector and its management system is studied, and in this process, the issue of understanding the state sector from the criteria of market and non-market production and the level of state control is studied. The author used the criteria of its social utility to assess the sphere of activity of the state sector and analyzed the development trends of this sector in the economic and social system of Khatlon region. The article substantiates that the results of the activity of the state sector in the regions of the country should be assessed in terms of the completeness of the fulfillment of the tasks assigned to it. Since these tasks are not only economic, but also socio-economic in nature, it is advisable to assess the effectiveness of the state sector of the economy based on social indicators: standard of living, social security and socio-economic diversity of the population, working conditions, longevity of the population, etc.

Key words: socio-economic system of the region, state, state sector of the regional economy, state budget, state administration, social sphere, socially important goods, people's well-being, local government bodies.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Куганов Неъмат Камолович - н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Тел: 918704837

Сведения об авторе:

Куганов Неъмат Камолович - к.э.н., доцент кафедры «Бухгалтерского учёта и аудита» Кулябского государственного университета имени А. Рудаки. Тел: 918704837

Information about the author:

Kuganov Nemat Kamolovich - Ph.D. in Economics, Associate Professor of the Department of Accounting and Auditing, Kulyab State University named after A. Rudaki. Tel: 918704837

УДК 677.027.4

МАРҲИЛАҲОИ ТАРАҚИЁТИ ТАЪРИХИИ ТАҲҚИҚИ НИЗОМИ САРМОЯГУЗОРӢ БА САРМОЯИ ЗЕҲНӢ

Қаландарзода Г.С.

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Шарҳу баёни ҳақиқатан илмии низомҳои сармоягузорӣ ба соҳаи сармояи зеҳнӣ аз нигоҳи асарҳои олимони буржуазии халқҳои Шарқ, аз ҷумла форсизабонон ва таҳқиқотҳои илмии олимон хориҷӣ, муҳимтарин масъалаҳои таҳқиқотҳои илмии назари муҳақиқони иқтисодшинос оиди сармоягузориҳо дар низоми сармояи зеҳнӣ, инкишофи сармояи зеҳнӣ ва вобастагии амиқи он ба рушди соҳаи маориф, масъалаҳои ба захираҳои сармоягузорӣ алоқаманд, мушкилоти ташаккул ва идораи истифодаи сармоягузорӣ, сармояи зеҳнӣ ва иқтисодиёти маориф мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст.

Калидвожаҳо: сармоягузорӣ, ташаккулёбӣ ва идораи сармоягузорӣ, асосҳои назариявӣ, рушди низоми маориф, сифати таҳсилот, ташаккулёбии сармояи зеҳнӣ.

Мақсади гузориши ин масоил ва зарурияти тадбиқи он пеш аз ҳама аз ташаккули сармояи зеҳнӣ ва баланд бардоштани касбияти мутахассисани касбӣ дар ҷомеъа ва роҳандозӣ намудани низоми рушди соҳаи маориф ҳамчун заминаи асосии муҳити таълим барои дастрасӣ ба таҳсилот, таълиму тарбияи самарабахш вобаста аст.

Ҳамчунин, мушкилоте, ки имрӯз дар низоми маблағгузориҳо ва ҷалби он аз ҳисоби шарикони рушд дар соҳаи маориф ҷой дорад, тадбирҳои амалӣ андешидан зарур аст. Вобаста ба ин зарур аст, ки мактаби бузурги намояндагони илми иқтисодиёт, мутафаккирони ин соҳа омӯхта шуда ақидаҳои онҳо вобаста ба талаботи имрӯз манзур гардад.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Таҳлилу таҳқиқи асоснокардашудаи масоилҳои сармояи зеҳнӣ ва алоқамандии он ба соҳаи маориф ва он масъалаҳоеро, ки ба сармояи зеҳнӣ муносибати наздик дорад, аз нигоҳи илмӣ муҳақиқон - олимони соҳаи иқтисодӣ-иҷтимоӣ мавриди омӯзиш қарор додаанд. Аз ҷумлаи Шарифов З.Р., Рауфӣ А., Комилов С.Ҷ., Мирсаидов А.Б., Оймаҳмадов Г.Н., Расулов Г.Р., Раҳимов А.М., Раҳимов Р.К., Солиев А. А., Саидов Д. Ш., Тошматов М.Н., Раҳимзода Ш., Назаров Т.Н., Умаров Х.У., Хушвахтзода Қ.Х. ва дигарон саҳмгузоранд.

Мақсади мақола. Мақсади таҳқиқи мақолаи мазкур ин иборат аст аз омӯзиши сарчашмаҳои таърихии сармоягузориҳо ва таъсири он дар рушди сармояи зеҳнӣ. Дар мақола андешаҳои олимони соҳа вобаста ба рушди сармояи зеҳнӣ ва таъсири бевоситаи сармоягузорӣ дар инкишофи ин самт пешниҳод шудааст.

Муҳтавои асосии мавод. Маврид ба зикр аст, ки дар замони бисёршаклии низомҳои иқтисодӣ, вусъат бахшидани рақамикунонии иқтисодиёт, инноватсия дар низоми иқтисодӣ-иҷтимоӣ, равнақ ёфтани неруи инсонӣ, рушди имкониятҳои молиявӣ, баланд бардоштани хизматрасониҳои иҷтимоӣ сармоягузорӣ ҳамчун механизми рушд сол аз сол аҳамият ва эътибори аввалиндараҷаро касб мекунад.

Фаҳмишҳои аввалин оиди моҳияти сармоягузорӣ дар давраҳои хеле қадим ҳангоми ба шахсони ниёзманд додани маблағҳо, ашёҳо ва аз онҳо гирифтани манфиатҳо ва ғайраҳо пайдо шудааст. Албатта шахсони сарватманд ба ниёзмандон, камбизоатон воситаҳои пулӣ ва молиро дастрас менамудаанд. Ба ин восита аз онҳо ҳам маблағҳои пулиро ба даст меоварданд ва ҳам онҳоро барои иҷрои корҳои шахсӣ ва дигар манфиатҳо истифода менамудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки оиди масъалаҳои болозикр асосгузорони мактаби тоҷик дар осори илмияшон андешаҳои худро манзур намудаанд. Аз ҷумла, дар асарҳои бунёдгузори адабиёти муосири тоҷик, нависанда Садриддин Айнӣ оиди воситаҳои пайдо шудани муносибатҳои нави ҷомеаи капиталистӣ тибқи кушодани бонкҳо, доду гирифти маблағҳои пулӣ фикру ақидаҳои худро дар повести “Марги судхӯр” манзур гардонидааст.

Мутафаккири тоҷик ба мисли Аҳмади Дониш дар осори безаволаш “Наводир-ул-вақоеъ” масоили рушди маърифатнокии ҷомеаро васф карда, таъкид намудааст, ки маҳаки асосии рушди давлат ин вобаста аст, аз неруи зеҳнии ҷомеъа. Ин мутафаккир, ки кишварҳои зиёдро гаштаву таҷриба гирифта буд, шароити иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеаҳоро омӯхта дар асарҳояш муҳимтарин масъалаҳои рушди ҷомеа, яъне рушди шуурнокии аҳолиро ба миён гузоштааст. Ӯ дар ёдгории хаттияш ҳикоят ва нақлҳои шавқангез ва мисолҳои заруриро оиди ин масоил маълумот медиҳад [12].

Читавре, ки қайд гардид дар асарҳои донишманди тоҷик Садриддин Айнӣ масъалаҳои маблағгузорӣ ҳамчун воситаи боигарии шахсони сармоядор ва илова ба ин масъалаи муҳими рушди кишвар аз нигоҳи шуурнокӣ ва инкишофи зеҳни инсон дар ёдгории хаттияш “Мактаби куҳна” бараъло зикр гардидааст.

Ҳамчунин, боиси зикр аст, ки муҳаққиқон ва олимони мактаби илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, олимони ватании кишварамон корҳои илмию таҳқиқотиро роҳандозӣ намуда, мавриди омӯзиш қарор додаанд. Дар самти мазкур Шарифов З.Р., Рауфӣ А., Комилов С.Ҷ., Ахророва А.Д., Исмоилов А.А., Бозоров Ш.Ш., Курбонов С. Н., Комилов А., Катаева З.А., Қаюмов Н.Қ., Қодиров Ш.Ш., Мирсаидов А.Б., Оймаҳмадов Г.Н., Расулов Г.Р., Раҳимов А.М., Раҳимов Р.К., Солиев А. А., Саидов Д. Ш., Тошматов М.Н., Раҳимзода Ш., Назаров Т.Н., Умаров Х.У., Хушвахтзода Қ.Х., Шарифзода Б.М., Ҳикматов У.С., Қурбонов А., Ҷабборов А., Тағоев Ҷ.Ҳ., Муминова Ф.М., Д.А., Бурҳонов У.А., Машрапова Н.У. ва дигарон саҳми худро гузоштаанд.

Бояд зикр намуд, ки дар замони муосир инкишофи неруи инсонӣ, истифодаи самараноки иқтидорҳои сармояи зеҳнӣ вобаста ба талаботи рузафзуни ҷаҳони муосир яке аз масъалаҳои муҳим ва саривақти дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин, зикр намудан ба маврид аст, ки Тоҷикистон яке аз давлатҳои дорои захираҳои бузурги истеҳсоли неруи зеҳнӣ мебошад, ки онро бояд самаранок истифода намуд.

Аз ин рӯ, ҷиҳати инкишофи рушди устувори неруи зеҳнӣ дар мамлакат ва таъмину инкишофи неруи инсонӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ нақшаҳои стратеги рӯйи кор оварда шуд, ки дар он тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ гардид.

Бо мақсади татбиқи ҳадафҳои болозикр дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 дар фасли якум “Тоҷикистон дар соли 2030” ва зербанди сеюм оиди масъалаи саноатикунонии бо вусъат ва рушди имкониятҳои ин марҳила, ки аз иқтидори

инноватсияи зеҳнӣ (солҳои 2026-2030) иборат мебошад, оварда шудааст. Яъне мақсад аз таълифи ин фасл иборат аст аз устувории низоми дониш, рушди сармояи зеҳнӣ, ҷустуҷӯ намудани роҳҳои нави воридшавӣ ва ҳавасмандсозӣ барои такмили донишҳо, ки дар асоси сармоягузорӣ ба соҳаи маориф ва илм сарчашма гирифтааст ва ба таҳқиқоти нав бештар устувор мегардад. Ҳамчунин, дар стратегияи мазкур воридшавӣ ва вусъат бахшидани ин низомро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2026 таъкид менамояд [1].

Бинобар ин, дар Паёми имсола ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки “Рушди илму маориф калиди пешрафт ва инкишофи тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад” [2].

Дар асоси гуфтаҳои болозикр айни замон аҳамияти сармоягузорӣ ба соҳаи маориф бо мақсади мустаҳкам ва ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеа ҷиҳати омода кардани кадрҳои баландихтисоси тақозои замон мебошад.

Рушди сармоягузории соҳаи маориф ва сохтори ташкилии идоракунии он, ин падидаи махсуси низоми иқтисодӣ – иҷтимоӣ буда, аз низоми сиёсӣ, нақши иҷтимоию функсионалӣ, мақсад ва талаботҳои ҷомеа вобастагӣ дорад.

Вобаста ба зарурати ин масъала, маҳаки асосии инкишофи сатҳу сифати таҳсилот ин вобастагии зич дорад ба сатҳи иқтисодиёти маориф, ки дар заминаи асосии он сармоягузорӣ ҳамчун масъалаи калидӣ меистад. Иқтисодиёти маориф, омӯзиши қонунҳои асосии он, ки мақсадаш аз омодасозии кадрҳои касбӣ мебошад дар маҷмуъ дар рушди сармояи инсонӣ, сармояи зеҳнии кишвар мусоидаткунанда мебошад.

Истифода намудани имкониятҳои сармоягузорӣ барои соҳаи маориф на танҳо дар инкишофи сармояи зеҳнӣ ҳамчунин, дар тараққӣ намудани сатҳи иҷтимоиёт ва иқтисодиёт дар кишвар роҳандозӣ мегардад.

Таҷрибаи кишварҳои хориҷии аз нигоҳи иқтисодӣ муттарақибуда, нишон медиҳад, ки рушд ва инкишоф додани сармояи зеҳнӣ ба ин восита азхудкунии илми муосир заминаи асосии пешравии давлат мебошад.

Нуқтаи муҳим ин аст, ки таъмини зиндагии осудаву босаодати наслҳои оянда ва имрӯзи халқамон бидуни рушди сармояи зеҳнии инсонӣ ғайриимкон мебошад. Ин раванд водор месозад, ки ба ин масъала ҷиддӣ муносибат намоем.

Бо мақсади густариш бахшидани ин масъала ва амалисозии тадбирҳои зикршуда сармоягузорӣ ба соҳаи маориф тақозои замони имрӯза мебошад.

Қобили зикр аст, ки дар тули таърихии рушди ҷомеа неруи фаҳми инсонӣ дар низоми иқтисодӣ-иҷтимоӣ низ ҳамроҳ шуда ташаккул ёфтааст.

Таҳқиқотҳо ва ҷустуҷӯҳои пайваста боис гардид, ки мутафаккир ва олими барҷастаи амрикои Гэри Стэнли Беккер масъалаҳои сармояи зеҳнии инсонӣ ва алоқамандии онро ба сармоягузориҳоро ба миён гузоштааст. Ин таҳқиқот бо ҷонибдории олими дигари иқтисодшинос Теодор Уильям Шултс оиди масъалаи ҳосилнокии истеҳсолот дар асоси сармоягузорӣ ба инсон ва рушди зеҳнии он дасгирӣ ёфта ва таҳқиқотҳо аз ҷониби ин олим гузаронида шуд [10].

Барои исботи ин масоил Г. Беккер ва Т. Шултс оиди масъалаи ташаккули сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ дар таърихи илми иқтисодиёт заминаи асосӣ гузошта, дар ин раванд мафҳуми сармояи инсониро кашф карданд. Ин таҳқиқот, ки омӯзиши сармоягузорӣ ба инсонро мукаммал гардонидааст, дар асоси фарогирии маълумотҳои зарурӣ исботи худро ёфтааст.

Зикр намудан бо маврид аст, ки заминаи асосии инкишофи неруи фаҳм ин низоми маориф аст.

Низоми маориф ҳамчун маҳаки асосии инкишофи ҷомеа дар рушди сармояи зеҳнии инсон мақеъи калидӣ дорад. Ташаккули низоми маориф дар асл воситаи асосиест, ки дар асоси он сармояи фаҳм баҳогузорӣ мегардад. Инкишофи низоми муосири иҷтимоиёт ва иқтисодиёт ва рақобатпазир будани он бидуни соҳаи маориф ғайриимкон аст.

Масъалаи ташаккул ва аҳамияти сармоягузории низоми маориф ва ҷавоби илмиву асоснокунии он дар асарҳо, корҳои илмиву таҳқиқотии олимони хориҷи мамлакат аз ҷумлаи Г. Минтсберг., Б. Алстранд., Ж. Лампел., Д. **Уилер.,** И. Марсинкевич ва дигарон, ки фарогири маълумотҳои гуногуншакли илмӣ мебошад, манзур гардидааст. Дар таҳқиқотҳои онҳо зикр гардидааст, ки илм ва истеҳсолот ҳамбастагии зич доранд. Натиҷаи сатҳу сифати баланди таълуму тарбия дар раванди ворид гардидани мутахассис дар истеҳсолот ва фаъолияти кории он муайян мегардад. Дар ин самт боз сабаби афзун гардидани боигарии аҳолиро, ки бо ин масоили болозикр алоқаманди дорад, манзур намудаанд. Сармоягузорӣ, ки ба ташаккули фаҳми инсон чун қоида ба ҳосилнокии меҳнат таъсир мерасонад, мутобиқатии он ҳамчун неруи бузург роҳандозӣ гардидааст. Ҳамчунин дар таҳқиқотҳои худ методи ченкунии саҳми низоми маорифро дар рушди иқтисод манзур гардонидаанд.

Илова бар ин, барои рушд ва ташаккули сармояи зеҳнии инсонӣ зарур аст, ки механизмҳои ҷалби сармоягузориро бо роҳу усулҳои гуногун роҳандозӣ намуд. Таҳқиқотҳои С. Брю ва К. Макконнелл нишон доданд, ки “Маблағгузорӣ ба сармояи зеҳни инсонӣ ин ҳама гуна амалисозии тадбирҳои зарури барои баланд бардоштани тахассус ва малакаҳо ва ба ин васила афзун намудани ҳосилнокии меҳнати коргарон аст. Хароҷотеро, ки ба баланд бардоштани ин ё он ҳосилнокӣ мусоидат менамояд, ҳамчун сармоягузорӣ метавон донист, зеро хароҷоти ҷорӣ бо мақсади он анҷом дода мешавад, ки ин хароҷот бо маҷрои афзояндаи даромадҳо дар оянда чандкарата ҷуброн карда хоҳад шуд” [12].

Қобили зикр аст, ки дастрасӣ ба сифати устувори таълимӣ, азнавсозии ҷиддии ҷараёни таълимӣ, методҳои нави таълиму тарбия, фаъолияти илмии таҳқиқот ва такмили низоми менеҷменти сифати таҳсилот аз ҷалби сармоягузории дохилӣ ва берунӣ дар соҳаи маориф вобаста аст.

Сармоягузорӣ намудан ба низоми маориф ин сармоягузорӣ ба худи инсон аст ва ин захираи неруи зеҳнии инсонӣ барои инкишофи минбаъдаи вай ва рушди донишу маънавиёташ зарур мебошад. Таҳлилҳои донишмандон нишон медиҳад, ки инсон наметавонад ҳамчун дорандаи неруи сармояи фаҳм ё худ неруи зеҳнӣ бузург тавлид шавад. Балки, инсон ин неруи сармояи зеҳниро дар раванди омӯзиш ва фаъолияти кору таҷриба ба даст меорад. Лекин хусусиятҳои модарзоди чун омили таъсиррасон барои инсон дар шакли таббии боқӣ мемонад.

Қобили зикр аст, ки дар бунёди сармояи зеҳнӣ нақши ҳалкунандаро соҳаи маориф мебозад, ки дар ниҳоди худ хусусияти омода кардани мутахассисони ба соҳаҳои истеҳсолотию хизматрасониро роҳандозӣ менамояд [12].

Маврид ба зикр аст, ки соҳаи маориф низоми иҷтимоии ҷомеъа мебошад, ки бо мақсади роҳандозӣ намудани илму дониш ва омода намудани мутахассисан дар шароити тағйирёбии талаботҳо дар бозори меҳнати ҷаҳони мусоидат мекунад. Дар мавриде, ки дигар самтҳои фаъолияти хоҷагиҳои мамлакат молу маҳсулот истеҳсол ва ё дигар хизматрасониҳоро пешниҳод мекунанд, соҳаи маориф фаҳми инсон, зеҳнияти онро рушду инкишоф медиҳад, ки натиҷаи он таъсир мерасонад ба маънавиёт, дониш, касб ва ҳолати ҷисмонию эстетикии шахсият.

Омӯзиш, таҳқиқу ҷустуҷӯҳои сарчашмаҳо боис гардид, ки аксар камбудиҳо ва нуқсонҳои иҷтимоӣ-иқтисодии имрӯза дар самти сармояи низоми маориф кушода шавад. Ҳамчунин, бо талаботи рӯзафзун ҷомеа, ки шаклҳои нави фаъолиятҳои хоҷагидорӣ дар ҷаҳони имрӯза зуҳур карда истодаанд, ба мутахассисони касбии дорои сармояи зеҳнии бузург талабот дорад.

Мувофиқи ин нуқтаи назар, ҳамзамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон захираи зиёди сармояи зеҳнӣ, фаҳми инсонӣ мавҷуд аст ва ҷиҳати истифодаи он соҳаи маорифро мебояд роҳу усулҳои навро истифода намуда, оиди шаклҳои нави сармоягузорӣ корҳои амалиро рӯйи кор орад.

Дар баробари пешниҳоди бисёрҷанбаи таҳлилҳои сармоягузорӣ ба рушди зеҳнӣ чунин масоилҳо манзур мегардад, аз ҷумла:

- муҳайё намудани шароити мусоиди сармоягузорӣ дар соҳаи маориф;
- таҳвият намудани коркарди лоиҳаҳои инноватсионӣ дар рушди сармоягузориҳо;
- ҷорӣ намудани усулҳои нави инноватсионии сармоягузориҳои соҳаи маориф вобаста ба талаботи рӯзафзун;
- омӯзонидани мутахассисон оиди усулҳои пешниҳоди лоиҳакашӣ ва худмаблағгузорӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ ба воситаи рушди тадқиқотӣ корҳои илмӣ ва корҳои таҷрибавӣ дар низоми лоиҳакашии сармоягузориҳо;
- ташаккули муҳити мусоид ва ҳавасмандгардониҳо оиди алоқаи зич байни сармоягузорони бозори меҳнат ва тавозуни пешниҳоди мутахассисони дараҷаи мухталиф;
- таҳия ва амалисозии барномаҳои пуриқтидори корҳои илмию тадқиқотӣ ва амалию таҷрибавӣ, ки ба самти маблағгузориҳои инноватсионии лоиҳаҳо алоқамандӣ дорад;
- инкишоф додани шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи маориф ва рушди ташкили устувори меъёрию ҳуқуқӣ ва истифодаи таҷрибаи перафта;
- ҳамкориҳои байналмилалӣ оиди низоми рушди сармоягузориҳои соҳаи маориф;
- ҳавасмандгардонии пешниҳоди навовариҳо ва тадқиқотҳои амалӣ, тиҷоратикунонии натиҷаҳои тадқиқотҳои илмӣ;
- истифодаи шаклҳои аниқ ва босамари ҳамкорӣ бо шарикони хориҷӣ ва омӯзиши таҷрибаи онҳо дар низоми маориф.

Масъалаи дигари муҳим дар рушди сармоягузории соҳаи маориф, ин вобаста аст аз амалисозии Консепсияи дарозмуҳлат ҷиҳати таҳвияти неруи сармояи зеҳнии инсон, ки метавон якчанд давраҳои амалигардониро фарогир бошад.

Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои гузошташуда, яъне низоми арзёбии иқтисодиёти зеҳнии рушдёфта зарур аст, ки захираҳои бузурги истифоданашудаи сармояи зеҳнии мамлакат мавриди истифода қарор гирад. Зеро сармояи зеҳнии мамлакат воситаи асосии ҳалли масоили муҳимми иҷтимоии ҷомеа мебошад.

Ҳамчунин, таҳқиқотҳои назарияи пешниҳоди донишҳои сармояи шуури инсон ҳамчун самти шаклгирифтаи боигарии миллӣ ва ба он вобастагии нақши маориф ҳамчун воситаи асосие, ки ба рушд бардоштани иқтидори табии зеҳнии инсон имконият фароҳам меорад, мусоидат хоҳад кард.

Таҷриба нишон медиҳад, ки мамлакатҳои рушдёфтаи дунё дар гузашта ва имрӯз диққати ҷиддӣ дар низоми сармоягузорӣ ба соҳаи маориф намудаанд. Ва сарчашмаҳои зиёди таърихӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ ин гуфтаҳоро тасдиқ менамояд.

Ҳамин тавр, дар фарҷоми ин масъала зикр намудан бо маврид аст, ки сармоягузорӣ ва сарчашмаҳои маблағгузориҳо ба инсон дар заминаи соҳаи маориф имконият фароҳам меорад, ки неруи пуриқтидори зеҳнии инсонӣ рушд ёбад ва барои пешравии кишвар саҳмгузор бошад.

Адабиёт:

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (минбаъд - СМР-2030) Душанбе, 2016. - С. 145.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн].-Душанбе.: Шарқи озод, 2024. -25 с.
3. Наводир- ул-вақоеъ. Аҳмади Дониш: 1988с, 285 саҳифа. Навъ: Бадеӣ Нашриёт: Душанбе.
4. Садриддин Айнӣ. Марги судхӯр . - Душанбе, «Адиб», 2010, 220 саҳ., Садриддин Айнӣ. Мактаби куҳна.- Душанбе, «Адиб», 2010, 150 с.
5. Шарифов, З. Р. Маблағгузорӣ ба соҳаи маориф замина барои рушди ояндаи миллат[Матн] /З. Шарифов. //Омӯзгор.- 2015.-№14.- С.12 ., Шарифов, З. Р. Иқтисодиёти маориф [Матн] /З. Р. Шарифов - Душанбе: Ирфон, 2011. - С. 190.
6. Рауфӣ, А.Маблағро ба илму маориф дареғ надорем [Матн] / А.Рауфӣ.//Молия ва ҳисобдорӣ. - Душанбе, 2016. - №10 (121). - С. 21.
7. Комилов С.Дж. Теория инновационного развития [Текст] /С.Дж. Комилов. Монография. - Душанбе: “Шарки озод”, 2019. - 264 с., Инвестиционный потенциал региона: теория формирования и пути развития. - Душанбе, 2017. - 215 с. Учебник «Человеческое развитие» //Под общей ред. Р. М. Бабаджанова. - Душанбе: (UNDP). ООО «Фарзин», 2014.-436 с.
8. Исмоилов А.А. Совершенствование механизмов активизации инвестиционного процесса в регионах Республики Таджикистан/ «Актуальные проблемы аграрной экономики СНГ»/Совета ректоров ведущих аграрных вузов государств-участников СНГ. - Москва, Изд-во «МСХА», - 2005. С. 74-82., Исмоилов А.А. Совершенствование управления региональными инвестиционными процессами в АПК Таджикистана// Международная промышленная академия. - М.: Изд-во «ГИОРД». - 2005. - С. 234-248.
9. Бозоров Ш.Ш. Роль человеческого капитала в формировании среднего класса [Текст] / Ш.Ш. Бозоров, Д.М. Назарамонова //Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: СИНО.- 2016. - № 2/5 (207). - С. 59.
10. Курбонов С.Н. Иностранные инвестиции как основной фактор развития экономической инфраструктуры Таджикистана//Государственная власть и местное самоуправление в России: история и современность//Под общ. ред. В.К. Егорова, А.С. Горшкова, В.М. Герасимова, М.А. Кашиной. - СПб.: Изд-во «СЗАГС», 2007. - С. 48-56.
11. Комилов, А. Развития интелектуального потенциала как фактор экономического роста [Матн] / А. Комилов //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию-назариявии ҳайати кормандони ДМТ бахшида ба Ҷашнҳои «700- солагии Мир Саид Алии Ҳамадонӣ», «Соли оила» ва Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» солҳои 2005-2015 Душанбе, 2018. - С. 168.
12. Қаландарова Г.С. Ташаккул ва идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозорӣ: дис....номзад.илм.иқтисод /14.06.2019/ Г.С. Қаландарзода.-Душанбе, 2019 - 185 с.

ЭТАПЫ ИСТОРИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ ИНВЕСТИЦИОННОЙ СИСТЕМЫ В ИССЛЕДОВАНИЯХ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОГО КАПИТАЛА

Дано подлинно-научное объяснение системы инвестиций в сфере интеллектуального капитала с точки зрения трудов буржуазных учёных народов Востока, в том числе персоязычных, и научных исследований зарубежных учёных, изучены и проанализированы важнейшие вопросы научных исследований с точки зрения экономистов по инвестициям в

систему интеллектуального капитала, развитие интеллектуального капитала и его глубокая зависимость от развития сферы образования, вопросы, связанные с инвестиционными ресурсами, проблемы формирования и управления использованием инвестиций, интеллектуального капитала, экономики образования.

Ключевые слова: инвестиции, формирование и управление инвестициями, теоретические основы, развитие системы образования, качество образования, формирование интеллектуального капитала.

STAGES OF HISTORICAL DEVELOPMENT OF THE INVESTMENT SYSTEM IN INTELLECTUAL CAPITAL RESEARCH

A truly scientific explanation of investment systems in the field of intellectual capital is provided, drawing on the works of bourgeois scholars of the Eastern peoples, including Persian-speaking scholars, and the research of foreign scholars. The article examines and analyzes key research issues from the perspective of economists on investments in the intellectual capital system, the development of intellectual capital and its profound dependence on the development of education, issues related to investment resources, the problems of forming and managing the use of investments, intellectual capital, and the economics of education.

Key words: investments, investment formation and management, theoretical foundations, education system development, education quality, and the formation of intellectual capital.

Маълумот дар бораи муллиф:

Қаландарзода Гулрӯ Сафар - н.и.и., дотсент, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тел: (+992) 900121781, E-mail: qalandarova.g@mail.ru

Сведения об авторе:

Каландарзода Гулру Сафар - к.э.н., доцент Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Тел: (+992) 900121781, E-mail: qalandarova.g@mail.ru

Information about the author:

Qalandarzoda Gulru Safar - Ph.D., Associate Professor International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Tel: (+992) 900121781, E-mail: qalandarova.g@mail.ru

УДК: 336.02 (575.3)

ТАЪСИРИ ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗӢ БА РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Қодирзода Ш.А., Рачабов Р. К.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Мақола ба таҳлили таъсири имтиёзҳои андозӣ ба рушди фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф бо овардани далелҳои оморӣ ва мисолҳои мушаххас нишон медиҳад, ки имтиёзҳои фискалӣ ва воридоти таҷҳизоти технологӣ сабаби рушди саноат ва тавсеаи содироти молу маҳсулот шудаанд.

Калидвожаҳо: имтиёзҳои андозӣ, истеҳсолот, сиёсати инноватсионӣ, содирот, воридот, таҷҳизоти технологӣ, корхонаҳои саноатӣ, саноатиконӣ, сармоягузорӣ.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ва дастгирии бахши истеҳсолӣ **Барномаи "Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020"** қабул гардид. Ин санад асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва иқтисодии рушди сиёсати инноватсионии давлатро дар самти истеҳсолот ва соҳибкорӣ фаро мегирад.

Соли 2018 бо мақсади пешбурди сиёсати фискалӣ ба корхонаҳо ва соҳибкорон имтиёзҳои андозӣ пешниҳод гардиданд. Дар ҳамин давра татбиқи 57 лоиҳа, ки онҳо асосан ба мутобиқ гардонидани қонунгузории соҳаи андоз ва пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ба корхонаҳои истеҳсолӣ, кишоварзӣ ва хизматрасонӣ нигаронида шуда буданд, сатҳи гаронии андозро хеле паст намуданд.

Имтиёзҳои андозӣ ва нақши онҳо дар рушди истеҳсолот. Имтиёзҳои андозӣ воситаи муҳим дар васеъсозии фаъолияти корхонаҳо ва рушди иқтидори истеҳсолӣ ба шумор мераванд. Тибқи **Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон**, моддаҳои 104, 110 ва 169 барои як қатор субъектҳо, ки ба истеҳсол ва хизматрасонӣ машғуланд, сабукиҳо пешбинӣ шудаанд. Масалан, дар давлатҳои пешрафтаи Аврупо чунин имтиёзҳо барои он корхонаҳое дода мешавад, ки ҷойҳои нави корӣ ташкил карда, истеҳсолоти воридотивазкунанда анҷом медиҳанд.

Мисоли амалӣ дар Тоҷикистон - озод кардани ҶДММ "Амирӣ" аз пардохти андоз ва боҷи гумрукӣ ба муддати 10 сол аст. Ширкат бо ҷалби беш аз 217 миллион сомонӣ сармоя корхонаҳои нав бунёд мекунад, ки он ба рушди саноат ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад.

Тибқи моддаи 109-и Кодекси андоз, меъёри андоз аз фоидаи корхонаҳои истеҳсолӣ 13 фоиз ва барои дигар фаъолиятҳо 23 фоиз муқаррар шудааст. Ин тадбир ҳавасмандии сармоягузорӣ ба бахши истеҳсолотро афзоиш медиҳад.

Содирот ва воридот дар иқтисоди миллӣ. Алоқаҳои иқтисодии беруна дар шароити муосир рукни асосии пешбурди муносибатҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва хизматрасонӣ ба ҳисоб рафта, сабаби ба таври васеъ таҷҳизонидани ҷараёни истеҳсолот дар корхонаҳо ва умуман дигар соҳаҳои хоҷагии халқ шуда метавонад.

Асосан ҳиссаи молҳои зерин дар содироти мамлакат калобаи пахтагин, матои пахтагин, либос ва қисмҳои он, фторидҳо, филизоти ишқорӣ (симоб), ангиштсанг, обҳои минералӣ ва дигар молу маҳсулотҳое мебошанд, ки дар бозори беруна харидори худро пайдо намуда буданд. Бояд қайд намуд, ки як қисми субъектҳои хоҷагидорӣ истеҳсолии низоми саноатии мамлакат ҳамчун истифодабарандагони ашёи хом, қувваи корӣ ва таҷҳизотҳо баромад менамоянд. Воридоти таҷҳизоти технологӣ яке аз воситаҳои муҳими ташкили истеҳсолот, хизматрасонӣ ва омили бо чойҳои нави корӣ таъмин намудани аҳолии қобили кор ба ҳисоб меравад. Воридоти таҷҳизоти технологӣ бо дарназардошти ҳамин хусусиятҳояш аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ озод карда шуд.

Муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ, бахусус содирот ва воридот, барои рушди истеҳсолоти миллӣ ва воридоти таҷҳизоти технологӣ нақши муҳим доранд. Дар солҳои 2016–2018 гардиши умумии савдои хориҷӣ 7% афзуда бошад ҳам, нисбат ба соли 2014 25% коҳиш ёфтааст. Аммо содирот дар соли 2018 ба 1 730,3 миллион доллар расидааст, ки назар ба соли 2015 беш аз 94% афзоиш ёфтааст. Воридот бошад, баръакс, аз 4,2 миллиард доллар дар соли 2014 ба 2,49 миллиард дар соли 2018 коҳиш ёфтааст.

Воридоти таҷҳизоти технологӣ, ки зиёда аз 96,4 миллион долларро ташкил дод, ҳамчун омил барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва рушди истеҳсолоти рақобатпазир шинохта мешавад. Ин таҷҳизот бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз андоз ва боҷи гумрукӣ озод шудааст.

Ҷадвали 1. Таносуби содирот ва воридот дар гардиши савдои хориҷӣ

	Солҳо				
Нишондиҳандаҳо	2014	2015	2016	2017	2018
Гардиши савдои хориҷӣ аз он ҷумла:	5 274 700	4 326 200	3 929 900	3 972 900	4 222 900
Содирот	-	980 600	-	1198 000	1 730 300
Воридот	4 279 400	3 435 600	3 031 200	2 744 900	2 492 600

Манбаъ: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. - С. 336.

Аз ҳама муҳимаш, аз маълумотҳои овардашуда мушоҳида мегардад, ки иқтидори содиротии мамлакат рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Масалан, дар соли 2015 содирот 890 600 ҳазор доллярро ташкил намуда, ин нишондиҳанда дар соли 2018 ба 1 730 300 расидааст, ки афзоиш 839 700 ё зиёда аз 94 дарсадро ташкил менамояд. Агар соли 2014 содирот 977 300 ҳазор доллярро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2018 ба миқдори 753 000 ё 77 дарсад афзоиш ёфтааст.

Воридот ба иқтисодиёти Тоҷикистон аз соли 2014 пайваста рӯ ба камшавӣ дорад. Масалан, агар соли 2014 ин нишондиҳанда 4 279 400 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил дода бошад, пас дар соли 2018 ба 2 492 600 ҳазор расидааст. Ин камшавӣ 1 786 800 ё 71,6 дарсадро ташкил медиҳад. Таносуби содирот ва воридот дар гардиши савдои хориҷӣ дар диаграммаи 2 нишон дода мешавад.

Соли 2018 воридоти таҷҳизоти технологӣ ва қисмҳои такмилдиҳандаи онҳо беш аз 96,4 миллион доллари ИМА-ро ташкил намуд. Аз ҳама нишондиҳандаи муҳим дар соли 2018 афзоиш ёфтани номгӯи молу маҳсулоти содиротии кишвар мебошад, ки аз 204 номгӯй то 250 расидааст.

Фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ. Мақсад аз ин тадбирҳо – гузариш ба иқтисоди инноватсионӣ ва саноатиконии босуръати кишвар мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар солҳои 2011–2017 шумораи корхонаҳои саноатӣ аз 581 ба 974 расида, дар натиҷа талабот ба инфрасохтор ва хизматрасониҳои молиявӣ афзоиш ёфтааст.

Ҷадвали зер дараҷаи фаъолияти инноватсионии баъзе корхонаҳои Душанбе, аз ҷумла “Нассоҷии тоҷик”, “Фабрикаи шири Саодат”, “Гулистон” ва “Ширин”-ро нишон медиҳад.

Ҷадвали 2. Дараҷаи фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатии ш. Душанбе

Корхонаҳо	**Киа**		**Квқ**		**Крмк**		**Кам**		**Ктт**	
Солҳо	**2011**	**2017**	**2011**	**2017**	**2011**	**2017**	**2011**	**2017**	**2011**	**2017**
ҶДММ “Нассоҷии Тоҷик”	0,21	0,52	0,12	0,21	0,2	0,32	0,21	0,39	0,31	0,60
ҶСК “Фабрикаи Шири Саодат”	0,18	0,31	0,22	0,23	0,23	0,11	0,31	0,45	0,22	0,24
ҶСП “Гулистон”	0,07	0,21	0,21	0,37	0,23	0, 27	0,14	0,23	0,08	0,11
ҶСК “Ширин”	0,19	0,28	0,11	0,13	0.2	0,27	0,13	0,19	0,09	0,16

Эзоҳ:

- Киа - коэффитсиенти аз чиҳати илмӣ асоснок;
- Квк - коэффитсиенти вазни киёсии натиҷаҳои бадастоварда дар муқоиса бо дастовардҳои натиҷабахш;
- Крмк - коэффитсиенти рақобатнокии молу маҳсулот дар корхона;
- Кам - коэффитсиенти азнавсозии навъҳои маҳсулот;
- Ктт - коэффитсиенти таҷдиди технология.

Аз рӯйи маълумотҳои ҳисоботи корхонаҳои саноатии Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки истифодаи самараноки имтиёзҳои андозӣ ва ҷалби сармоя ба рушди фаъолияти истеҳсолӣ ва инноватсионӣ дар Тоҷикистон такони мусбат додааст. Афзоиши содирот, коҳиши воридот, воридоти таҷҳизот ва афзоиши шумораи корхонаҳо нишонаи рушди устувори бахши саноат аст. Барои таъмини ҳадафи чоруми миллӣ - саноатиконии босуръати кишвар, тақвияти ин тадбирҳо ҳатмӣ мебошад.

Адабиёт:

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2022.
2. Агентии омори назди Президенти ҶТ. Омори солонаи Тоҷикистон, 2018. - С. 336.
3. Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ. Гузориши солона, 2019.
4. Назаров Ш. Иқтисодиёти Тоҷикистон: замон ва воқеият. - Душанбе: Ирфон, 2020.
5. Муҳиддинов А. Роҳҳои рушди саноати миллӣ. - Душанбе: Маориф, 2021.

ВЛИЯНИЕ НАЛОГОВЫХ ЛЬГОТ НА РАЗВИТИЕ ИННОВАЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Статья посвящена анализу влияния налоговых льгот на развитие инновационной деятельности промышленных предприятий Таджикистана. Автор, приводя статистические данные и конкретные примеры, показывает, что фискальные стимулы и импорт технологического оборудования привели к развитию промышленности и расширению экспорта товаров и продукции.

Ключевые слова: налоговые льготы, производство, инновационная политика, экспорт, импорт, технологическое оборудование, промышленные предприятия, индустриализация, инвестиции.

THE IMPACT OF TAX BENEFITS ON THE DEVELOPMENT OF INNOVATIVE ACTIVITIES OF INDUSTRIAL ENTERPRISES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article is devoted to the analysis of the impact of tax benefits on the development of innovative activities of industrial enterprises of Tajikistan. The author, citing statistical evidence and specific examples, shows that fiscal benefits and imports of technological equipment have become the reason for the development of industry and the expansion of exports of goods and products.

Key words: Tax benefits, production, innovation policy, export, import, technological equipment, industrial enterprises, industrialization, investment.

Маълумот дар бораи муаллифон:

Қодирзода Шабнам Абдуғойиб - ассистенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Н. Қаробоев 63/3. Тел: (+992) 918117383; E-mail: sh.qodirzoda93@mail.ru

Рачабов Рачаб Кучакович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Суроғa: шаҳри Душанбе, хиёбони Деҳотӣ 1/2.

Сведения об авторах:

Кодирзода Шабнам Абдугойиб - ассистент кафедры "Финансы и кредит" Технологического университета Таджикистана. 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе. ул. Н. Карабаева, 63/3. Тел: (+992) 918117383; E-mail: sh.qodirzoda93@mail.ru

Раджабов Раджаб Кучакович - доктор экономических наук, профессор кафедры Финансы Таджикского государственного коммерческого университета. Адрес: Таджикский государственный университет коммерции: город Душанбе, проспект Дехати 1/2.

Information about the authors:

Kodirzoda Shabnam Abdugoyib - assistantat of the Department of Finance and Credit at the Technological University of Tajikistan. 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe. H. N. Karoboev 63/3. Tel: (+992) 918117383; E-mail: sh.qodirzoda93@mail.ru

Rajabov Rajab Kuchakovich - Doctor of Economics, Professor at the Department of Finance of the Tajik State Commercial University. Address: Tajik State University of Business: Dushanbe, Rural Avenue 1/2.

УДК: 629.35+336.5/339.1(575.3)

КОҲИШ ДОДАНИ ХАРОҶОТИ НАҚЛИЁТӢ ДАР БОЗОРИ МЕВАЮ САБЗАВОТИ ТОҶИКИСТОН

Мачидов Ф. А.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Дар мақола нақши раванди татбиқи тадбирҳо дар самти ҷавобгӯйи меъёрҳои байналмилалӣ гардонидани роҳҳои мошингарди ҷумҳурӣ ва дар ин замина коҳиш додани хароҷоти нақлиётӣ дар бозори меваю сабзавоти Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Калидвожаҳо: банақшагирӣ, бозор, интиқол, интиқолдиҳанда, коҳиши нарх, меваю сабзавот, хароҷоти нақлиётӣ.

Кам кардани хароҷоти нақлиётӣ дар бозори меваю сабзавот барои тавлидкунандаи онҳо аҳамияти ниҳоят калон дорад. Он, инчунин, метавонад таҷрибаи волои интиқолро барои истеҳсолкунандагон, интиқолдиҳандагон ва истифодабарандагону истеъмолкунандагон, яъне ҳамаи онҳоеро, ки дар ин раванд иштирок менамоянд, таъмин кунад.

Омилҳое, ки метавонанд ба кам кардани хароҷоти интиқол дар бозори меваю сабзавот кумак намоянд:

1. Банақшагирии дуруст;
2. Банақшагирии масири боркашонӣ;
3. Интихоби самараноки воситаҳои нақлиёт;
4. Интихоби ронандагони соҳибтаҷриба;
5. Муносибати хайрхоҳона бо ҳамкорон ва муштариёни доимӣ.

Паст кардани хароҷоти интиқол тавассути банақшагирии дуруст

Паст кардани хароҷоти интиқол дар ниҳояти кор аз банақшагирии дурусти он оғоз меёбад. Ҳар сонияе, ки интиқолдиҳанда сарфа мекунад, метавонад бо мурури замон таъсири зиёд дошта, дар натиҷа сатҳи нархи маводи меваю сабзавот пасттар шавад. Масалан, метавон ҷойгиркунии маҳсулотро дар дохили анбор ба нақша гиред, то ин ки ҷараёни самаранокии фаъолият дар самти ҳифозат ва интиқоли он самарабахш гардад.

Истифодаи банақшагирии масир барои кам кардани хароҷоти интиқол

Банақшагирии масирҳои муносиби интиқол яке аз роҳҳои беҳтарини кам кардани хароҷоти интиқол мебошад. Дар ин радиф тавсия дода мешавад, ки масъалаи интихоби самарабахши масир ҳаллу фасл карда шавад ва ин метавонад ба ронандагон-интиқолдиҳандагони меваю сабзавот имкон диҳад, ки дар байни истгоҳҳои сершумор масири муассиртаринро тай намуда, сӯзишворӣ ва вақти тиҷоратиро сарфа кунанд.

Зимни интихоби самараноки воситаҳои нақлиёт бояд ба чунин саволҳо ҷавоб пайдо намуд: Интихоби дурусти воситаи нақлиёт: автомобилӣ, ҳавоӣ ё роҳи оҳан. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистони кӯҳсор албатта интихоби нақлиёти автомобилӣ бештар манфиатовар мебошад. Дар ин радиф, интихоби мошини нисбатан калонтар маънои онро дорад, ки он имкони бештари интиқоли маҳсулоти зиёдро меорад, вале он метавонад боиси хароҷоти бештаре низ гардад. Масалан, мошинҳое, ки барои минтақаҳои интиқолашон хеле калонанд, барои дарёфти таваққуфгоҳ вақтро беҳуда сарф мекунанд ё масирҳои алтернативиро пеш мегиранд, то аз кӯчаҳои танг ё пулҳои хурд гузар накунанд.

Дар шароити ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 93 фоизи ҳудуди онро кӯҳсор ташкил мекунад, истифодаи нақлиёти автомобилӣ дар раванди интиқоли меваю сабзавот нисбат ба дигар намудҳои нақлиёт афзалият дорад. Бунёд ва таҷдиду барқарорсозии роҳҳо, воридоти нақлиёти боркаш ба кишвар барои пешрафти раванди интиқоли меваю сабзавоти ватанӣ омили ниҳоят муҳим маҳсуб меёбад.

Яке аз омилҳои асосии коҳиш додани хароҷоти нақлиётӣ, ин ба талаботи ҷавобгӯи меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани роҳҳо мебошад. Тибқи натиҷаҳои таҳлили коршиносони соҳа ҷавобгӯи меъёрҳои байналмилалӣ гардонидани як километр роҳи автомобилгард метавонад аз ҳисоби сарфаи маводи сӯзишворӣ ва кам гардидани хароҷоти амортизатсионии воситаи нақлиёти автомобилӣ, инчунин сарфаи вақт дар роҳ, моҳе ба маблағи 100 доллари америкоӣ фоида биёрад.

Маҳз бо назардошти боз ҳам фоидаовар гардонидани нақлиёти автомобилӣ дар самти интиқоли маводи озуқаворӣ, аз ҷумла меваю сабзавот, соли 2024 дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ 155 километр роҳҳои дорои аҳамияти байналмилаливу ҷумҳуриявӣ, 20 пули бузург ва 3 нақб ба маблағи умумии 4,6 миллиард сомонӣ сохта, ба истифода дода шуд. Аз ҷумла, роҳҳои мошингарди Рогун – Обигарм – Нуробод ба маблағи 3,5 миллиард сомонӣ бо дарозии 76 километр ва Бохтар – Левакант – Лолазор – Данғара 69 километр ба маблағи 800 миллион сомонӣ мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ бунёд карда шуданд.

Солҳои охир таъмиру сохтмони роҳҳои маҳаллӣ вусъат пайдо карда, танҳо дар соли 2024 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ, хусусан бо саҳми соҳибкорону шахсони саховатпеша ва мардуми Тоҷикистон, ба маблағи беш аз 1 миллиард сомонӣ зиёда аз 2 ҳазор километр роҳҳои маҳаллӣ таъмиру таҷдид гардида, бунёду навсозии 23 пул ба анҷом расидааст.

“Бо таҷдиду навсозии роҳҳои мошингард дар зарфи панҷ соли охир тибқи арзёбии Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ мавқеи Тоҷикистон дар радабандии ҷаҳонӣ аз рӯйи нишондиҳандаи сифати роҳҳо дар байни 165 давлати ба таҳқиқот фарогирифташуда аз зинаи 50 ба 44-ум баромада, нисбат ба солҳои қаблӣ 6 зина баланд гардид” [1].

Тавре аз натиҷаҳои таҳлили вазъи интиқоли меваю сабзавоти ватанӣ бармеояд, интиқоли беш аз 94 дарсади борҳо дар ҷумҳурӣ ба нақлиёти автомобилӣ рост меояд. Мақом ва нақши ин намуди нақлиёт дар пешбурди соҳаи меваю сабзавот беш аз пеш афзуда, ҳаҷми боркашонӣ сол ба сол зиёд мегардад ва дар ин раванд, бо мақсади интиқоли бехавфу хатари маҳсулот ба инфрасохтори ин соҳа аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад.

Масалан, тибқи маълумоти Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар умум, тавассути нақлиёти автомобилӣ беш аз 763 миллиону 47 ҳазор тонна бор интиқол дода шудааст ва ҳаҷми боркашонӣ 103,8 дарсадро ташкил медиҳад.

“Содироти маҳсулоти кишоварзӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ бошад, ба 187 ҳазору 228 тонна расида, нисбат ба соли 2020-ум 20,2 дарсад афзудааст” [2].

Дар раванди иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамкорӣ бо соҳибкорони ватанӣ ва аҳолӣ ба маблағи 173 миллиону 55 ҳазор сомонӣ корҳои таъмиру барқарорсозии роҳҳои автомобилгард ва иншооти он анҷом ёфтаанд.

Дар маҷмуъ, 949,5 км роҳ, аз ҷумла 329,5 км асфалт ва 620 км шағалпӯш, 95 пул бо дарозии 2641 метр, 114 лӯла бо дарозии 986 метр аз таъмир бароварда шуданд. 7349 км роҳ таъмири ҷорӣ дида, корҳои кабудизоркунӣ ба маблағи беш аз 266 ҳазор сомонӣ бо шинондани 8358 бех ниҳол ва 5643 дона гулҳои ороишӣ, нигоҳдории нақбҳо бо равшаннамой ва дигар корҳо ба анҷом расиданд.

Бо мақсади дар чор фасли сол, бахусус дар давраи тирамоҳу зимистон, ки бар асари боришоти барфу борон ва фаромадани ярчу тарма ба интиқоли маводи озуқаворӣ, аз ҷумла меваю сабзавот тавассути нақлиёти автомобилӣ мушкилот эҷод мегардад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагии ҳаматарафа дида, барои ҳаллу фасли масъалаи мазкур тадбирҳои муассир меандешад. Ҳамасола бо ба имзо расондани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистон” дар асоси нақшаи чорабиниҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ситоди фаврӣ ташкил гардида, масъулини соҳа барои назорати роҳҳо, пешгирии хавфу хатар ва таъмини бехатарии раванди интиқоли маводи озуқаворӣ сафарбар мешаванд.

Интихоб ва истифодабарии меҳнати ронандагони соҳибтаҷриба тақозо менамояд, ки раванди беҳтар кардани шароити кори онҳо ва муносибати хайрхоҳонаи корфармоён ба идоракунии фаъолияти бонизоми онҳо метавонад хароҷоти иловагии интиқоли маҳсулотро кам кунад.

Хароҷоти интиқоли маводи озуқавориро инчунин метавон бо роҳи омӯзонидани масъулини соҳаи нақлиёти автомобилӣ коҳиш дод.

Моддаи 10 Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба салоҳиятнокии касбии кормандон ва соҳибкорони инфиродии дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ фаъолияткунанда чунин талаботҳоро муқаррар намудааст:

1. Салоҳиятнокии касбии кормандон ва соҳибкорони инфиродии дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ фаъолияткунанда бо доштани ҳуҷҷати таҳсилоти олӣ ва ё миёнаи касбии махсус аз рӯйи ихтисосҳое тасдиқ карда мешаванд, ки номгӯйи онҳо аз рӯйи намудҳои фаъолият дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ муайян карда мешавад.

2. Ба шахсоне, ки таҳсилоти дахлдори касбӣ надоранд, барои иҷрои ухдадориҳои мансабӣ ба шарте иҷозат дода мешавад, ки онҳо курсҳои тайёрии касбӣ аз рӯйи барномаҳои таълимии дар асоси талаботи тахассусӣ нисбат ба ҳайати кормандони шахсони ҳуқуқӣ таҳиянамудаи муассисаҳои таълимӣ, инчунин аттестатсияи минбаъдаро аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ бо тартиби пешбининамудаи қоидаҳои нақлиёти автомобилӣ гузаранд.

3. Мутахассисони дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ фаъолияткунанда бояд на камтар аз як маротиба дар панҷ сол курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисосро бо тартиби муайяннамудаи қоидаҳои нақлиёти автомобилӣ гузаранд.

4. Ронандагон, инчунин соҳибкорони инфиродии дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ фаъолияткунанда бояд ба талаботи тахассусии нисбати ронандагон дар қоидаҳои нақлиёти автомобилӣ муқарраргардида мутобиқат намоянд.

5. “Шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ барои риояи талаботи моддаи мазкур масъул мебошанд” [5].

Муносибати хайрхоҳона бо ҳамкорон ва муштариёни доимӣ. Як ҷанбаи барҷастаи тиҷорати муваффақ, ин доштани раванди равшани муошират аст. Он имкон медиҳад, ки маблағ сарфа гардад. Аз нуқтаи назари муштарӣ, муносибати хайрхоҳона бо ҳамкорон ва муштариёни доимӣ метавонад барои ҳифз намудан ва нигоҳ доштани теъдоди устувори муштариёни доимӣ авомили асосӣ гардад.

Ҳамин тариқ, вақте ки сухан дар бораи ҳалли мушкилоти интиқоли меваю сабзавот меравад, баъзе аносири раванди интиқол дар ихтиёри интиқолдиҳандаҳо нестанд. Масалан, дар раванди он сарфаю сариштаи марбут ба зуҳуроти зайл: сар задани садамаҳо, обу ҳавои номусоиду шадид ё зуҳуроти пандемияи ҷаҳонӣ пешгӯинашавандаанд. Аммо омилҳои зиёде ҳастанд, ки интиқолдиҳандаҳои меваю сабзавоти ватанӣ онҳоро метавонанд таҳти назорат гиранд ва ба онҳо таъсир расонанд. Яъне, панҷ авомили номбаршуда бояд дар раванди интиқоли меваю сабзавот мудом ба инобат гирифта шаванд.

Адабиёт:

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. 28.12.2024. ш.Душанбе. Саҳ.9-10.

2. Аламшозода А.А. Раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва пайванди наслҳо дар солҳои истиқлолият. “Ҷумҳурият”, 30.03.2023 №: 65-69-72.

3. Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023. 31.11.2018, № 520.

4. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. 2024

5. Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 02.04.2020, №1689.

СНИЖЕНИЕ ТРАНСПОРТНЫХ РАСХОДОВ НА РЫНКЕ ПЛОДООВОЩНОЙ ПРОДУКЦИИ ТАДЖИКИСТАНА

В статье анализируется роль процесса внедрения мер по приведению автомобильных дорог страны в соответствие с международными стандартами и в этом контексте снижение транспортных расходов на рынке плодоовощной продукции Таджикистана.

Ключевые слова: планирование, рынок, транспортировка, перевозчик, снижение цен, плодоовощная продукция, транспортные расходы.

REDUCING TRANSPORTATION COSTS IN THE FUIT AND VEGETABLE MARKET OF TAJIKISTAN

The article analyzes the role of the process of implementing measures to bring the country's highways into line with international standards and, in this context, reducing transportation costs in the fruit and vegetable market of Tajikistan.

Key words: planning, market, transportation, carrier, price reduction, fruit and vegetable products, transportation costs.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Маҷидов Фаррухҷон Азизович - муаллими калони кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинги Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. 794026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Н. Қарабоев, 63/3. E-mail: Farrukh_2010@mail.ru

Сведения об авторе:

Маджидов Фаррухджон Азизович - старший преподаватель кафедры «Инвестиционного менеджмента и маркетинга» Технологического университета Таджикистана. 794026, Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. Н. Карабаева, 63/3. E-mail: Farrukh_2010@mail.ru

Information about the author:

Majidov Farrukhjon Azizovich - Senior Lecturer, Department of Investment management and marketing, Tajik Technological University. 794026, Republic of Tajikistan. ш. Monday, st. H. Karaboev, 63/3. E-mail: Farrukh_2010@mail.ru

УДК:331.5

НАҚШ ВА АҲАМИЯТИ МОДЕЛҲОИ МАТЕМАТИКӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ

Одиназода К.С., Ҷалилов Р.Р.
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Дар мақолаи мазкур нақш ва аҳамияти моделҳои матиматекӣ дар рушди иқтисодиёт таҳқиқ гардидааст, ки барои рушди ҳами соаҳои иқтисодиёт нақши босазоро иҷро менамояд. Дар мақола моделҳои математикӣ барои рушди иқтисодиёт оварда шудааст аз ҷумла: модели механизми хароҷотҳои молиявӣ, модели омори мувозинат, модели тақсимоти даромади аҳолӣ,

модели ҳисобкунии оптималии захираҳо, модели пешгӯии самаранок, модели идоракунии захираҳо, модели содакардашудаи тиҷоратӣ.

Калидвожаҳо: модел, рушд, иқтисодиёт, хароҷот, даромад, аҳолӣ, самранокӣ, пешгӯӣ, тиҷоратӣ, идоракунӣ, захираҳо, молиявӣ.

Таҳлили адабиёти иқтисодӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар ҳама марҳилаҳои рушди иқтисодиёт асоси онро қонуниятҳои махсус ташкил медиҳанд. Аз ҳамин хотир, дар ҳама марҳилаҳои рушд таносуби бузургии миқдориеро, ки низом ё раванди иқтисодиро тавсиф менамоянд, фаҳмида мешавад. Чунин қонуниятҳо шароит фароҳам меоранд, ки низоми воқеии иқтисодиёт дар асоси усулҳои амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шавад. Омӯзиш, таҳия ва татбиқи амалии усулҳои амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ предмети иқтисодӣ-математикие мебошад, ки иқтисодиётро ҳамчун низоми мураккаби динамикӣ ҳисоб мекунад ва самти рушди онро муайян менамояд [4].

Барои таҳқиқи усулҳои амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ, ғайр аз донистани илми иқтисодӣ, инчунин методҳои иқтисодӣ-математикиро аз худ кардан лозим аст, ки дар байни онҳо дастгоҳи муодилаҳои дифференсионалӣ нақши калонро мебозад [3].

Қонуниятҳои иқтисодӣ чун қоида, муносибатҳои мураккаби ғайрихаттӣ байни нишондиҳандаҳои иқтисодӣ мебошанд, ки шакли равшани онро мустақиман муқаррар кардан душвор аст [1]. Дар сурати мавҷудияти қонунияти устувор тағйироти хурди афзоиш ё камшавии нишондиҳандаҳоро тахминан бо муодилаҳои дифференсиалӣ иваз кардан мумкин аст. Баъд аз муносибатҳои ғайрихаттии байни миқдорҳо, мутаносибан бо муносибатҳои хаттии содатари байни миқдорҳо ва ҳосилаҳои онҳо иваз карда мешаванд [2]. Ин таносубҳо муодилаҳои дифференсионалӣ мебошанд, ки ба воситаи онҳо модели математикии система ё раванди иқтисодӣ сохта мешавад. Муносибатҳои байни тағйирёбандаҳои иқтисодӣ, аз қабили нарҳҳо, музди меҳнат, сармоя, фоизҳо ва ғайра дар шакли муодилаҳои дифференсиалӣ навишта мешавад.

Дар раванди таҳқиқот бо мақсади самаранок ба роҳ мондани идоракунии рушди индустриалӣ-инноватсионии корхонаҳои саноатӣ коркард дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар, масъалаи рушди моделсозии иқтисодӣ бо назардошти истифодаи технологияҳои рақамӣ баррасӣ карда шавад.

Ба сифати воситаи методӣ омӯзиш ва истифодаи моделҳои намояндагони мактабҳои риёзӣ аз қабили Л. Валрас, Ф.Кенэ, К.Маркс, А. Курно, В. Парето, Ф. Тейлор, Н. Винер, Р. Беллман, Л.В. Канторович, муҳаққиқони ватанӣ: Ғ. Ҷурабоев, Р.К. Рачабов, П.Д. Хоҷаев, Р.С. Исаев, А.Л. Қодиров, Ф. Мирзоахмедов, Ф.С. Комилиён, М.Қ. Юнусӣ, А. Ахмедов ва дигарон, ки дар рушди истеҳсолии корхонаҳои саноати коркард ҳиссаи калон гузоштаанд, ёдовар шудан мумкин аст.

Бо мақсади дарёфти роҳ ва усули беҳтарин, яъне ҳалли ба ин ё он маъни оптималӣ аз усулҳо ва моделҳои математикӣ васеъ истифода мешавад. Ташаккул ва инкишофи усулҳои математикии таҳлил ва таҳияи қарорҳои иқтисодӣ, ҳамчун соҳаи мустақили математика дар асри XVIII ба амал омадааст. Дар Фаронса Франсуа Кенэ, табиб ва иқтисодчӣ яке аз аввалин кӯшишҳои моделсозии иқтисодӣ ва математикии механизми ҳаракати молиявиро таҳия намуд. Ӯ ҷадвали иқтисодие тартиб дод, ки иқтисодиёти давлатро ҳамчун системаи ягона ҳисоб мекунад. Кенэ идеяи муомилоти шахсро ба муносибатҳои иқтисодӣ татбиқ намуд. Карл Маркс бо истифода аз ҷадвалҳои тартиб додаи Кенэ формулаи алгебравиеро таҳия намуд, ки ба воситаи он мехост “қонунҳои асосии бартарафсозии вазъи буҳрон” - иро ба даст орад.

Дар асарҳои Маркс бори аввал тавсифи математикии ба расмият даровардашудаи раванди вусъатдиҳии такрористеҳсолкунӣ пешниҳод карда шудааст.

Соли 1838 аз ҷониби математики фаронсавӣ Антуан Курно китоби “Таҳқиқ дар бораи принсипҳои математикии назарияи дороӣ (сарват)” ба нашр расид. Аз ҷониби ӯ бори аввал муносибати математикии байни талабот ва нархи мол пешниҳод гардид. Ин арзишҳо бо коэффитсиенти чандирӣ алоқаманд буда, нишон медиҳанд, ки чӣ гуна тақозо ҳангоми боло рафтан ё паст шудани нарх 1% тағйир меёбад. Функсияи талабот имкон фароҳам овард, ки як қатор қонуниятҳо ошкор карда шаванд. Фурӯши бештар на ҳамеша фоидаовар аст. Ҳамааш аз коэффитсиенти чандирӣ вобастагӣ дорад. Талабот ба моле, ки он аз як мол зиёд аст, дар сурати паст шудани нарх, зуд меафзояд ва фоидаи умумӣ аз фурӯш низ марҳила ба марҳила баланд мегардад. Соли 1874 аз ҷониби олими шветсариягӣ Л. Валрас модели омории низоми мувозинати иқтисодӣ пешниҳод гардид ва баъдтар олими итолиёвӣ В. Парето модели тақсими даромади аҳолиро коркард ва таҳия намуд.

Дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX таҳияи усулҳои математикие, ки ба ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ равона гардидаанд, вусъат ёфт.

Яке аз аввалин масъалаҳое, ки дар асоси равиши математикӣ ҳал карда шуданд, “масъалаи заминков” мебошад, ки аз ҷониби Фредрик Тейлор соли 1885 таҳия карда шудааст. Дар назди ӯ масъалаи муайян намудани массаи оптималии яквақтаи замини интихобшуда меистод, ки он ҳаҷми максималии кори заминковро дар як шабонарӯз бояд таъмин менамуд. Агар заминков дар як вақт аз иқтидораш зиёдтар заминро гирад, пас эҳтимолияти хӯрдашавӣ ва вайроншавиаш зиёд мегардад. Аз ин рӯ тибқи нишондиҳандаҳои назарияи Тейлор барои зиёд намудани иҷроиши ҳаҷми кор, баланд бардоштани иқтидор зарур аст.

Ташаккул ва инкишофи дастгоҳи математикии муосири ҳалли оптималии масъалаҳои мураккаби иқтисодӣ дар солҳои 40-ум бо шарофати олимон Н. Винер, Р. Беллман, С. Ҷонсон, Л.В. Конторович ба гардиши илмӣ ворид карда шудааст.

Дар соли 1938 ба профессор Л.В. Конторович вазифа гузошта шуда буд, ки кори ҳашт дастгоҳи корхонаи истеҳсоли фонарро чи тавр беҳтар тақсим намудан лозим аст, ки ҳосилнокии ҳар як дастгоҳ аз рӯйи ҳар як панҷ намуд масолеҳи коркардшуда самараноктар гардад.

Соли 1939 аз ҷониби олими риёзидон ва иқтисодчии барҷастаи Иттиҳоди Шуравӣ асар бо номи “Усулҳои математикиии ташкил ва банақшагирии истеҳсолот”» таҳия карда шуд, ки дар он аввалин маротиба масъалаи барномасозии хаттӣ мураттаб гардида, алгоритми ҳалли онро кор карда баромад.

Якҷоя бо олими америкоӣ Т. Купманс соли 1975 Л. Конторович барои саҳмаш дар таҳияи назарияи оптималикунонии тақсимоти захираҳо бо ҷоизаи Нобел сарфароз гардонида шуд.

Масъалаи умумии барномасозиии хаттиро соли 1947 Дансигом Д.Ж. ва М. Вуд дар департаменти неруҳои ҳавоиии ИМА ба миён гузошта буданд. Дансиг алгоритми универсалии ҳалли масъалаҳои барномасозии хаттиро пешниҳод намуд, ки онро то ҳол усули симлекс меноманд.

Соли 1941 Хичкок новобаста аз таҳқиқоти назарраси Купсман дар соли 1947 масъалаи нақлиётро таҳия намуд. Ба ҳамин монанд, Стиглер дар соли 1945 масъалаи истифодаи самараноки захираҳои маҳдудро таҳия намуданд.

Солҳои 50-60-ум дар миқёси Иттиҳоди Шуравӣ дар соҳаи моделсозии иқтисодию математикӣ асарҳои назаррас таҳия гардиданд, аз қабили Конторович Л.В. “Ҳисобкунии иқтисодии оптималии таҳқиқи захираҳо” (1959), Конторович Л.В., Гавурин М.К. “Татбиқи

усулҳои математикӣ дар таҳлили гардиши молҳо” (1949) ва таҳқиқоти В.В. Новожилов дар бораи банақшагирии оптималии хоҷагии халқ ва ғайраҳо мебошанд, ки минбаъд дар заминаи онҳо дигар асраҳо вобаста ба самти мазкур нашр шуданд. Соли 1960 аз ҷониби академик В.С. Немчинов дар назди шуъбаи Новосибирскии АИ ИҶШС озмоишгоҳи моделсозии иқтисодию математикӣ таъсис дода шуд.

Бо мақсади муайян намудани мутавозинии талабот ва пешниҳод моро зарур аст, ки дар идомаи таҳқиқоти диссертатсионӣ раванди мазкурро дар мисоли корхонаҳои саноати коркард мавриди таҳлил қарор диҳем. Тахмин карда мешавад, ки дилхоҳ вақт нарх дар натиҷаи талабот аз пешниҳод зиёд будан боло меравад ва баръакс дар ҳолати зиёд будани пешниҳодот нарх поён меравад. Нарх бо p, мутаносибии қимматҳои талабот ва пешниҳодот ба воситаи $D(p, \alpha)$, $S(p)$ ва α − параметрҳои ба омилҳои экзогенӣ (берунӣ) мувофиқ аст. Он гоҳ тағирёбии нархро бо тағирёбии вақт t метавон бо воситаи зерин тавсиф кард:

$$\frac{dp}{dt} = D(p, \alpha) - S(p)$$

Акнун шарти зеринро чунин ба назар гирифтан мумкин аст:

$$\frac{dp}{dt} = 0$$

дар инҷо:

$$D(p, \alpha) - S(p) = 0.$$

Тасаввур мекунем, ки p_0 ҳалли муодилаи мазкур мебошад. Тарафи рости D(p,α)−S(p)-ро дар наздикии қимати p = p_0 афзоиш медиҳем, он гоҳ тағирёбии нархи p бо кам гардидани нархи мувозинати p = p_0 муайян карда мешавад, ки мо онро аз рӯйи муодилаи мазкур дида мебароем:

$$\frac{dp}{dt} = (D_p - S_p)(p - p_o),$$

ки дар он истилоҳоти болотар аз дараҷаи якуми миқдор хориҷ карда мешаванд ва (p − p_0) ифодакунандаи:

$$D_p = \frac{\partial D(p, \alpha)}{\partial p} |p = p_0, S_p = \frac{\partial S(p)}{\partial p} |p = p_0$$

Ҳалли муодилаи охирин чунин ба роҳ монда мешавад:

$$p(t) = p0 + [p(0) - p0]exp[(Dp - Sp)t]$$

Бигзор (Dp − Sp) < 0 бошад. Пас, агар нархи ибтидоии p(0) аз нархи мувозинати p0 фарқ кунад, дар ин ҳолат t → ∞ лимити p(t) → p0 ба амал меояд. Яъне: дар давоми истеҳсол, ба нархи мувозинат наздик мешавад. Дар ин ҳолат метавон гуфт, ки нархи мувозинат устувор аст. Аён аст, ки бо афзоиши нарх талабот кам мешавад (Dp < 0) ва пешниҳод зиёд мешавад, яъне, Sp > 0. Дар ин шароит нархи мувозинат вуҷуд дорад. Амсилаи мазкур афзоиши пешниҳодро бо афзоиши талабот ба маҳсулоти додашуда пешгӯӣ мекунад, ки ҳамчун афзоиши нархи маҳсулот ифода меёбад. Агар (Dp − Sp) > 0 бошад, он гоҳ нархи p(t) аз мувозинати ин ё он раванд дур мешавад. Дар ин ҳолат, нархи мувозинат ноустувор аст. Тибқи муқаррароти назарияи иқтисодӣ, бо нархи ноустувор, ин модел пешгӯии самаранокро ба бор намеорад. Ба воситаи X маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, I - ҳаҷми сармоягузориҳо, S – миқдори корхонаҳои

саноати коркард, L - шумораи машғулбудагон дар истеҳсолот, K - ҳаҷми фондҳои истеҳсолӣ, C - ҳаҷми фондҳои истеъмолии ғайристеҳсолиро ифода менамоем. Фарз мекунем, ки ҳама миқдорҳо ба вақти доимии t, ки бо солҳо чен карда мешаванд, вобаста аст.

Чунин асоснок карда мешавад, ки шумораи коргарон L(t)-ро дар рӯз муайян кардан мумкин аст ва инчунин фондҳои К(т)-ро тавассути инвентаризатсия муайян кардан мумкин аст. Пас суръати афзоиши солонаи шумораи одамоне, ки дар истеҳсолот кор мекунанд, бо ν ишора мекунем.

$$\frac{dK}{dr} = vL$$

дар инҷо: L(t) = L0eνt, ки дар он L0 = L(0) шарти ибтидоӣ аст. Истеҳсол ва сармоягузории солона мутаносибан бо μK ва I ифода карда мешаванд. Дар он сурат афзоиши фоида бо мурури замон Δt аст.

$$\Delta K = -\mu K \Delta t + I \Delta t,$$

ки дар лимити Δt → 0 мо dK/dt = −μK + I, K(0) = K0 дорем. Модели Солоу тахмин мекунад, ки маҳсулоти миёнаравӣ ба маҳсулоти умумӣ мутаносиб ва ба aX баробар аст. Сармоягузорӣ I = ρ(1−a)X. Маҳсулоти солона бо функсияи якхелаи истеҳсолии X = F(K,L) шакли додашуда муайян карда мешавад (якхелагии хаттӣ маънои онро дорад: $F(qK, qL) = qF(K, L)$). Он гоҳ модели Солоу дар шароити мутлақ ҳамчун муодилаи дифференсиалии зерин навишта мешавад:

$$\frac{dK}{dr} = -\mu k + p(1-\alpha)F(K,L), \qquad (1)$$

ва дороиҳои ғайриистеҳсолӣ C = (1−ρ)(1−a)F(K,L). Нишондиҳандаҳои нисбии:

$k = \frac{K}{L} -$ таносуби сармояву меҳнат, $k = \frac{K}{L} -$ истеъмоли миёнаи ҳар як корманд (миёна ба ҳар сари аҳолӣ).

Мо K = Lk, L = L0eνt-ро ба муодилаи (1) иваз мекунем ва хосияти якхелаи хаттии функсияи истеҳсолии F(K, L)-ро ба назар мегирем, F(K,L)/L = F(K/L, 1) = F(k, 1) = f(k). Дар ин ҳолат муодилаи (1) шакли зеринро мегирад.

$$\frac{dk}{dt} = -\gamma k + p(1-\alpha)f(k), \gamma = \mu + v, k(0) = k_0, k_0 = \frac{K_0}{L_0} \qquad (2)$$

Муодилаи (2) модели Солоу бо истилоҳи мушаххас аст.

Ин модел равишҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла рушди устуворро тавсиф мекунад ва инчунин имкон медиҳад, ки гузариш ба рушди устувор ба таври мушаххас карда шавад.

Модели идоракунии захираҳо

Масъалаи идоракунии захираҳоро дар мисоли модели пешниҳодкардаи К. Кларк барои таҳлили идоракунии соҳаи баррасӣ менамоем. Ҳаҷми умумии саршумори x(t) ва суръати сайдро хамчун h(t) ишора менамоем. Бигузор афзоиши табиии аҳолиро бо функсияи F(x) тавсиф кунем, он гоҳ тавозуни тағйирёбии аҳолиро ба таври зерин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

$$\frac{dx}{dt} = F(x) - h(t) \qquad (3)$$

Арзиши хароҷоти меҳнатро барои як доштан бо E нишон медиҳем, то суръати доштан ба хароҷоти меҳнат ва захираҳои табиӣ мутаносиб бошад:

$$h = Ex \qquad (4)$$

Ин модел, сарфи назар аз соддагии худ, аллакай ба натиҷаҳои ғайриоддӣ ноил гардидааст. Масалан, андозаи мувозинати популятсияро метавон x∗ муайян намуд. Муқаррар кардани dx(t)/dt = 0, барои x∗ муодиларо тартиб медиҳем:

$$F(x*) = Ex*$$

Сипас ҳаҷми дастгиршавандаи Y аз ҷониби Y = Ex∗ дода мешавад. Хатти такрористеҳсоли F(x) метавонад шакли ғайрихаттӣ дошта бошад, ки бо шароити мавҷудияти аҳолӣ муайян карда мешавад.

Такрористеҳсолии популятсия афзоиши функсияи F(x)/x дар фосилаи муайяни 0 < x < K∗ -ро дар назар дорад. Барои иқтисоди саноат хос аст, ки барои x хурд, масалан, дар фосилаи 0 < x < K0 < K∗, такрористеҳсолкунӣ ғайриимкон аст. Функсияи F(x)/x дар ин соҳа такрористеҳсоли интиқодӣ (манфӣ) - ро инкишоф медиҳад ва тавсиф мекунад. K0 фоидаи максималӣ номида мешавад.

Параметри E дар ин модел якум модели назоратӣ буда, сатҳи арзиши Y-ро ҳангоми такрористеҳсоли мувозинат тавассути хароҷоти меҳнат танзим мекунад. Амсилаи мазкур имкон медиҳад, ки арзиши муайяни E такрористехсолкунии популятсия вайрон шуда, боиси аз байн рафтани он мегардад.

Модели содакардашудаи даврагии тиҷоратии Кейнс

Системаи динамикии иктисодиро дида мебароем, ки дар он x1 даромади миллиро ифода мекунад, x2 меъёри фоиз, I(x1,x2) - функсияи талаботи сармоягузорӣ (∂I/∂x1 > 0,∂I/∂x2 < 0), S(x1), x2) - функсияи пасандоз (∂S/∂x1 > 0,∂S/∂x2 > 0), L(x1,x2) - талаботи умумии пул (∂L/∂x1 > 0,∂L/∂x2 < 0), LS - ҳаҷми пул (қимати доимӣ), α1, α2 - параметрҳое, ки аксуламали агентҳоро ба дуршавии система аз ҳолати мувозинат ифода мекунанд.

Модели соддакардашудаи даврагии тиҷорат, ки аз ҷониби Кейнс [4] пешниҳод шудааст, бо муодилаҳо чунин тавсиф карда мешавад.

$$\frac{dx_1}{dt} = \alpha_1\{I(x_1,x_2) - S(x_1,x_2)\}$$
$$\frac{dx_2}{dt} = \alpha_2\{L(x_1,x_2) - L_s\}. \qquad (5)$$

Модел далелҳои равшанро инъикос мекунад, ки зиёд будани талабот ба сармоягузорӣ нисбат ба пасандозҳо боиси афзоиши даромад мегардад ва баръакс. Илова бар ин, агар талабот ба пул аз пешниҳоди он зиёд бошад, он гоҳ сатҳи даромад баланд мешавад. Шартҳое, ки ба вазифаи I, ∂I/∂x1 > 0, ∂I/∂x2 < 0 гузошта шудаанд, маънои онро дорад, ки сармоягузориҳо бевосита аз ҳаҷми маҳсулот ва баръакс аз меъёри фоиз вобастаанд. Афзоиши даромади миллӣ ё фоизи аҳолӣ боиси зиёд шудани пасандозҳо мегардад (∂S/∂x1 > 0, ∂S/∂x2 > 0). Дар баробари зиёд шудани истеҳсолот ё кам шудани арза талабот ба пул зиёд мешавад. Тавре ки аз тавсифи модел дида мешавад, он ба вобастагии хатӣ (мутаносибӣ) байни миқдорҳои асосии иқтисодӣ, ки равандро тавсиф мекунанд, асос ёфтааст. Сарфи назар аз сода будани формула, модели Кейнс (5) хусусияти иттилотиро дорад. Он, аз ҷумла, ҳолати мувозинат, инчунин, даврахои иқтисодиро тавсиф мекунад.

Бо назардошти фарзияҳои боло моро зарур аст, ки моделҳои иқтисодию математикии рушди индустриалию инноватсионии корхонаҳои саноати коркардро дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар тартиб диҳем.

Тавре, ки таҳлили амалӣ нишон медиҳад, коэффисиенти якум ба дастгоҳи (датчик) ададҳои тасодуфӣ бо тақсимоти якхела дар фосила (0,1) дахл дорад. Оператори шартии *1* ба фосилаи (0, $^{L}{}_{1}$) афтодани тағирёбандаи тасодуфии z-ро месанҷад. Агар ин шарт риоя карда шавад, пас ҳодисаи K_1 ба вуҷуд меояд. Агар шарти оператори 2 иҷро нашавад, он гоҳ алгоритм ба фосилаҳои дигар афтодани тағирёбандаи тасодуфиро тафтиш мекунад. Яке аз ҳодисаҳои $K_{1,2,\dots 3}$ ҳатман ба амал меояд.

Ба ақидаи мо, дар сурати як коэффисиент (фоиз) афзоиш шудани ҳаҷми маҳсулот даромади корхонаҳои саноати коркард 0,01 миллион сомонӣ меафзояд. Агар чунин мавқеъ 10 сол давом кунад, на танҳо даромад меафзояд, балки рақобати корхонаҳои мавҷуда низ меафзояд.

Барои татбиқи чунин равиш (модел) минбаъд гуфта метавонем, ки дар бозори меҳнат ҳиссаи командони соҳаи саноат бештар мешавад.

Хулоса

Дар маҷмуъ, вобаста ба нақш ва аҳамияти моделҳои матиматеки дар рушди иқтисодиёт ба чунин хулоса омадан мункин аст:

1. Дар асоси таҳлилҳои оварда шуда бояд қайд намуд, ки ҳар як молели оварда шуда дар амал татбиқ карад шавад.
2. Рушди иқтисодиёти мамалакатҳои пешрафта аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳар як модели ихтироъномудаи олимонро дар амал татбиқ менамоянд.
3. Дар шароити муосир рушди иқтисодиёт имрӯза бояд ҳар як масъалаи иқтисоди кишвар аз ҷониби олимони ватанӣ моделҳои матиматикӣ ва иқтисодӣ ба роҳ монда шавад.

Адабиёт:

1. Мухина Д.И. Инновационные технологии в создании одежды / Д.И. Мухина // В сборнике: Проблемы развития современного общества. Сборник научных статей 7-й Всероссийской национальной научно-практической конференции. В 5-ти томах. Под редакцией В.М. Кузьминой. Курск, - 2022. - С. 264-266.
2. Пахомова А.А., Халиуллина М.К. Современные технологии в лёгкой промышленности / А.А. Пахомова, М.К. Халиуллина // В сборнике: Научные исследования и разработки в области дизайна и технологий. Материалы Всероссийской научно-практической конференции. В 2-х частях. Составитель Т.В. Лебедева, отв. редактор Н.Н. Муравская. - 2020. - С. 135-138.
3. Ультан С.И., Лебедева Г.Н. Совершенствование планирования производственной программы на предприятиях лёгкой промышленности на основе метода динамического программирования / С.И. Ультан, Г.Н. Лебедева // Известия высших учебных заведений. Технология текстильной промышленности. - 2005. № 3 (284). - С. 6-9.
4. Пухова Г.В. Опыт применения экономико-математических методов в лёгкой промышленности: 1963-1990 годы / Г.В. Пухова // Экономическая наука современной России. - 2002. № 2. - С. 133-143.

5. Одиназода К.С. Роҳҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳошияи таҷрибаи хориҷӣ // Паёми Донишгоҳои миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ –Душанбе. - 2020, №7. - С 135 - 142.

6. Одиназода К.С. Роҳҳои беҳтар намудани шароити имконпазири неруи меҳнатӣ, шуғл ва муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳошияи таҷрибаи хориҷӣ// Паёми Донишгоҳои давлати тиҷорати Тоҷикистон, Душанбе. - 2020, №1(30). - С 102-111.

7. Одиназода К.С. Муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот, вазъ ва тамоюли рушди он / К. С. Одиназода // Вестник Технологического университета Таджикистана. - 2021. - No. 2 (45). - P. 214-223.

8. Одиназода К.С. Самтҳои асосии таъмини мутавозинии арза ва тақозо ба захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / К.С. Одиназода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2021. - No. 3 (37). - P. 191-196.

РОЛЬ И ЗНАЧЕНИЕ МАТЕМАТИЧЕСКИХ МОДЕЛЕЙ В ЭКОНОМИЧЕСКОМ РАЗВИТИИ

В статье рассматривается роль и значение математических моделей в экономическом развитии, которые играют значительную роль в развитии всех секторов экономики**.** В статье представлены математические модели экономического развития, в том числе: модель механизма финансовых расходов, модель статистического равновесия, модель распределения доходов населения, модель оптимального расчёта ресурсов, модель эффективного прогнозирования, модель управления ресурсами и упрощённая коммерческая модель.

Ключевые слова: модель, развитие, экономика, затраты, доход, население, эффективность, прогноз, бизнес, управление, ресурсы, финансовый.

THE ROLE AND SIGNIFICANCE OF MATHEMATICAL MODELS AND ECONOMIC DEVELOPMENT

This article examines the role and importance of mathematical models in economic development, which play a significant role in the development of all sectors of the economy. The article presents mathematical models for economic development, including: a financial expenditure mechanism model, a statistical equilibrium model, a population income distribution model, an optimal resource calculation model, an efficient forecasting model, a resource management model, and a simplified commercial model.

Key words: model, development, economy, costs, income, population, efficiency, forecast, business, management, resources, financial.

Маълумот дар бораи муаллифон:

Одиназода Комрон Саидаброр - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисодиёти соҳавии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.Тел: (+992) 905554646; E-mail: Odinakomron@mail.ru

Ҷалилов Ромиш Рустамович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенит кафедраи иИқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Борбад, 48/5. Тел: (+992) 989125346; E-mail: dean_010187@inbox.ru

Сведения об авторах:

Одиназода Комрон Саидаброр - кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой “Предпринимательства и отраслевой экономики” Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Тел: (+992) 905554646; E-mail: Odinakomron@mail.ru

Джалилов Ромиш Рустамович - кандидат экономических наук, доцент кафедры «Мировой экономики» Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Борбад, 48/5. Тел: (+992) 989125346; E-mail: dean_010187@inbox.ru

Information about the authors:

Odinazoda Komron Saidabror - candidate of economic sciences, associate professor, manager of the department of entrepreneurship and sectoral economy, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Тел: (+992) 905554646; E-mail: Odinakomron@mail.ru

Jalilov Romish Rustamovich - candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad, 48/5. Тел: (+992) 989125346; E-mail: dean_010187@inbox.ru

УДК 316.7-056:.3:316.61-055.1+305+001.895+330

РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ БА ДОНИШ ТАКЯКУНАНДА АЗ НИГОҲИ ХУСУСИЯТҲОИ ФАРҚКУНАНДАИ НЕРУИ ЗЕҲНИИ ЗАНОН

Одиназода М.С.
Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар мақолаи мазкур баъзе хусусиятҳои ташаккули қобилияти зеҳнии занон бо назардошти шарҳ додани ин мавзуъ аз мавқеи олимони соҳаҳои гуногун дида баромада шудааст. Аз ин нигоҳ роҳ ва усулҳои хоси рушди иқтисодиёти мамлакат бо назардошти ҷой ва нақши занон дар раванди идоракунии дониш, навоварӣ ва тағйиротҳо ба назар гирифта шудааст. Аз ин ҷиҳат, мо чунин фарзияро қабул кардем, ки занон дар раванди худшиносӣ ва иҷрои вазифаҳои гуногун аз иштирок ва банақшагирии иқтисодиёти оила, то иҷрои вазифаҳои дигар дар ташкили “хазинаи устуворсозии системаи иқтисоди”-и мамлакат нақши беназир доранд. Мо ин тавзеҳро дар асоси ба назар гирифтани рушди заковат ва худшиноси занон дар зиндагӣ, ки аз ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани маълумотномаҳои таърихӣ, ки муваффақият ва музаффариятҳои онҳо оварда шудаанд, зери таҳлилу хулосабарорӣ қарор додем.

Калидвожаҳо: иқтисодиёт, иқтисоди оила, «хазинаи устуворсозии системаи иқтисодӣ», интеллект, интеллекти зан, хусусиятҳои ташаккули интеллекти зан, фаъолият, идоракунии дониш, идоракунии инноватсия, таҳлил, синтез.

Масъалагузории умумӣ. Чӣ тавре, ки аз мазмуну мундариҷаи маҷмуи зиёди адабиётҳо оид ба мавзӯи рушди давлатҳо дар замони муосир бармеояд, яке аз сарчашмаҳои асосии расидан ба ҳадафи рушди устувор ва рақобатпазиргардонии иқтисодиёти миллии ҳар як

кишвари ҷаҳон, ин истифодаи самараноки неруи зеҳнӣ, яъне сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравад. Бо назардошти мубрамияти мавзуи зикргардида дар мақолаи мазкур, зимни шиносоӣ ва хулосабарорӣ аз назария ва амалияи самҳои гуногуни иқтисодиёт, ки аз ҷониби олимони ватанӣ ва дигар давлатҳо тайи солҳои охир мадди назар карда шудаанд, ба яке аз мавзуъҳои аз назари мо муҳим ин ба инобатгирии сатҳи неруи зеҳнӣ ва омодагии сокинони ҳар як кишвар ба тағйирёбӣ пеш аз ҳама дар доираи аз худ намудани донишу малака ва иштирок дар идораи донишҳо, навгониҳо ва тағйиротҳо дар ҳамаи самтҳои таъминкунандаи рушди инноватсионии давлатҳо ба шумор меравад. Боиси тазаккур аст, ки Тоҷикистон пас аз ба даст овардани соҳибистиқлолӣ таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марҳила ба марҳила ба ҳадафҳои рушди босубот ноил гардида, аз нигоҳи баҳогузории рейтинги байналмиллалӣ ба яке аз кишварҳои тезрушдёбанда (суръати рушди маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) тайи 10 соли охир зиёда аз 7%-ро ташкил карда, дар соли 2024 бошад, ин нишондод ба 8.3% баробар мебошад) шинохта шуд. Чунин пешравии иқтисодиёти Тоҷикистон дар бисёре аз сарчашмаҳо, аз он ҷумла дар силсилаи китобҳои «Ҷаҳон бо ифодаи рақамҳо», ки дар қатори 53 давлате, ки сатҳи баланди рушди иқтисодӣ доранд, дар ҷойи 18-ум қарор дорад. [8, с. 20] (Бо назардошти таҳлилҳои овардашуда, ки дар онҳо заминаҳои рушди босуботи Тоҷикистон ва пазируфтани мамлакати мо аз ҷониби давлатҳои ҷаҳон, ки пеш аз ҳама дар доираи 5 пешниҳоди сатҳи ҷаҳонии Пешвои миллат оид ба масъалаҳои об ва иқлим аз ҷониби СММ ба вуқуъ пайвастааст,имконият фароҳам овард, ки мамлакати моро ҳамчун як давлати ташаббускор дар ҷаҳони муосир шиносанд ва эътироф намоянд.

Тамоми самтҳои рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат бо ифодаи рақамҳо ва таҳлилҳои муқоисавӣ дар мақолаи Раҳимзода Шариф – директори институти иқтисод ва демография Академияи милли илмҳои Тоҷикистон оварда шудааст, ки дар доираи мақолаи мазкур мо онҳоро (маълумотҳо дар расми 1-4 ва ҷадвалҳои 1-3 оварда шудаанд) мавриди истифода қарор додем. Дар мақолаи мазкур қайд гардидааст, ки «чӣ хеле, ки мебинем мутобиқ ба таҳлилҳои иқтисоддонҳои хориҷӣ ММД бо дарназардошти паритети қобилияти харидорӣ дар солҳои 2001-2023 аз 7.4 млрд. доллари ИМА то 54.5 млрд. доллари ИМА ё 7.4 маротиба афзудааст. Нишондиҳандаҳои ММД ба ҳар сари аҳолӣ бошад, бо дарназардошти дар ин давра 61.7% зиёд шудани шумораи аҳолӣ аз 1161,6 доллари ИМА то 5291,3 доллари ИМА ва ё 4,5 маротиба зиёд аст, ки шаҳодати болоравии сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон мебошад.» [12, саҳ. 56] Бо чунин маъно таҳлилҳои руҳбаландкунанда дар дигар соҳаҳо низ оварда шудаанд. Чӣ тавре ки муаллиф қайд менамояд «шаҳодати дурустӣ ва самаранокии сиёсати иқтисодии мамлакат мебошад ва дар ояндаи наздик бояд татбиқи чорабиниҳои зерин низ дида баромада шаванд, яъне идомаи ислоҳоти иқтисодӣ дар ҳамаи самтҳои фаъолият ва боло бурдани рейтинги кишвар дар низоми баҳодиҳии созмонҳои байналмилаллӣ ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳим ва асос барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, зиёд кардани ҳаҷми қарздиҳӣ ва иқтисодиёт, барқарор кардани боварии мардум ба ташкилотҳои қарзӣ, ташаккул ва рушди фарҳанги дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ бо роҳи интихобу хариди молҳои дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва ғайра» [12, с. 57-60] Бо назардошти мавзуе, ки дар доираи мақолаи пешниҳодшуда интихоб гардидааст, аз нигоҳи мо ба яке аз омилҳои баланд бардоштани рейтинги байналмиллалии мамлакат, ин рушди неруи инсонист. Аз ин нуқтаи назар аҳамияти хоса зоҳир намудан ба дастгирии занон оид ба саҳмгузории онҳо дар рушди ҳама соҳаҳо, аз он ҷумла, иқтисодиёти миллӣ аз манфиат холӣ нест. Чунин масъалагузорӣ дар боби 4-уми Стратегияи миллии рушди ҷумҳурии Тоҷикистон

барои давраи то соли 2030 ба таври зайл баён гардидааст: «Сармояи инсонӣ омили муҳими рушди истеҳсолот ва иқтисодиёт маҳсуб меёбад, ки аз сифати он пешрафти тамоми соҳаҳо вобастагии зич дорад ва дар банди г-и ҳуҷҷати мазкур чунин фикру андеша баён гардидааст, яъне заминаи асосии пешравӣ, ин кадрҳои «қавӣ»-и ба талаботи иқтисодиёт ҷавобгӯ...дар фазои илмию таҳсилоти ҷаҳон дорои мақоми худ мебошад, амал мекунад «иқтисодиёти дониш» ташаккул ёфта истодааст.» [16, с. 41]

Таҳлили луғавӣ ва аҳамияти илмӣ-амалиявии мавзуи пешниҳодшуда: бо истифода за маълумотҳои дар сарчашмаҳои таърихӣ, адабиётҳои соҳавӣ, таҳқиқотҳои сотсиологӣ ва дигар маҷмӯи таҳлилҳо бисёри аз олимони соҳаи психология, сотсиология дар ақидае мебошанд, ки занон аз нуқтаи назари қобилият (неру)-и зеҳнӣ, ки одатан бо коэффисенти IQ ифода карда мешавад, хусусиятҳои хоси фарққунандаи даркнамоӣ, ба хотиргирӣ, қабули қарорҳо, эҳтиёткорӣ ва дигар сифатҳои муҳим фарқ менамоянд, ки ин масъала метавонад аз нуқтаи назари интихоби моделҳои рушд ва натиҷагирӣ аз фаъолияти меҳнатӣ ба инобат гирифта шаванд. Чунин хулосаҳо бо истифода аз маълумот дар бораи ҳаёт ва фаъолияти занон, ки дар маҷмуи китобҳо, аз он ҷумла маводҳои вобаста ба ин мавзӯъ, ки дар китобҳои “20 духтарони муваффақ” [21], “Калид оид ба имкониятҳои беназири инсон” [18], “Қувват ва ҳуввияти инсон” [13], “Рӯзгори одамони муваффақ” [9], “Роҳ ба сӯи муваффақият” [19], “Танҳо ба пеш” [20] ва дигар сарчашмаҳо гувоҳӣ ба он медиҳанд, ки занон низ дар қатори мардон тавонистанд барои пешравии илму технология, илмҳои инсоншиносӣ, фалсафа, махсусан дар ҷодаи санъат, меъморӣ, тарҳрезии либосҳо, кашфиёт ва ихтироот низ саҳми босазо гузоранд. Ба қатори чунин шахсони шинохта номи Кюри-Склодовская Мария, Мак-Клинток Барбара, Манделброт Бенуа ва дар қатори онҳо 65 нафар заноне, ки барои таҳқиқотҳои илмӣ ва дигар хизматҳояшон мушарраф ба ҷоизаи Нобел тайи солҳои 1903-2024 гардидаанд. [22] Рӯйхати сарватмандтарин занони ҷаҳон дар соли 2022 ба он гувоҳӣ медиҳад, ки «дар маҷмуъ, дар раддабандии миллиардерҳо 327 зан шомил шудаанд, ки дороии онҳо 1,56 триллион доллар арзёбӣ мешавад» [23].

Мақсади овардани мисолҳои мазкур аз он иборат аст, ки дар Тоҷикистон низ имконияти дида баромадан ва баҳогузорӣ намудан ба имконияти занон аз нуқтаи назари имкониятҳои асри XXI наметавонад мадди назар карда шавад, чунки тавозуни байни миқдори занон ва мардон, ки 10,3 млн.-ро ташкил менамояд, дар доираи 49,3 ва 50,7%-ро ташкил медиҳад. [17, саҳ. 18], [24] Бо назардошти мубрамияти мавзуъ, мо инчунин ба ҳайату фаъолияти занон, олимон ва ходимони давлатии Тоҷикистон, ки оғоз аз замони Шуравӣ то ҳоло барои рушду нумуи Тоҷикистон саҳми беназир гузоштаанд ва таҷрибаи ҳаётии онҳо метавонад барои ташаккул додани неруи зеҳнӣ (интеллект)-и хонандагон ва ҷавононе, ки миқдори онҳо тибқи маълумотҳои оморӣ «дар системаи таҳсилоти томактабӣ 104 921 нафар бо таносуби байни духтарон ва писарон 45,05% , дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бошад ин нишондод чунин аст, яъне аз 2 279 300 нафар, аз ин миқдор таносуби байни духтарон ва писарон 48,35%, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 18 449 нафар, аз он ҷумла 4 576 нафар духтарон ва 13 873 нафар писаронро ташкил медиҳад, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 89 600 нафар, таносуби занон дар шумораи умумии донишҷуён 75,2%, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз шумораи умумии 214 400, таносуби занон аз шумораи умумии донишҷуён 40,7%-ро ташкил медиҳад» [6] Бо истифода аз имкониятҳо ва имтиёзҳое, ки тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст, 5 208 нафар донишҷуён дар соли таҳсили 2023-2024 таҳсил менамоянд, ки аз ин миқдор 2 633 нафар занон ва 2 575 нафар мардон мебошанд. [6, с. 76]

Дар давоми мантиқии таҳлили оморӣ овардашуда, дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардида буд, Пешвои миллат зикр намуданд, ки: «Имрӯз 42 ҳазору 400 нафар ҷавонони мо дар 42 давлати мутараққии ҷаҳон таҳсили илм доранд, ки 13 ҳазор нафар ё беш аз 30 фоизи онҳо духтарон мебошанд.» [11] Маълумотҳои овардашуда бори дигар шаҳодат ба он медиҳанд, ки дар Тоҷикистон заминаи боэътимоди таҳия ва татбиқи барномаҳои вобаста ба рушди неруи ақлонӣ (IQ)-и занон, ки тавонистанд, дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, бо эҷодиёт ва дастовардҳои беназир мамлакати моро ба ҷаҳониён муаррифӣ намоянд. Дар қатори шахсиятҳои номбурда метавон номи қаҳрамони афсонавӣ Гурдофарид, шоира Зебуниссо, зиёда аз 150 олими соҳаҳои гуногун, ки ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва махсусан омӯзгорону кормандони соҳаҳои хизматрасонӣ мебошанд, мавриди татбиқи моделҳои нави расидан ба ҳадафи мазкур амалӣ карда шавад.

Оид ба фарқият доштани неруи зеҳнии занон олимони шинохтаи зерин ба монанди Говард Гарднер, Стэнли Милгрэм, Рамачандрам В. С., Энн Мойр ва Девид Ҷессел ва дигарон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудаанд. Барои мисол Стэнли Милгрэм дар донишгоҳи Йели ИМА бо ҷалби як гурӯҳ хонандагону муҳаққиқон озмоиши «Таҳқиқот оид ба хотирот ва қобилияти шахс барои таҳсил »-ро гузаронида, чунин хулосаро пешниҳод намудааст: «Дарки олам аз нуқтаи назари занҳо аз мардон фарқ мекунанд, зеро майнаи онҳо аз мардон фарқ мекунад. Майна (мағзи сар), ки ҷузъиёти асосӣ ва узвҳои эҳсосотӣ мебошад, дар намояндагони ҷинсҳои мухталиф ба таври фарққунанда ифода меёбад, ки ин маълумотро ба таври гуногун коркард мекунад, ки боиси ихтилофи дарки афзалиятҳо ва рафтор мегардад. Байни дурандешӣ ва озодфикрнамоӣ фарқияти калон вуҷуд дорад. Аз таассуб, ақидае, ки мағзи сари зану мард фарқ надорад аз назари илм далели баръакс вуҷуд дорад.» [2, саҳ. 380] Энн Мойр ва Дэвид Ҷессел бошанд, чунин қайд менамоянд, ки «Дар тули ҳазорсолаҳо, муносибат ба мардон ва занон гуногун буд. Ба одамон аз рӯйи маҳорат, қобилият, фаҳмиш ва рафтори онҳо нақшҳои муайян «тарҳрезӣ» карда мешуданд, аммо ҳамаи ин танҳо аз нуқтаи назари ба кадом ҷинс мансуб будани шахс андешаронӣ карда мешуд…Нақши афзалиятноке, ки занон ба муносибатҳои шахсӣ гузоштаанд, худшиносӣ, бо машаққат ба даст овардани муваффақият, бераҳмӣ ва «норавшан»-и арзишҳои шахсиро, ки нуқтаи назари мардонро ба мансаб тавсиф мекунанд, иваз мекунад. Мағзи сари зан гуё чунин барномарезӣ шудааст, ки аз ҳар нақше, ки барои худ интихоб мекунад, бо дарки таъсиррасонии муҳити берунӣ, мақом, дастовард ва аз ба муваффақият расидан қаноатмандӣ бигирад. Мардон, баръакс, он соҳаҳоро интихоб мекунанд, ки муваффақиятро ба осонӣ ба даст овардан мумкин аст. Таърихан, онҳо аз ҷойҳои корӣ, ки дар он ҷо эҳсоси меҳнати мансуб ба мақоми зан вуҷуд дорад, канорагирӣ мекунанд» [2, саҳ. 381, 388] Бо истифода аз шарҳи фарқияти қобилиятҳои зеҳнии занон ва маълумотҳои мавҷуда оид ба фаъолнокии занон на танҳо дар доираи гирифтани таҳсил, инчунин руҷуъмандӣ ба соҳибкорӣ, ки пеш аз ҳама таъмини бехатарии молиявии дарёфти роҳ ба сӯйи саодатмандиро, аз нуқтаи назари онҳо, ки ба хусусиятҳои хоси тафаккур, идрок ва ба нақшагирии ҳадафҳои ҳаёт, ки дар корҳои муҳаққиқон - Бирюлин С [3] ва Кристенсен К оварда шудаанд [4], возеҳ баён гардидаанд. Аз ин нуқтаи назар, Сантяго Рамон - и - Кахал аз нигоҳи нақши мағзи сари инсон ва лоиҳакашии ҳадафҳои ҳаёт барои мисол, интихоби роҳ ва усулҳои самараноки соҳибкорӣ, фаъолият дар раванди татбиқи фазои тиҷорати электронӣ, таҳия ва пешниҳод намудани бизнес-нақшаҳо бо истифода аз неруи зеҳнӣ ва таҷрибаи дигар давлатҳои ҷаҳон, аз он ҷумла, миллионер ва миллиардерҳо-занони машҳури ҷаҳон чунин фикру андешаро пешниҳод намудааст, ки ҳар як ҷузъиёте, ки дар умум мағзи сари инсонро ташкил медиҳанд ва амалҳои алоҳидаро иҷро менамоянд, ин маънои онро дорад, ки «Майна (мағз)-и сар дунёест, ки аз материкҳои омӯхтанашуда ва қаламравҳои васеъи номаълум иборат аст» [10, с.10].

Бо ҳамин мазмун, барои баҳогузории заминавии фаъолнокии занон дар мисоли фарогирӣ ҳамчун аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол дар 5 маркази фурӯши типи нав, дар мисоли марказҳои савдои “Ашан”, “Пайкар”, “Сиёма мол”, “Ёвар”, инчунин 4 бозори доимамалкунандаи хизматрасонӣ “Корвон”, “Саховат”, “Садбарг”, “Меҳргон”, “Фаровон” татқиқоти умумии омӯзиши баҳогузорӣ ба фаъолнокии занон ва нақши онҳо дар таъмини ба даст овардани дороиҳои молиявӣ барои пойдории иқтисодиёти оила зери таҳлил қарор гирифт, ки дар умум аз миқдори умумии кормандони интихобие, ки дар татқиқоти мазкур, зери таҳлил қарор гирифтаанд, зиёда аз 72%-и онҳоро занон ташкил доданд, яъне дар соҳаи хизматрасонӣ фаъолияти занон афзалият дорад.

Аз нуқтаи назари тағйиротҳоеро, ки дар ҷаҳони муосир, яъне паҳн гардидани тарз ва усули нави хизматрасонӣ, фаҳмиши дастрасӣ ба имкониятҳое, ки ба ғайр аз таҷриба, инчунин аз бар намудани донишу малака ва сатҳи муайяни неруи зеҳниро талаб менамояд, яъне дар симои кормандани замони тағйирёбанда чӣ тавре, ки Л. М. Куликов қайд менамояд, «Ташаккули типи нави кормандон дар миқёси мамлакат ҷараёни мураккаб ва дуру дароз мебошад, ки онро метавон ба 4 самти зерини асосӣ ифода намуд: 1-таҳсилоти воло ва ҳамаҷониба бо инобати таҷрибаи ҷаҳонӣ; 2- ташаккули донишҳои касбӣ ва соҳибкорӣ; 3-ташаккули тафаккури мустақилона ва эҷодкорона амал намудан; 4-ташаккули хислатҳои масъулиятшиносӣ ва зоҳир намудани худфаъолнокӣ.» [5, с. 45]

Бо назардошти самтҳои муайянгардида бо истифода китоби “20 духтароне, ки онҳо дар ҷаҳон ҳамчун муъҷизакорон эътироф гардидаанд”-ро зери таҳлил қарор додем. Дар доираи маълумоти мавҷуда намояндагони соҳаи санъат, ситораҳои соҳаи варзиш, муҳаққиқон ва сайёҳоне, ки дигар кишварҳоро кашф намудаанд, тарроҳон, олимону ихтироъкорон ва нависандагонро зери таҳлил қарор дода шуд, ки вобаста ба таҷрибаи мазкур метавон дар доираи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхонаҳо, ширкатҳо ва дигар самтҳои фаъолият чунин барномаҳоро татбиқ намуд, ки бо ҳамин мазмун 20 духтароне, ки метавонанд Тоҷикистонро ба ҷаҳониён муаррифӣ намоянд, 30 нафар донишҷуёне, ки метавонанд беҳтарин барномасозони аср гарданд, 50 нафар тарроҳоне, ки онҳо санъати волои миллии Тоҷикистонро метавонанд машҳур намоянд, 100 нафар духтароне, ки метавонанд 2 ва аз ин зиёд забонҳои хориҷиро аз худ намуда, барои рушди сайёҳӣ саҳмгузорӣ намоянд ва ба ҳамин мазмун дигар барномаҳо амалӣ гарданд.

Аз ин нуқтаи назар дар доираи мавзӯи илмӣ-таҳқиқотӣ якчанд мазмуну мундариҷаи гузаронидани тренингҳо бо истифода аз маҷмуи зиёди адабиётҳое, ки оид ба баланд бардоштани неруи зеҳнӣ IQ бахшида шудаанд. Дар доираи таҳияи маводҳои мазкур, ки онҳо одатан ба рушди соҳибкорӣ-инноватсионӣ татбиқи технологияҳои рақамӣ, рушди иқтисодиёти сабз, таҳия ва муаррифии бизнес-нақшаҳо бо системаи бонкдорӣ ва дигар корҳо ба сомон расонида шудаанд. Оид ба аҳамияти мафҳуми коэффисенти IQ, яъне коэффисенти интеллект Ганс Ю. Айзенк в Деррин Эванс чунин қайд менамоянд: “консепсияи IQ ягона аст, шояд як истилоҳи психологияи муосир, ки воқеан ба таври васеъ маълум шудааст ва санҷишҳои IQ ягона, эҳтимолан, унсури психологияи амалӣ мебошанд, ки дар ҳама ҷо истифода мешаванд. Масалан, китоби Шнайдерман ва Ротман бо номи The Controversy IQ (Oxford, Transaction Books, 1988) натиҷаҳои пурсиши беш аз 600 коршиносро дар ҳамаи самтҳои дар боло зикргардидаи равоншиносӣ дар бар мегирад; муаллифон дар андешаҳои пурсидашудагон дараҷаи назаррас мувофиқат мекунанд - баъзан дар ҳама масъалаҳо қариб якдилона мебошанд” [3, с. 8-9] Олим аз ин нуқтаи назар асосгузори «мактаби Кембриҷ», ки муҳимтарин асари ӯ зери унвони «принсипҳои илми иқтисодӣ», ки ҳанӯз соли 1890 якумин маротиба чоп гардида, баъд аз он чанд маротибаи дигар аз нашр баромадааст,

чунин хусусиятҳои хоси мансуб ба мутахассисони соҳаи иқтисодиётро пеши назар овардааст: «Иқтисодчӣ бояд дорои се хислати бузурги неруи ақлонӣ – идрок, тасаввур, ақли солим бошад, вале аз ҳама бештар ба тасаввурнамоӣ ниёз дорад, то он сабабҳоеро, ки аз чашм дур ниҳонанд, барои худ тасаввур намояд, ки чӣ гуна оқибатҳоро метавонанд биёранд, ки онҳо дар фазои қабули ин ҳолатҳо вуҷуд надоранд.» [7, саҳ. 100-101] Чунин хусусиятҳои фарқкунандаи неруи ақлониро, ки А. Маршалл ба онҳо ишора менамояд, вобаста аз ташаккули тафаккури фикрронӣ ва истифодаи имконияти мағзи сар Говард Гарднер профессори донишгоҳи Гарвард ба 8 гуруҳи шартӣ ҷудо менамояд, ки онҳо ба тарзи зайл шарҳ дода шудаанд: «намуди зеҳни афзалиятдоштаи забондонӣ- IQ1, намуди зеҳни афзалият ба маҳорати мусиқӣ- IQ2, намуди зеҳни ифодакунандаи сатҳи баланди донишҳои мантиқӣ-математикӣ- IQ3, намуди зеҳни ифодакунандаи фазоӣ- IQ4, намуди зеҳни ифодакунандаи қувваи ҷисмонӣ-кинестетикӣ- IQ5, намуди зеҳни ифодкунандаи муоширати гурӯҳӣ- IQ6, намуди зеҳни ифодкунандаи муносибатҳои дохилишахсӣ- IQ7, намуди зеҳни табии хоси озмоишкунанда- IQ8» [1, с. 6-7] Бо истифода аз гурӯҳбандии намудҳои афзалиятдоштаи интеллект (зеҳн) як шахс метавонад дорои як намуди IQ ва ё якчанд намуд бошад. Вобаста ба ин хислатҳо ва қобилиятҳо одамон метавонанд барои расидан ба муваффақият аз ин хислатҳои фарқкунанда истифода баранд, ки на танҳо барои мардон, инчунин барои занҳо низ ин ҳолат метавонад ҷой дошта бошад. [2].

Аз нигоҳи ҷой доштани ҳолати мазкур ва фарқияти хоси неруи зеҳнӣ (интеллект)-и занон бо истифода аз натиҷаҳои таҳқиқотҳои олимони рус, ки зимни гузронидани ташхису хулосабарорӣ аз баҳогузорӣ ба дастовардҳои ширкатҳо, сохторҳо ва мақомотҳои далатӣ, корхонаҳо, робита бо шарикони хориҷи кишвар ба даст овардаанд, чунин маълумотҳои тасдиққунанда ҷой доранд, яъне: «...мағзи сари мард абстрактӣ ва майнаи зан мушаххастар аст. Маҳз аз ҳамин сабаб аст, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ дар давоми чандин даҳсолаҳо асосан аз тарафи мардон идора карда мешавад, дар хамаи зинаҳои идоракунӣ ин қадар қарорҳои то охир санҷиданашуда, қабул карда мешаванд;

Мағзи сари мард қодир аст, ки дар як вақт ба ҳалли як масъала тамаркуз кунад, дар ҳоле ки майнаи зан метавонад дар як вақт ба ҳалли бисёр мушкилот тамаркуз кунад. Аз ин рӯ, ба назари мо, ҷалби занон ба ҷараёнҳои мухталиф, ки натиҷаи воқеии онҳо ва таваҷҷуҳи ВАО дарҷ мегардад, ба имконияту қабули образи занҳо номутаносиб аст; Занҳо дар дарк, таҳлил ва азёдкунии миқдори зиёди иттилоот нисбат ба мардон бартарӣ доранд. Дар шароити тарзи бештар ҷой доштани нақши мардон дар идоракунӣ дар соҳаи илм ва маориф мушкилоти инкишоф додани тадқиқоти байнисоҳавӣ, инчунин, мушкилоти инкишофи интегратсияи илм, маориф ва истеҳсолот равшан ифода ёфтаанд;

Ниҳоят, муҳаққиқони мард иддао доранд, ки иқтидори зеҳнӣ (IQ) дар занон нисбат ба мардон ба ҳисоби миёна 3% зиёдтар аст. Ҳамин тавр, вобаста аз вазъи оилавӣ, сатҳи зиндагӣ ва аҳамият додан ба шароитҳои таъмини молиявӣ аз нуқтаи назари нақши занон ва мардон бояд таҳқиқотҳои фарогир бо иштироки олимони соҳаҳои гуногунро гузаронд. Ҳолати идеалӣ, ба фикри онҳо, яъне дар доираи таҳқиқотҳои гузаронидашуда бояд бо инобати иҷрои таносуби мардону занон аз нигоҳи ҷалби ҳар яке аз намояндагони болозикр дар ҳамаи самтҳо ё дар тавозун ва ё дар бартарии вобаста аз хусусиятҳои хоси интеллекти занон ба роҳ монда шавад.» [15, с. 17-18].

Хулоса: таҳлилҳои муқоисавии назария ва амалияи рушди иқтисодиёти ба дониш такякунанда бо назардошти ба инобат гирифтани хусусиятҳои хоси қобилиятҳои зеҳнӣ ва интихоби стратегияи ҳаёт аз ҷониби занон метавонанд дар интихоби роҳ ва усулҳои расидан ба рушди иқтисодиёти миллӣ ба инобат гирифта шаванд. Чунин масъалагузорӣ аз он бармеояд,

ки аз нигоҳи муайян намудани ҳадафҳои рушди соҳаҳо, оғоз аз иқтисодиёти оилавӣ бояд он масъалаҳоеро, ки дар доираи ташаккули тафаккури иқтисодӣ метавонад саҳми арзанда дошта бошад, аломатҳои зерин маҳз дар қобилиятҳои зеҳнӣ ва тасаввурнамоии пешравӣ возеҳ мушоҳида мегарданд. Бинобар ин, таҳия ва татбиқи барномаҳое, ки ба ин масъалаҳо вобаста мебошанд, махсусан дар заминаи фарогирӣ ба таҳсил ва ташкили тренингҳо дида баромада шаванд, ки таҳқиқотҳои гузаронидашуда ба ин шаҳодат медиҳанд.

Литература:

1. Армстронг Томас. Ты можешь больше, чем ты думаешь / Томас Армстронг. М.: ООО «Манн» Иванов Ифербер. 2016. - 252 с.
2. Батлер-Боудон Том. 50 великих книг по философии / Том Батлер-Боудон; (пер. с англ. К. Савельева). - Москва: Эскмо, 2023. - 432 с.
3. Бирюлин С. Стратегия жизни: Как спланировать будущее, наполненное смыслом и счастьем. - М.: ООО «Издательство Эксмо», 2020. - 287 с.
4. Кристенсен К. Стратегия жизни / Клейтон Кристенсен, Джеймс Оллворт, Карен Диллон; Пер. с англ. - М.: Альпина Паблишер, 2013. - 242 с.
5. Куликов Л.М. Основы экономической теории: учеб. пособие / Л. М. Куликов. - 2-е изд., перераб. и доп. - М.: Финансы и статистика, 2009. - 400 с.
6. Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷмӯаи оморӣ. Образование в Республике Таджикистан: статистический сборник. - Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024 - 114 с.
7. Маршалл А. Принципы экономической науки, т.I. Пер. с англ. - М., Издательская группа «Прогресс», 1993 - 414 с.
8. Мир в цифрах - 2015. Карманный справочник / (Пер. с англ. О. Лазуткиной). - М.: Издательство «Олимп - Бизнес», 2015. - 272 с.
9. Мирзоев Э.Р. Рӯзгори одамони муваффақ. / Муҳаррир Шарифова Л. - Душанбе: Аржанг, 2020. - 296 с.
10. О'Салливан С. Мозговой штурм. Детективные истории из мира неврологии / Сюзанна О'Салливан; [перевод с английского К. В. Банникова]. - Москва: Эксмо, 2023. - 384 с.
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28.12.2024.
12. Раҳимзода Ш. Барномаҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон-таконбахши рушди иқтисодии миллӣ // Маводҳои конференсияи байналмилаллии илмӣ-амалӣ. Душанбе, 21 ноябри 2024. - 120 с.
13. Роб Я. Сила личности. Как влиять на людей и события / Роб Янг. М.: «Претекст», 2013. - 344 с.
14. Румянцева Е.Е. Новая экономическая энциклопедия. 3-е изд. - М.: ИНФРА-М, 2008. - VI, 826 с.
15. Румянцева Е.Е. Политика, основанная на знаниях, в контексте роста международного авторитета России (статьи, лекции, выступления и экспертные оценки политических решений). - М.: ИНФРА-М, 2012. - 444 с.
16. Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе.: ҶДММ «Контраст», 2016. - 87 с.
17. Тоҷикистон дар рақамҳо: Таджикистан в цифрах: Tajikistan in figures / Ҳайати таҳририя: Ҷ. Нурмаҳмадзода. - Душанбе. РТН МД МКҲИ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. - 174 с.

18. Шарма Р.С. Ключ к сверх возможностям! 100+1 идея для раскрытия вашего потенциала от монаха, который продал свой «феррари» / Р. С. Шарма - «Издательство АСТ», 2007. - 159 с.
19. Шаҳло Эшонова. Роҳ ба сӯи муваффақият. - Душанбе: "Шарқи озод", 2022. - 160 с.
20. Шоул Дж. Только вперед! Пошаговое руководства по достижению успеха. - СПб.: Питер, 2014. - 176 с.
21. 20 необыкновенных девочек, изменивших мир / Розальба Трояно; [перевод с англ+ийского Е. В. Воропаевой]. - Москва: Эксмо, 2021. - 88 с.
22. https://ru.wikipedia.org/wiki [Махзани электронӣ, рузи муроҷиат - 17.02.2025]
23. https://www.forbes.ru/forbes-woman/ [Махзани электронӣ, рузи муроҷиат - 17.02.2025]
24. https://www.google.com/search [Махзани электронӣ, рузи муроҷиат - 17.02.2025]

УЧЁТ ОСОБЕННОСТЕЙ ЖЕНСКОГО ИНТЕЛЛЕКТА В КОНТЕКСТЕ ДОСТИЖЕНИЯ ЦЕЛЕЙ ЭКОНОМИКИ, ОСНОВАННОЙ НА ЗНАНИЯХ

В данной статье нами рассмотрены некоторые особенности формирования женского интеллекта с учётом позиции учёных различных отраслей наук. При такой постановке вопросов нами приняты во внимание особенности выбора модели развития экономики Таджикистана с учётом места и роли женщин в процессе управления знаниями, инновациями и изменениями. Нами в этом аспекте принято предположение о том, что «женщины» в процессе самореализации и выполнения функциональных задач, начиная с планирования семейной экономики до выполнения функциональных задач по различным направлениям, выполняют своеобразную роль по созданию «системообразующего стабилизационного фонда», начиная от планирования семейной экономики, визуального проектирования будущего, управления финансами и других направлений деятельности. Такое разъяснение роли женщины нами обосновывается на основе учёта развития интеллекта и самореализации в жизни, которые исходят из сбора и систематизации исторических справок и других источников, где приведены сведения об их выдающихся достижениях в историческом ретроспективе.

Ключевые слова: экономика, семейная экономика, «системообразующий стабилизационный фонд», интеллект, женский интеллект, особенности формирования женского интеллекта, деятельность, управление знаниями, управление инновациями, анализ, синтез.

ACCOUNTING THE FEATURES OF WOMEN'S INTELLIGENCE IN THE CONTEXT OF ACHIEVEMENT OF THE GOALS OF A KNOWLEDGE-BASED ECONOMY

In this article we consider some features of the formation of female intelligence, taking into account the position of scientists in various branches of science. In asking questions in this way, we took into account the peculiarities of choosing a model for the development of the economy of Tajikistan, taking into account the place and role of women in the process of managing knowledge, innovation and change. In this aspect, we have accepted the assumption that "women" in the process of self-realization and performing functional tasks, from planning the family economy to performing functional tasks in various areas, play a unique role in creating a "system-forming stabilization fund" ranging from family economic planning, visual future design, financial management and other areas of activity. We substantiate this explanation of the role of women on the basis of taking into account the development of intelligence and self-realization in life, which comes from the collection and systematization of historical references and other sources that provide information about their outstanding achievements in historical retrospect.

Key words: economics, family economy, “system-forming stabilization fund”, intelligence, female intelligence, features of the formation of female intelligence, activity, knowledge management, innovation management, knowledge management, analysis, synthesis.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Одиназода Мохтоббӣ Сайдалӣ - муовини сардори раёсат-сардори Шуъбаи рушди соҳаҳои иҷтимоии Раёсати рушди соҳаҳои иҷтимоии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ, 14А. Тел: (+992) 5555555820; E-mail: mohtob_odinaeva@mail.ru

Сведения об авторе:

Одиназода Мохтобби Сайдали - заместитель начальника отдела развития социальной сферы Департамента развития социальной сферы Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. Айни, 14А. Тел: (+992) 5555555820; E-mail: mohtob_odinaeva@mail.ru

Information about the author:

Odinazoda Mokhtobbi Middle - name, Deputy Head of the Social Sphere Development Department of the Social Sphere Development Department of the Ministry of Economic Development and Trade of the Republic of Tajikistan, address: Dushanbe, st. Aini 14A. Tel: (+992) 5555555820; E-mail: mohtob_odinaeva@mail.ru

УДК 331.108

МОҲИЯТ ВА НАҚШИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР РУШДИ ТАШКИЛОТ

Рустамзода Ф.М.

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Дар мақола мафҳум, моҳият, сохтор ва унсурҳои сармояи инсонӣ аз нуқтаи назари якчанд муаллифон таҳлил гардидааст. Муаллифон хусусиятҳои фарқкунандаи сармояи инсониро аз дигар сармояҳо омӯхтанд. Хусусиятҳои сармояи инсонии ташкилот, усулҳои баҳодии он ва нақши сармояи инсонӣ дар баланд бардоштани самаранокии ташкилот муайян гардидааст. Самаранокии идоракунии сармояи инсонӣ аз ҳаракати захираҳои меҳнатӣ вобаста мебошад.

Калидвожаҳо: сармояи инсонӣ, ташкилот, самаранокӣ, ташаккул, идоракунӣ ва низом, рушди сармояи инсонӣ, нишондиҳандаҳо, омилҳои сармояи инсонӣ.

Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд[21].

Эмомалӣ Раҳмон

[21] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе. - 2023.

Дар ҳаёти ҷомеаи шаҳрвандӣ рушд ва ташаккули сармояи инсонӣ нақши калидиро иҷро намудааст, инчунин, дар раванди ҳамгироии иқтисодиёт аҳамияти авалиндараҷаро касб намудани он дубора пайдо шуд. Ҷаҳони имрӯза дар шароити муосир ба марҳилаи нави рушди иқтисодиёт ҳаракат намуда истодааст, ки асоси онро сармояи инсонӣ, рушди иқтисодии донишҳо ва тавонмандии ҳунарӣ, қобилияту истеъдоди созандагии онҳо ташкил намудааст.

Қайд намудан зарур аст, ки аксарияти олимони соҳа вобаста ба муайян намудани мавқеи рушди сармояи инсонӣ дар ҷаҳони имрӯза таҳқиқотҳои зиёдро анҷом додаанд. Инчунин ба хулосае омаданд, ки дар илми иқтисодӣ сармояи инсонӣ доимо нақш ва аҳамияти аввалиндараҷаро доро мебошад.

Хусусиятҳои асосии сармояи инсонӣ яъне, эъҷодӣ, қобилият, маҳорат, истеъдод ва қувваҳо, ки бо ёрии он худ ва атрофиёнро рушд медиҳанд. Агар инсонҳо дорои чунин хусусиятҳо бошанд, метавонанд дар ҷомеа мавқеи хешро пайдо намоянд ва дар иқтисодиёти мамлакати худ саҳмгузор гарданд.

Яке аз сабаби суръатбахшӣ ва инкишофи базаи моддию техникӣ дар истеҳсолот, ин табадулоти саноатӣ мебошад, ки дар ҳолати пайдо гардидани мушкилиҳо қобилияти асосии онро рупӯш мекунанд.

Дар марҳилаҳои ташаккулёбии рушди сармояи инсонӣ қобилияти меҳнатӣ ва эҷодии инсонҳо яке аз омилҳои асосии миқдори истеҳсолот ба шумор рафта, ин марҳила солҳои зиёд давом ёфтааст.

Оид ба масъалаи рушди сармояи инсонӣ ва истифодаи самараноки он олимони зиёди соҳаи иқтисодиёт аз ҳаргуна мактабҳои илмӣ таҳқиқот гузаронидаанд ва вобаста ба назарияи муосири рушди сармояи инсонӣ мафҳумҳои зиёдро пешниҳод намудаанд. Аз байни чунин олимони соҳаи иқтисод корҳои илмии олимони Амрикои Т. Шулс, Г. Беккер қобили қабул гардидаанд, ки онҳоро ҳамчун асосгузор ва баъдан барои гузаронидани таҳқиқоти самаранокашон бо ҷоизаи Нобел сарфароз гардонидаанд.

Ин олимон диққати аввалиндараҷаро ба рушди сармояи инсонӣ равона намудаанд, ки оид ба аҳамияти қувваи корӣ, қобилияти инсон, таҳсилоти он дар афзоишёбӣ ва рушди иқтисодиёти давлат ва аҳолии он ақидаҳои хешро иброз намуданд, ки то ҳол қимати баланди хешро гум накардаанд. Дар шароити муосир вобаста ба масъалаи мазкур таҳқиқот низ идома карда истодааст ва аз ҷониби унвонҷӯёну олимони соҳаи иқтисод рисолаҳои илмӣ таълиф шуда истодааст.

Дар бахши сармояи инсонӣ аввалин шуда, олими соҳаи иқтисодии Амрико Т. Шулс ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид. Баъди анҷоми таҳқиқоти хеш Теодор Шулс соли 1979 ба ҷоизаи Нобели сарфароз гардид. Теодор Шулс мафҳуми сармояи инсониро чунин манидод намудааст: «...Тамоми қобилияту истеъдоди одамон модарзодӣ ба шумор меравад. Аз лаҳзаи тавалуд гардиданашон, дорои қобилияти алоҳидаи генҳо ба шумор мераванд, ки қобилияти муайян намудани таваллуди онро дар бар мегирад.

Сармояи инсонӣ ба даст овардани хислатҳои инсоние, мебошад ки метавонад ба сармоягузориҳои мувофиқ таҳвият дода шавад» [1].

Дар раванди таҳқиқоти хеш Т. Шулс ба хулосае меояд, ки дар мамлакатҳои суттараҷикарда барои боз ҳам беҳтар намудани шароити инсонҳо ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум танҳо дониш лозим мебошад. Зеро бо доштани донишҳои замонавӣ аксарияти мардум метавонанд барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум ва фароҳам овардани шароити мусоид саҳмгузор бошанд.

Олими дигари иқтисодшиноси рус Критски М.М. сармояи инсониро чунин маънидод намудааст: "...яке аз шакли асосии ҳаёт ва фаъолияти инсон сармояи инсонӣ ба шумор рафта, аз ду шакли асосӣ (истеъмол ва истеҳсолот) иборат мебошад» [2] .

Қайд намудан зарур аст, ки олими дигари соҳаи иқтисод Беккер Г. мафҳуми «сармояи инсонӣ»-ро баъди мафҳуми дода шудаи Шулс Т. чунин шарҳ додааст: «...Сармояи инсонӣ - ин дар сатҳи микро, ки дар он сармояи инсонӣ дар корхона маҷмуи малакаҳои инсон ба шумор меравад, мебошад» [3].

Моҳият ва мафҳуми сармояи инсониро метавонад ба 2 шакл ҷудо намуд:

1. Васеъ
2. Кӯтоҳ.

Қайд намудан зарур аст, ки сармояи инсонӣ дар мафҳуми кӯтоҳ ин таҳсилот ба ҳисоб меравад.

Инчунин сармояи инсонӣ яке аз қисматҳои инсон ба шумор рафта, дар оянда барои гирифтани манбаи даромад ва қаноатмандӣ ба шумор меравад. Зеро шахси дорои дониш ва қобилиятҳои баланди истеъдодӣ метавонад, барои пайдо намудани манбаи даромад нақши муассир дошта бошад.

Сармояи инсонӣ дар мафҳуми васеъ чунин маънидод гардидааст. Яъне барои як шахс муайян намудани хароҷот барои таҳсил ва тайёр намудани мутахассис дар корхона, пеш аз ҳама нигоҳ доштани саломатӣ, муҳоҷират, дар бораи нарх ва даромад.

Сармояи инсониро дар таркиби маҷмуи сармоя, метавон ҳамчун унсурҳои он муаррифӣ намуда, яъне сохти дохилии хешро доро мебошад.

Аксарияти олимони соҳаи иқтисодӣ сохти сармояи инсониро ба принсипи хароҷот, дар асоси намудҳои сармоягузорӣ муҳим мешуморанд.

Илински И.В. дар навбати хеш сармояи инсониро чунин қайд намудааст: сармоя ин саломатӣ, фарҳанг ва маориф мебошад.

Инчунин Нойман Ф. дар навбати худ, «...маҷмуи унсурҳои зеринро ба: муҳимимияти этникӣ – фарҳангӣ, сифатҳои тахассусӣ, умумӣ ва маълумоти касбиро ҷузъҳои асосии сармояи инсонӣ нисбат додааст» [4] .

Дар таҳқиқоти хеш Ванкевич Е.В. бошад, «...ҷузъҳоро ба таври зайл тақсим намудааст, ба монанди доштани маълумот, дониш, маориф ва омодакунии касбӣ, ҳолати саломатӣ, талаботи ҳаракаткунанда, ҳавасмандӣ ва арзиш» [5].

Агар ба сармояи инсонӣ дараҷаи умуминокӣ назар намоем, пас дар сохтори он мумкин аст ба назаргирии равишҳо ба монанди инфиродӣ, коллективӣ ва ҷамъиятиро ташкил намояд.

Сармояи инсониро метавон ба якчанд гурӯҳ ҷудо намуд, яъне агар аз рӯйи гурӯҳбандии инфиродӣ ва колективӣ ҷудо намоем, маълум мегардад, ки сармояи инсонӣ аз одамони алоҳидаи гурӯҳ иборат мебошанд.

Дар тадқиқотҳои Ю.Г. Биченко «...аз ҳама бештар муайянкунандаи сармояи инсониро дидан мумкин аст».[6] Биченко Ю.Г. дар таҳқиқоти илмии хеш сармояи инсониро ба ду мафҳум ҷудо намудааст:

- Сармояи инсонии биологӣ, ки дар навбати хеш ба 2 қисм ҷудо намуданд:
  - Ирсӣ
  - Бадастомада.
- Сармояи инсонии фарҳангӣ бошад, салоҳияти забонӣ ва фарҳангии шахс, сарват дар шакли дониш ё ақида башумор меравад.

Яке аз фаъолиятҳои пурсамари ташкилотҳо дар шароити муосир ин рушди сармояи инсонӣ мебошад, ки ва бидуни рушди он ягон ташкилот наметавонад фаъолияти пурсамар кунад.



Расми 1. Хусусиятҳои асосии сармояи инсонӣ

Расми 2. Модели идоракунии сармояи инсонӣ

Для применения риск-ориентированного подхода в управлении ГВД пока отсутствуют необходимые методические основы. Следовательно, в современных условиях возникает необходимость в разработке специфического документа, который, с одной стороны, будет стимулировать потенциальные и вероятные риски управления ГВД, с другой стороны, позволит применять важные индикаторы для анализа и оценки данных рисков и минимизации возможных отрицательных результатов в ситуации реализации рисков.

Для решения этих задач необходимо в Министерстве финансов Республики Таджикистан формировать новую должность - риск-менеджер по долговым рискам. Основными функциями этого риск-менеджера являются: выявление возможных рисков по общему долговому портфелю, анализ и оценка этих рисков, выбор и применение приемлемых долговых методов, способов, индикаторов и инструментов, используемых для снижения рисков и уменьшения возможных негативных последствий наступления рисковых случаев.

Риск-ориентированный подход в управлении ГВД предусматривает, что для достижения цели по повышению уровня продуктивности управления государственных внешних долговых обязательств необходимо учитывать не только нынешние параметры внешнего заимствования, но и их перспективные прогнозированные параметры. Итак, риск-менеджмент ГВД должен предполагать, с одной стороны, мониторинг нынешнего состояния выполнения внешних долговых обязательств, с другой стороны, определить возможные и вероятные риски в перспективе, возникновение которых может стать причиной появления негативных последствий.

В заключении отметим, что в соответствии с риск-ориентированным подходом в управлении ГВД одним из значимых механизмов риск-менеджмента должно быть регулярное стресс-тестирование нынешнего и грядущего состояния погашения и обслуживания государственных внешних заимствований. Формирование, практическое применение стресс-тестирования и регулярное опубликование его результатов, к примеру, на сайте Министерства финансов Республики Таджикистан, будет способствовать повышению уровня результативности и качеству управления ГВД, также улучшит отчётливость риск-менеджмента в данном направлении.

Литература:

1. Авдийский В.И. Риски хозяйствующих субъектов: теоретические основы, методология анализа, прогнозирования и управления: учебное пособие. - М.: ИНФРА-М. - 2020. - 368 с.

2. Брагинская Л.С. Государственный долг: анализ системы управления и оценка ее эффективности. - М.: Университетская книга. - 2007. - 128 с.

3. Вавилов А. Государственный долг: уроки кризиса и принципы управления. - М.: Городециздат. - 2003. - 394 с.

4. Гамукин В.В. Бюджетные риски: группы, виды, примеры: монография. - Тюмень: Изд-во Тюменского государственного университета. - 2015. - 340 с.

5. Данилов Ю.А. Рынки государственного долга: мировые тенденции и российская практика. - М.: ГУ ВШЭ. - 2002. - 432 с.

6. Миркин Я.М. Национальный доклад: риски финансового кризиса в России: факторы, сценарии и политика противодействия. - М.: Финансовая академия. - 2008. - 148 с.

7. Наставления по управлению государственным долгом. Подготовлены сотрудниками Международного Валютного Фонда и Всемирного банка. - 2001. - 45 с.

8. Отчёт о состоянии государственного долга Таджикистана за 2024 год. [Электронный ресурс] // www.moliya.tj

9. Тартарашвили Т.Т. Аудит эффективности управления рисками коммерческого банка: монография / Т.Т. Тартарашвили, В.П. Панков. - М.: Магистр. - 2010. - 221 с.

10. Твардовский, В. Риски эмитента и ожидаемая доходность облигаций / В. Твардовский // Рынок ценных бумаг. - 2005. - №4. - С. 29-33.

ТАТБИҚИ РАВИШИ БА ХАВФ НИГАРОНИДАШУДА ДАР ИДОРАКУНИИ ҚАРЗИ ДАВЛАТИИ БЕРУНӢ

Яке аз хусусиятҳои хоси қарзи давлатии берунӣ ногузирии пайдо шудани хавфҳо барои қарзгиранда мебошад. Дар мақола баъзе хавфҳои қарзи давлатии берунӣ ҷудо ва тавсиф карда шудаанд. Муаллиф усулҳои идоракунии хавфҳои қарзи давлатии беруниро муайян кардааст. Дар доираи равиши ба хавф нигаронидашуда якчанд усулҳои идоракунии хавфҳои қарзи

давлатии берунӣ муайян карда шудаанд. Моҳияти равиши ба хавф нигаронидашуда оид ба истифодаи оқилонаи маблағҳои буҷетӣ дар идоракунии қарзи давлатии берунӣ кушода шудааст. Зарурати ташаккули равиши ба хавф нигаронидашуда дар раванди идоракунии қарзи давлатии берунӣ асоснок карда шудааст. Дар доираи равиши ба хавф нигаронидашуда муаллиф як қатор тадбирҳоро оид ба идоракунии хавфҳои қарзи давлатии берунӣ пешниҳод кардааст.

Калимадвожаҳо: қарзи давлатии берунӣ, равиши ба хавф нигаронидашуда, хавфҳо, усулҳо, маблағҳои қарзии беруна, уҳдадориҳои қарзӣ, идоракунии хавфҳо, мониторинг, пешгӯӣ, хизматрасонии қарзӣ.

APPLICATION OF RISK-BASED APPROACH IN MANAGEMENT OF PUBLIC EXTERNAL DEBT

One of the characteristic features of public external debt is the inevitability of risks for the borrower. The article highlights and characterizes some risks of public external debt. The author identifies methods of risk management of public external debt. Within the framework of the risk-oriented approach, several methods of risk management of public external debt are defined. The essence of the risk-oriented approach to the rational use of budget funds in managing public external debt is revealed. The need to form a risk-oriented approach in the process of managing public external debt is substantiated. Within the framework of the risk-oriented approach, the author proposes some measures for risk management of public external debt.

Key words: public external debt, risk-oriented approach, risks, methods, external borrowed funds, debt obligations, risk management, monitoring, forecasting, debt servicing.

Сведения об авторе:

Содиков Рахмон Хамроевич - кандидат экономических наук, доцент кафедры “Управления государственными финансами и цифровой экономики” Академии государственного управленияпри Президенте Республики Таджикистан. 734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Носира, 33. E-mail: rakhmon67@mail.ru; Тел: (+992) 935180012

Маълумот дар бораи муаллиф:

Содиқов Раҳмон Ҳамроевич - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. С. Носир, 33. E-mail: rakhmon67@mail.ru; Тел: (+992) 935180012

Information about the author:

Sodikov Rakhmon Hamroevich - candidate of economic sciences, associate professor of the Department of Public Finance Management and Digital Economy of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734025, Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str. E-mail: rakhmon67@mail.ru; Tel: (+992) 935180012

УДК 338.311+336.714:677.01(575.3)

ТАҲЛИЛ ВА АРЗЁБИИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ХОҶАГИҲОИ ПАХТАКОР

Тошматов М. Н., Қаландаров И. Э.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Дар ин мақола масъалаи таҳлил ва арзёбии истифодаи самараноки сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифон бо истифода аз усули арзёбии лоиҳаҳои сармоягузорӣ — яъне NPV (арзиши холиси ҳозира), самаранокии молиявии сармоягузорӣ дар истеҳсоли пахтаро таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки чӣ гуна ин усул метавонад ҳамчун воситаи боэътимоди қабули қарорҳои сармоягузорӣ хидмат кунад. Мақсад аз таҳқиқот — муайян намудани самаранокии иқтисодии сармоягузорӣ ва пешниҳоди тавсияҳо барои баланд бардоштани фоидаоварии соҳаи пахтакорӣ мебошад. Мақола инчунин омилҳои таъсиррасон ба арзиши холиси лоиҳа ва мушкилоти амалии татбиқи сармоягузорӣ дар шароити минтақаи Хатлонро ба таври амиқ муҳокима мекунад.

Калидвожаҳо: сармоягузорӣ, NPV, пахтакорӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, вилояти Хатлон, арзёбии молиявӣ, тибқи арзиши холиси ҳозира, самаранокии иқтисодӣ, тахлили лоиҳа, истифодаи сармоя.

Масъалаҳои ҷалби сармоя, таҳлил ва арзёбии истифодаи самараноки он яке аз муҳимтарин омили рушди иқтидори истеҳсолии иқтисодӣ ва таъмини рақобатпазирии ҳар як субъекти хоҷагидор ба ҳисоб меравад. Рушди иқтидори истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ барои расидан ба ду ҳадафи стратегӣ - таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар яке аз самтҳои асосии сиёсати иқтисодии муосири давлат мебошад. Соҳаи кишоварзӣ як сохтори мураккаб, мушаххас ва бисёрҷанбаи ташкилӣ мебошад, ки ба фаъолияти сармоягузории шарикӣ ниёз дорад. Он барои рушди иқтидори истеҳсолӣ захираҳои кофӣ надорад, зеро соҳаи мазкур хавфи бештар дошта сатҳи пасти ҷолибнокии сармоягузориро соҳиб аст. Ба рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ омилҳои зиёд ҳам дар сатҳи микро - ва ҳам дар макроиқтисод таъсири гуногунсамта мерасонанд, ки ҳангоми таҳлил ва арзёбӣ онҳо бояд ба инобат гирифта шаванд. Таҳлил ва арзёбии истифодаи самараноки сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ бояд се самти асосиро дар бар гирад: иқтисоди миллӣ, иҷтимоӣ ва тиҷоратӣ.

Аз нуқтаи назари методӣ арзёбии самаранокиии сармоягузорӣ дар се намуд ба амал оварда мешавад:

1. Самаранокии иқтисодӣ;
2. Самаранокиии иҷтимоӣ;
3. Самаранокии соҳибкорӣ.

Бояд қайд намуд, ки интихоби чунин намудҳои самаранокӣ комилан сунъӣ буда, бо муайян кардани нишондиҳандаи ягонаи самаранокии обект ва сатҳҳои гуногуни иқтисодӣ: хоҷагии халқ дар умум, соҳа ва корхона ё лоиҳаи мушаххаси сармоягузорӣ алоқаманд аст.

Нишондиҳандаи самаранокии сармоягузориро аз рӯйи меъёрҳои зерин тасниф кардан мумкин аст:

1. Аз рӯйи нишондиҳандаҳои ҷамбастӣ, ки ҳамчун меъёри самаранокии иқтисодии сармоягузорӣ мебошад:

- мутлақ, ки дар он нишондиҳандаи умумӣ ҳамчун фарқияти байни арзёбии арзишии натиҷаҳо ва хароҷотҳо вобаста ба татбиқи лоиҳа муайян карда мешавад.

- нисбӣ, ки дар он нишондиҳандаҳои умумӣ ҳамчун тиносуби арзиши натиҷаҳои лоиҳа ба хароҷоти умумии ба даст овардани онҳо ифода карда мешавад;
- муҳлатнокӣ, ки дар он давраи баргардонидани хароҷоти сармоягузорӣ арзёбӣ мешавад.

2. Аз рӯйи усули дар вақтҳои гуногун муқоиса намудани хароҷот ва натиҷаҳои умумӣ:
   - статикӣ, ки дар он селаҳои пулӣ дар вақтҳои (лаҳзаҳои, даврахои) гуногун ба вуҷуд омада, ҳамчун баробарарзиш (эквивалентӣ) ҳисобида мешавад;
   - динамикӣ, ки дар он селаҳои пулӣ дар натиҷаи татбиқи лоиҳа дар вақтҳои гуногун ба вуҷуд омада, тавассути дисконткунонӣ ба баробарарзишии оварда шуда муқоисашавии селаҳои пулиро таъмин мекунад.

Масъалаҳои сармоя ва сармоягузорӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи олимони ватанӣ ва хориҷӣ қарор дорад, зеро сармоягузорӣ муҳимтарин омили рушди ҳар кишвар мебошад.

Дар маҷмуъ, таҳлил ва арзёбии истифодаи самараноки сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ бояд дар се самти асосӣ амалӣ карда шавад:

✓ самаранокии хоҷагии халқ, ки аҳамияти сармоягузориро барои рушди иқтисодиёти кишвар дар назар дорад;

✓ самаранокии иҷтимоӣ, ки аҳамияти сармоягузориро барои рушди соҳаи иҷтимоии ҳудуди муайян дар назар дорад;

✓ самаранокии тиҷоратӣ, ки аҳамияти арзиши сармоягузориро аз нуқтаи назари фоиданокии онҳо барои ҳар як субъекти хоҷагидории кишоварзӣ дар назар дорад.

Дар ҳамаи мавридҳо сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои алоҳидаи соҳаи мушаххаси хоҷагии кишлоқ сурат мегирад ва дар ниҳоят, самаранокии онҳо чӣ дар соҳаи пахтакорӣ ва чӣ дар тамоми соҳаи кишоварзӣ дар шакли ҷамъбастӣ баҳо дода мешавад.

Солҳои охир як қатор бӯҳронҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ таваҷҷуҳи бештарро ба соҳаи кишоварзӣ ҳамчун ангезандаи ин мушкилот ва роҳҳои ҳаллу фасли онҳо ҷалб намудааст[25].

Сармоягузории соҳаи кишоварзӣ барои рушди иқтисодиёти минтақаи Хатлон такони ҷиддӣ медиҳад. Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки агар давлат барои сармоягузорӣ ҳамчун кафил баромад намояд, ин соҳа метавонад барои тараққиёти худ сармоягузории кофиро ҷалб созад. Сармоягузорони хусусӣ ва ё институтсионалӣ ба лоиҳаҳое сармоягузорӣ мекунанд, ки фоизи баланди даромад ё ин, ки имтиёзҳои андоз пешбинӣ карда шуда бошад. Бояд қайд кард, ки маҳдуд будани захираҳои сармоягузорӣ интихоби оқилонаи маблағгузориро талаб мекунад, яъне диққати асосӣ барои лоиҳаҳое равона карда мешавад, ки самаранокии бештар дошта, мавқеи ҳалкунанда дар иқтисодиёт доранд[26].

Аз ин бар меояд, ки мафҳуми «самаранокии лоиҳаи сармоягузорӣ» маҷмуи нишондиҳандаҳоро дар назар дорад, ки мутобиқати натиҷа ва хароҷоти лоиҳаи сармоягузориро ба ҳадафҳо ва манфиатҳои иштирокчиёни он барои арзёбии самаранокӣ ифода кунад.

Мақсади асосии сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзиро ба даст овардани техника, технология ва васеъ намудани истеҳсолот ва сохтмони нав, яъне зиёд кардани самараи фаъолияти иқтисодии он ҳисобидан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, дар баробари самаранокии истифодаи сармоягузориҳо ҳамчун захираи асосии рушди соҳа, самаранокии истеҳсолоти объекти сармоягузорӣ муҳим аст.

---

[25] AlainDeJanvry. Agriculture for development: new paradigm and options for success // Agricultural Economics. Volume 41, IssueSupplements1, pages 17-36, November 2010.

[26] Луговнина С.М. Особенности формирования оценки эффективности инвестиций в агропромышленном комплексе // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. - 2005. №1.

Яке аз сабабҳои асосии кам шудани сармоягузории соҳаи кишоварзӣ сатҳи нокифояи даромаднокии сармоя мебошад[27]. Назарияи самаранокии сармоягузорӣ бештар ба нишондиҳандаи даромаднокии лоиҳа, яъне самаранокии ҳар як воҳиди пулие, ки ба лоиҳа сармоягузорӣ шудааст, нигаронида шудааст. Мақсади асосии ҳар як сармоягузор кафолати баргардонидани сармояи пешниҳодшуда ва гирифтани фоиз аз меъёри даромади бозори молиявӣ мебошад. Чунин мешуморанд, ки даромаднокӣ ҳар қадар баланд бошад, самараи фаъолияти соҳа ҳамон қадар баланд мешавад.

Аммо самараи умумии фаъолияти хоҷагӣ се қисм, ба ғайр аз боздеҳии фондҳо, боздеҳии моддӣ ва ҳосилнокии меҳнатро дар бар мегирад, ки ба ҳисоб гирифтани ин нишондиҳандаҳо бе истифода бурдани нишондиҳандаи умумии самараи иқтисодӣ имконнопазир аст.

Сармоягузорӣ аслан ҳамчун амсилаи асосии рушди истеҳсолоти соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ мебошад. Агар самараи ҷамъбасти истеҳсолот бо нишондиҳандаи умумии самаранокӣ ифода карда шуда бошад, пас ба лоиҳа (модел) бо истифода аз ин нишондиҳанда ҳамин тавр баҳо додан аз рӯйи мантиқ аст.

Лоиҳаи беҳтарини инвеститсионӣ аз рӯйи арзиши максималии нишондиҳандаи умумии самараи истеҳсолоти объекти ба истифода додашуда муайян карда мешавад. Ин зарурати ҳалли проблемаи баҳодиҳии самаранокии истеҳсолот ва проблемаи самаранокии сармоягузориро ба проблемаи самаранокии истеҳсолот тобеъ донистанро талаб менамояд28.

Ҳамин тариқ, арзёбии самаранокӣ бо мақсади инъикоси манфиатҳои сармоягузорон ва манфиатҳои пурраи соҳаи кишоварзӣ истифодаи оқилонаи имконпазири захираҳои сармоягузории дар соҳаи мазкур истифодашаванда ва сарфшударо талаб мекунад. Ҳангоми интихоби лоиҳаҳо, сармоягузорон маҷмуи нишондиҳандаҳои баҳодиҳии талаботро ба истеҳсолоти воқеӣ ва манфиатҳои гуногуни иқтисодиро ба назар мегиранд: қайд намудан зарур аст, ки ҳангоми баҳодиҳии самараи сармоягузорӣ ба хоҷагиҳои пахтакор на танҳо аз рӯйи натиҷаҳои мувақатии фаъолияти сармоягузорӣ, балки натиҷаҳои ниҳоии такрористеҳсолкунӣ маҳсулоти пахта низ муҳим мебошанд.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳими молиявие, ки барои арзёбии самаранокии сармоягузорӣ истифода бурда мешавад, ин **NPV (Net Present Value)** мебошад, ки ҳамчун нишондиҳандаи арзиши софи имрӯз сармоягузоришаванда дар оянда чӣ миқдор фоида меоварад, баромад намояд.

NPV имкон медиҳад, ки арзиши умумии маблағи сармоягузоришаванда дар соҳаи пахтакорӣ бо ҳаҷми фоидаи ояндааш, бо назардошти давраи муайяни вақт ҳисоб карда шавад.

Нишондиҳандаи фоиданокии сармоягузорӣ (ROI - Return On Investments) имкон медиҳад, ки на танҳо омили фоиданокии лоиҳа, балки дараҷаи ин фоиданокӣ низ муайян карда шавад. ROI ҳамчун таносуби фоидаи миёнаи солона ба хароҷоти умумии сармоягузорӣ дар лоиҳа муайян карда мешавад.

$$ROI = \frac{\sum \pi_t}{I}$$

Дар ин ҷо: π_t - фоидаи соф аз лоиҳа дар соли t; T - миқдори солҳо дар давраи сармоягузорӣ; I - ҳаҷми хароҷоти сармоягузорӣ барои лоиҳа.

[27] Винокуров Г.М. Инвестиции, осуществляемые в форме капитальных вложений //Научно-практический журнал ''Вестник Иркутской Г осударственной Сельскохозяйственной Академии". - 2014, №64, - С.126.

[28] Дасковский В.Б., Киселёв В.Б. Совершенствование оценки эффективности инвестиций // Экономист. - М., 2009. - №1.

Барои муайян намудани муҳлати бо даромади соф пӯшида шудани сармоягузории ибтидоӣ **PBP (Payback Period) - давраи баргардонидани сармоягузорӣ истифода мешавад**. Он нишон медиҳад, ки чӣ қадар вақт лозим аст, то фоидаҳои сармоягузор сармояи аввалияро пӯшонанд. Яъне, **чанд сол (ё моҳ)** лозим аст, ки маблағҳое, ки сармоягузор сарф кардааст, **пурра баргардонда шаванд**.

$$PBP = \frac{Co}{CF}$$

Дар ин ҷо: Co – сармоягузории ибтидоӣ: CF – даромади солонаи соф (cash flow)

Самаранокии иқтисодӣ-интегралӣ - фарқи байни маҷмуи даромади дисконтшуда ва ҳаҷми сармоягузорӣ, яъне афзоиши воситаҳои пулӣ аз ҳисоби татбиқи сармоягузорӣ мебошад:

(Агар лоиҳаи сармоягузорӣ хусусияти якбораро надошта, балки мунтазам сармоягузории молиявиро дар давоми солҳо ифода кунад, дар чунин сурат арзиши софи ҷорӣ (NPV) чунин ҳисоб карда мешавад.

$$NPV = -\sum_{i=1}^{T_r} I_t (1+i)^{-t} + \sum_{t=T_e}^{T} C_t (1+i)^{-t} \quad 3)$$

ки дар ин ҷо:

I_t - селаи пулии сармоягузориҳои ибтидоӣ;

C_t - селаи пулӣ аз амалӣ намудан сармоягузорӣ дар муддати вақт t;

t- қадами ҳисоб;

i- меъёри (дисконткунонӣ) тахфиф;

T- бузургии даври соли ҳисоботӣ;

T_r - миқдори даврҳои солҳои сармоягузорӣ;

Усули арзиши ҷорӣ барои баҳодиҳии самаранокии солонаи иқтисодии лоиҳаи тадбиқшуда низ метавонад истифода шавад.

Фоиданокии сармоягузорӣ (ё меъёри фоида) метавонад барои муқоисаи фаъолияти лоиҳа бо имконоти алтернативии сармоягузории асосӣ истифода шавад.

Усулҳои статикии ҳисобкунии самаранокии иқтисодиро соҳибкорони хурд ва миёна истифода мебаранд, зеро ҳисоб кардани ин усулҳо хеле содда аст. Соҳибкорон аксар вақт ин усулҳоро дар ҳолатҳое истифода мебаранд, ки сармоягузорӣ дар ҳаҷми кам мебошад ва ҳисобҳо бояд зуд ва ба осонӣ анҷом дода шаванд ва нишондиҳандаҳо барои даврахои алоҳидаи ҳаёти объекти сармоягузорӣ беэътимод бошанд. Бо вуҷуди номуайянии нисбӣ, ин усулҳо метавонанд сармоягузориҳои бесамарро муайян ва пешгирӣ кунанд.

Мақсади асосии истифодаи усули NPV ин муайян намудани он аст, ки оё сармоягузории соҳаи мазкур фоида меорад ё не. Агар арзиши NPV мусбат (NPV > 0) бошад, пас соҳаи мазкур фоидаовар аст ва онро метавон барои сармоягузорӣ интихоб намуд. Баръакс, агар NPV (NPV < 0) манфӣ бошад, соҳаи мазкур зараровар ҳисобида мешавад.

Истифодаи NPV дар таҷрибаи иқтисодии ширкатҳо ба қабули қарорҳои оқилона кумак намуда, имконият медиҳад, ки захираҳои молиявӣ ба самтҳои воқеан фоидаовар равона карда шаванд. Ҳамчунин, NPV воситаи муфид барои муқоисаи якчанд лоиҳа буда, ба сармоягузорон имкон медиҳад, ки самараноктарин ва фоидаовартарин лоиҳаро интихоб намоянд.

Барои гузаштани иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз модели аграрӣ-саноатӣ ба модели саноатӣ-аграрӣ баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истифодаи захираҳои замини

кишти пахта аз ҷониби хоҷагиҳои пахтакор нақши асосиро мебозад, зеро самаранокии тамоми корхонаҳои соҳаи саноати сабук аз он вобаста аст. Бо мақсади таҳлили амиқи шароит ва раванди истеҳсол ва парвариши пахта бо истифода аз усули NPV таносуби байни ишондиҳадаҳои иқтисодии даромад ва ҷузъҳои хароҷотро муайян намудем.

Барои таҳлил ва арзёбии истифодаи самараноки сармоягузорӣ бо истифода аз усули NPV дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон танҳо он омилҳоеро интихоб намудем, ки нисбаташон маълумотҳои боэътимод мавҷуд аст.

Сармоягузории зарурӣ барои 1 га замини пахта бо ҳисоби миёна

Номгӯи хароҷотҳо	Ҳаҷм (сомонӣ)
Тухмии пахта	500
Коркарди замин	500
Нуриҳои минералӣ	1949,1
Обёрӣ	738,9
Корҳои агротехникӣ (культиватсия, кишт ва ғ.)	1200
Сӯзишворӣ ва техника	1386,4
Музди меҳнат	3139,8
Андозҳо	844,4
Ҷамъ:	**10258,6**

Ҳамин тариқ, аз рӯйи маълумотҳои бадастомада ва мушоҳидаҳои хоҷагиҳои деҳконӣ барои гузаронидани таҳлил ва арзёбии истифодаи самараноки сармоягузорӣ бо истифода аз усули NPV дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон омилҳои асосии онро муайян менамоем.

Ҳосили миёна: 2,2 тонна (2200 кг) ва ғӯзапоя (бутаи пахта) 1000 дарза. Даромад аз ҳосили ба даст омада 2200*11+1000*7=31200. **Фоидаи соф:** 31200 – 10258.59 = **20941.41сомонӣ**

- **ROI (Самаранокии сармоя):**

$$ROI = \frac{20941.41}{10258.49} * 100\% = 204.14\%$$

- **PBP (Замони баргашти сармоя):**

$$PBP = \frac{10258.49}{20941.41} = 0.48.9\,сол\,(такрибан 6\,мох)$$

- **NPV (Арзиши софи ҷорӣ, бо 15%):**

$$NPV = \frac{20941.41}{1.15} - 10258.49 = 18209.92 - 10258.49 = 7951.43$$

Дар натиҷаи таҳлили гузаронидашуда метавон ба хулоса омад, ки усули ҳисобкунии арзиши софи ҳозира (NPV) яке аз воситаҳои боэътимод ва муассири таҳлили молиявӣ дар арзёбии самаранокии сармоягузорӣ мебошад. Афзалияти асосии NPV дар он ифода меёбад, ки он даромад ва хароҷоти лоиҳаро бо назардошти арзиши сармоя вобаста ба вақт ҳисоб мекунад, ки барои қабули қарорҳои дуруст ва асоснок аҳамияти хоса дорад. Ҳисобҳои амалӣ нишон доданд, ки истифодаи NPV имкон медиҳад, самаранокии сармоягузорӣ муайян гардад, ки ду

баробар фоидаовар будани сармоягузорӣ ба соҳа бо далелҳои рақамӣ собит гардид. Дар ҳолатҳое ки NPV мусбат аст, сармоягузорӣ фоидаовар буда, лоиҳа метавонад ба даромаднокии умумии ширкати сармоягузор саҳм гузорад.

Барои боз ҳам беҳтар кардани самаранокӣ:

- Истифодаи техникаи муосир;
- Кам кардани талафот дар ҷамъоварӣ;
- Ба роҳ мондани фурӯши мустақим ба хоҷагиҳои пахтакор ва ё ширкати сармоягузор хело муҳим мебошад.
-

Адабиёт:

1. Луговнина С.М. Современные проблемы развития инвестиционной деятельности в АПК России в условиях санкций // Антикризисные технологии как фактор сбалансированного социально-экономического развития региона: материалы Всероссийской научно-практической конференции, посвящённой 95-летию образования Татарской АССР и 25-летию государственности Республики Татарстан, 70-летию ЮНЕСКО / под ред. Э. А. Файзрахмановой. Университет управления «ТИСБИ» (Казань). 2015. С. 122-131. URL: https://elibrary.ru/item.asp?id=25394334

2. AlainDeJanvry. Agriculture for development: new paradigm and options for success // Agricultural Economics. Volume 41, IssueSupplements1, pages 17-36, November 2010.

3. Луговнина С.М. Особенности формирования оценки эффективности инвестиций в агропромышленном комплексе // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. - 2005. - №1.

4. Винокуров Г.М. Инвестиции, осуществляемые в форме капитальных вложений //Научно-практический журнал ’’Вестник Иркутской Г осударственной Сельскохозяйственной Академии”. - 2014, №64, - С.126.

5. Дасковский В.Б., Киселёв В.Б. Совершенствование оценки эффективности инвестиций // Экономист. - М., 2009. - №1.

АНАЛИЗ И ОЦЕНКА ЭФФЕКТИВНОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИНВЕСТИЦИЙ В ХЛОПКОВОДЧЕСКИХ ХОЗЯЙСТВАХ

В данной статье рассматривается вопрос анализа и оценки эффективности использования инвестиций в хлопководческих хозяйствах Хатлонской области. Авторы, используя метод оценки инвестиционных проектов - NPV (чистая приведённая стоимость), анализируют финансовую эффективность инвестиций в производство хлопка и демонстрируют, как этот метод может служить надёжным инструментом для принятия инвестиционных решений. Цель исследования - определить экономическую эффективность инвестиций и предложить рекомендации для повышения прибыльности хлопководства. Статья также глубоко анализирует факторы, влияющие на чистую стоимость проекта, а также практические проблемы применения инвестиций в условиях Хатлонского региона.

Ключевые слова: инвестиции, NPV, хлопководство, фермерские хозяйства, Хатлонская область, финансовая оценка, чистая приведённая стоимость, экономическая эффективность, анализ проекта, использование капитала.

ANALYSIS AND EVALUATION OF THE EFFECTIVE USE OF INVESTMENTS IN COTTON FARMS

This paper discusses the analysis and evaluation of the effective use of investments in cotton farming enterprises in the Khatlon region. The author, using the investment project evaluation method - NPV (Net Present Value), analyzes the financial efficiency of investments in cotton production and demonstrates how this method can serve as a reliable tool for making investment decisions. The aim of the study is to determine the economic efficiency of investments and to offer recommendations for increasing the profitability of cotton farming. The paper also thoroughly examines the factors affecting the net value of the project and the practical challenges of implementing investments in the context of the Khatlon region.

Key words: investment, NPV, cotton farming, agricultural enterprises, Khatlon region, financial evaluation, net present value, economic efficiency, project analysis, capital utilization.

Маълумот дар бораи муаллифон:

Тошматов Маҳмуд Негматович - н.и.и., и.в. проффессори кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. E-mail: t.makhmud@mail.ru

Қаландаров Илҳомҷон Эмомназарович - унвонҷӯ, муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

Сведения об авторах:

Тошматов Махмуд Негматович - кандидат экономических наук, и.о. профессора кафедры «Экономики и управления» Таджикского технического университета. E-mail: t.makhmud@mail.ru

Каландаров Илхомчон Эмомназарович - соискатель, старший преподаватель кафедры «Экономики и управления» Таджикского технического университета.

Information about authors:

Toshmatov Mahmud Negmatovich - PhD in Economics, Professor Department of Economics and Management Tajik Technological University. E-mail: t.makhmud@mail.ru

Qalandarov Ilhomjon Emomnazarovich - Doctoral Candidate, Senior Lecturer of the Department of Economics and Management Tajik Technological University.

УДК: 332.01

ҶАНБАҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА ИҶТИМОИИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Убайдуллозода Ф.У.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Мақола ба таҳлили ҷанбаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар он омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла муҳити ҳуқуқӣ, дастгирии давлатӣ, инфрасохтор, дастрасӣ ба маблағгузорӣ ва нақши соҳибкорӣ дар коҳиши сатҳи бекорӣ ва беҳбуди сатҳи зиндагии аҳолӣ баррасӣ

мешаванд. Мақсад аз таҳқиқ нишон додани аҳамияти фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун яке аз воситаҳои асосии рушди иқтисоди миллӣ ва таъмин намудани устувории иҷтимоӣ мебошад. Дар охир, як қатор пешниҳодҳо ҷиҳати беҳтарсозии шароити рушди соҳибкорӣ пешниҳод мегардад.

Калидвожаҳо: соҳибкорӣ, рушди иқтисодӣ, таъсири иҷтимоӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастгирии давлатӣ, инфрасохтор, шуғл, инноватсия, сармоягузорӣ, сиёсатҳои иқтисодӣ.

Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як омили муҳими рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар бо таҳозоҳои зиёд дар солҳои охир ба назар мерасад. Соҳибкорӣ на танҳо як ҷузъи муҳими иқтисоди миллӣ аст, балки он дар бахшҳои гуногуни иҷтимоӣ низ таъсири муассир мерасонад. Аз замони соҳибистиқлолӣ то имрӯз, Тоҷикистон дар роҳи таҳкими соҳаи соҳибкорӣ гомҳои муҳим бардошт, ки бо ҳамаи камбудиҳои мавҷуд дар ин соҳа, ҳамчунин, барои таҳвияти иқтисоди миллӣ ва беҳтар намудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ натиҷаҳои мусбат ба бор овардааст. Мақсади мақола таҳлил намудани ҷанбаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ва роҳҳои такмили онро бо истифода аз дастовардҳои назариявӣ ва таҳлилҳои амалӣ мебошад [1, 2].

Фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди он дар ҳар як кишвар бо асосҳои назариявии мухталифи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таҳлил мешавад. Барои фаҳмидани раванди рушд ва монеаҳо дар соҳаи соҳибкорӣ, муҳим аст, ки назарияҳои асосии иқтисодӣ ва иҷтимоии марбут ба соҳибкорӣ муфассал шарҳ дода шаванд. Дар ин бахш, мо назарияҳои калидии рушди соҳибкориро, ки дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои рушдёбанда мавриди таҳлил қарор мегиранд, баррасӣ мекунем.

1. **Назарияи иқтисодии бозорӣ** – ин асосан бар он аст, ки бозор бояд дар таъйини арзишҳо ва тақсимоти захираҳои иқтисодӣ озод ва мустақил бошад. Ба таъбири дигар, фалсафаи бозории озод бо омили асосии ин назария - рақобатпазирӣ ва озодии кор ва тиҷорат алоқаманд аст**.**

Роҳбарӣ ба ҷониби талабот ва пешниҳод. Дар шароити бозор, соҳибкорон барои пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳо дар асоси талаботҳои бозор ва муштариён қадам мезананд. Маҳсулот ё хизматрасонӣ дар бозор танҳо вақте муваффақ хоҳад шуд, ки онҳо қобили рақобат бошанд.

Раванди истеҳсолот ва сармоягузорӣ. Ба шароити бозории озод, соҳибкорон метавонанд озодона қарор гиранд, ки дар кадом бахш ё соҳа сармоягузорӣ кунанд. Агар ба як соҳа ба миқдори зиёд маҳсулот пешниҳод шавад ва талабот кам бошад, ба зудӣ ба он соҳа камтар сармоягузорӣ хоҳад шуд.

2. **Назарияи инклюзивии иқтисодӣ - ин** ба рушди самараноки иқтисодӣ бо ғамхорӣ ба манфиатҳои яксон ва боэътимод барои ҳамаи аъзои ҷомеа эътибор медиҳад. Ба маъзарат, на танҳо рушди иқтисодӣ, балки хидматрасонӣ ба табақаҳои осебпазир ва рушди иҷтимоии аҳолӣ низ муҳим аст.

Шумораи миёна ва хурдаки соҳибкорон: Муҳимияти он, ки танҳо ба ширкатҳои калон ё корхонаҳои бузург таваҷҷуҳ нагардад, балки фаъолиятҳои соҳибкорони хурд ва миёна бо фарогирии беҳтар дар иқтисодиёт ва ҷамъият назар карда шавад. Ин кумак мекунад, ки сатҳи фақр ва нобаробарӣ коҳиш ёбад.

Нақши соҳибкорон дар ҷомеа. Барои рушди инклюзивии иқтисодӣ, соҳибкорон бояд дар таҳкими иҷтимоии ҷомеа иштирок кунанд, ки дар ин сурати фароҳам овардани ҷойҳои корӣ, хизматрасонӣ ва дастгирии табақаҳои марҳилаи пасти ҷамъият саҳм мегузоранд.

3. Назарияи иқтисоди ҷамъиятӣ – ин хусусан дар кишварҳои рушдёбанда аҳамияти калон пайдо мекунад. Ин назария ба ташкилотҳо ва корхонаҳое ишора мекунад, ки на танҳо ба манфиатҳои шахсӣ ва иқтисодӣ, балки манфиатҳои иҷтимоии кишвар ва ҷомеа мансубанд. Дар назарияи иқтисоди ҷамъиятӣ, фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси иҷтимоӣ амал мекунад.

Пешбурди манфиатҳои иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ. Соҳибкории ҷамъиятӣ ба мақсади кӯмак ба ҷомеа ва табақаҳои осебпазир мутобиқ мешавад. Масалан, сектори аҳолии бенаво ва табақаҳои камбизоат метавонанд аз рӯйи стратегияи соҳибкории иҷтимоӣ ба манфиати умумии миллат фаъолият кунанд.

Шумораи корхонаҳо дар соҳаҳои иҷтимоӣ. Соҳибкории иҷтимоӣ дар бахшҳое, ки манфиатҳоро барои ҷомеа ба вуҷуд меоранд, ба монанди саломатӣ, таълим ва ҳифзи муҳити зист, барномаҳои муҳиме аст.

4. Назарияи зинаи рушд – ин бар он аст, ки ҳар як кишвар ба як ё якчанд марҳилаҳои рушд ворид мешавад, ки ҳар як марҳила барои рушди иқтисод ва соҳибкорӣ муҳим аст. Ба тадриҷ, кишварҳо як қатор марҳилаҳои рушдро аз оғози иқтисодиёти аграрӣ (деҳқонии) то иқтисодиёти саноатӣ ва технологӣ мегузаранд.

Марҳилаи аграрӣ. Дар марҳилаҳои аввали рушди иқтисод, истеҳсолот ва соҳибкорӣ бештар дар соҳаи кишоварзӣ ва манзили рӯзмарра фокус ёфтаанд.

Марҳилаи саноатӣ. Ҳангоми ба тараққиёти саноатӣ расидан, таваҷҷуҳ ба рушди корхонаҳои истеҳсолӣ, фабрикаҳо ва технологиҳои нав зиёд мешавад.

Марҳилаи технологӣ ва иттилоотӣ. Дар марҳилаи гуногуни рушди иқтисод, дар ҳолати рушди соҳибкорӣ таваҷҷуҳ ба инноватсияҳо, навовариҳои технологию илмӣ ва сохтани иқтидорҳои рақобатпазир ва сохтори мураккаб ҷалб мешавад.

5. Назарияи ташкили худидоракунии соҳибкорӣ он як назарияи мустақили иқтисодӣ аст, ки бо қудрат ва қобилиятҳои соҳибкорон дар ташкили ва идоракунии тиҷорат ё корхонаҳо рӯ ба рӯ мешавад. Дар ин назария, фаъолияти соҳибкории муваффақ дар сатҳи шахсӣ ва гурӯҳӣ тадқиқ ва мавриди таҳлил қарор мегирад.

Масъулият ва идоракунӣ. Соҳибкорон барои пурсишҳои стратегӣ ва тактикии тиҷорат масъул ҳастанд. Агар як соҳибкор на фақат имконот, балки рисолат ва масъулиятҳои иҷтимоии худро дуруст идора кунад, натиҷаҳои мусбат ба даст оварда метавонанд.

Таъсир дар иқтисодиёт. Баъзе соҳибкорон имконияти идоракунӣ ва сохтори самаранокро барои такмил додани вазъи иқтисодӣ ва ҷиҳатҳои иҷтимоии рушди кишвар истифода мебаранд.

Дар асоси ҳар як назарияи дар боло овардашуда мо тавсифи онҳоро дар ҷадвали 1 ба таври мушаххас ва васеъ нишон додем, ки он ба назарияҳои асосии рушди соҳибкорӣ дар чорчӯбаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нигоҳ мекунад. Он равишҳо ва омилҳое, ки ба рушди корхонаҳо ва иқтисоди миллӣ таъсир мерасонанд ва инчунин монеаҳо ва афзалиятҳоро муайян мекунад.

Рушди соҳаи соҳибкорӣ дар марҳилаҳои иқтисодӣ бо таъсири муҳими худ ба устувории иқтисодӣ, таъмини ҷойҳои корӣ ва навоварӣ алоқаманд аст. Дар марҳилаҳои аввали рушди иқтисодӣ, соҳибкорӣ имкониятҳои навро барои сохтани инфрасохтор ва ҷалби сармоя фароҳам меорад. Вақте ки иқтисод рушд мекунад, соҳибкорон бо пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои нав ба бозор, ба рушди рақобат ва беҳтар шудани сифати зиндагии мардум мусоидат мекунанд, ки тавсифи васеъи он дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Ҷадвал 1. Равиши назарияҳои асосии рушди соҳибкорӣ

Назария	Тавсиф	Нишондиҳандаҳо	Масъалаҳои асосӣ
Назарияи иқтисодии бозорӣ	Бозор ба таври озод амал мекунад, ва соҳибкорон дар асоси талабот ва пешниҳод дар бозор қарор мегиранд.	- Озодии тиҷорат, рақобат, фарогирии бозор. - Миёнаравӣ байни пешниҳод ва талабот. - Рақобатпазирии ширкатҳо.	- Самаранокии бозор ва таъсири таҳдидҳои берунӣ. - Назорати инкишофи инфраструктура ва муошират дар соҳаҳои мухталиф.
Назарияи инклюзивии иқтисод	Ҳадафи рушди иқтисод на танҳо кам кардани фақр, балки таъмини манфиатҳои иҷтимоии табақаҳои осебпазир аст.	- Афзоиши ҷойҳои корӣ. - Кам кардани сатҳи фақр. - Ҳамоҳангии омори иҷтимоӣ ва иқтисодӣ.	- Ҳамоҳангии баланд байни такмил додани манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ. - Дастгирии иқтисоди хурдак ва миёна.
Назарияи иқтисоди ҷамъиятӣ	Фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо манфиатҳои молиявӣ, балки манфиатҳои иҷтимоии ҷомеа ва кӯмак ба табақаҳои осебпазирро низ дар назар мегирад.	- Ташкилоти иҷтимоии соҳибкорӣ. - Пешбурди соҳаҳои иҷтимоӣ (саломатӣ, таълим, муҳити зист). - Маърифати сиёсӣ ва иҷтимоии бештар.	- Рушди фаъолияти иқтисодӣ бо равишҳои иҷтимоӣ. - Пайвастагии манфиатҳои ҷамъиятӣ ва иқтисодӣ дар корхонаҳо ва ширкатҳои хусусӣ.
Назарияи зинаи рушд	Рушд дар иқтисоди миллӣ тавассути гузариш аз марҳилаҳои аграрӣ, саноатӣ ва технологӣ сурат мегирад.	- Тақсимоти манбаъҳои сармоя ва захираҳо. - Инноватсия ва таҳаввулоти саноатӣ. - Расидан ба марҳилаи иқтисодиёти технологӣ.	- Ҳамоҳангии равандҳои рушд дар ҳамаи марҳилаҳо. - Равишҳои такмили саноат ва тавсеаи эҳтиёҷот дар соҳаҳои гуногун.
Назарияи ташкили худидоракунии соҳибкорӣ	Соҳибкорон мустақилона корхонаҳои худро ташкил мекунанд ва имконияти муҳими идоракунӣ ва стратегияи тиҷоратро доранд.	- Ташкили тиҷорат ва идоракунӣ. - Инновация ва маҳорати раҳбарӣ. - Таҳаввулоти роҳбарии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ.	- Қобилияти қобили қабул барои қароргирии стратегии тиҷорат. - Раванди рушди тиҷорат ва баррасии монеаҳои таъсиркунанда.

Ҷадвал 2. Рушди соҳаи соҳибкорӣ дар марҳилаҳои иқтисодӣ

Марҳилаи иқтисодӣ	Тавсифи марҳила	Нишондиҳандаҳо	Насибат бо соҳибкорӣ
Марҳилаи аграрӣ	Дар ин марҳила, кишварҳо дар соҳаҳои аграрӣ ва истеҳсоли молҳои аввалин (ба монанди кишоварзӣ ва манбаъҳои табиӣ) асос доранд.	- Таъсиси корхонаҳои хурд. - Ҳалли маҳсулоти кишоварзӣ. - Меъёри бекорӣ дар байни деҳқонон.	- Соҳибкорӣ бештар дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти аграрӣ ва кооператсияҳо. - Маҳдудияти манбаъҳои молиявӣ ва дастгирии ҳукумати маҳаллӣ.
Марҳилаи саноатӣ	Ба шиддат афзоиши саноат ва истеҳсолот бо расидан ба технологиҳои пешрафта ва истеҳсоли молҳои масоили умумӣ (ба монанди мошинҳо ва маишӣ).	- Сохтмони корхонаҳои саноатӣ. - Сармоягузорӣ дар инфрасохтори саноатӣ. - Таъсиси истеҳсолот дар соҳаҳои саноатӣ.	- Соҳибкорон метавонанд барои ба кор андохтани соҳаи саноат ва истеҳсолоти кишвар саҳм гузоранд. - Рақобат ва равандҳои истеҳсоли молҳои нав.
Марҳилаи технологӣ ва иттилоотӣ	Рушди соҳаҳои навини технологӣ, информатика, ва саноати рақамӣ (барномарезӣ, хидматҳои онлайн, робототехникӣ ва ғайра).	- Иноватсияҳо дар соҳаҳои технологӣ. - Афзоиши корхонаҳо дар соҳаҳои нав (ба монанди соҳаи хизматрасонӣ, ICT). - Табдилшавии ҳудудҳо ва бозорҳои нав.	- Соҳибкорӣ бояд дар соҳаҳои технология, инноватсия ва интернети корӣ мутахассис шавад [17]. - Таҳвият ва рушди стратегӣ бо ҳар як марҳилаи иқтисодӣ.

Омили асосии рушд дар фаъолияти соҳибкорӣ ин навоварӣ ва эҷоди маҳсулоти нав аст, ки метавонад бозори рақобатпазирро таъриф кунад. Сармоягузорӣ ва дастрасии соҳибкорон ба манбаъҳои молиявӣ барои рушди лоиҳаҳо ва васеъ кардани фаъолияти ширкатҳо хеле муҳим аст. Инчунин, эҷоди муҳити мусоиди ҳуқуқӣ ва сиёсӣ барои соҳибкорон, ки тавонанд фаъолияти худро бехатар ва муваффақона анҷом диҳанд, таъсир мегузорад. Омилҳои асосии рушд дар фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷадвали 3 нишон дода шудааст.

Нишондиҳандаҳои асосии таҳлили рушди соҳибкорӣ ин ҳаҷми истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот, шумораи ширкатҳои нав ва афзоиши ҷойҳои кории нав аст. Ба назар гирифтани сатҳи фоида ва устувории молиявии ширкатҳо низ барои андозагирии рушди соҳибкорӣ муҳим мебошад. Сатҳи истифодаи технологӣ ва инноватсионӣ дар соҳибкорӣ инчунин нишондиҳандаи муваффақияти рушди соҳа мебошад, ки дар ҷадвали 4 оварда шудаанд.

Ҷадвал 3. Омили асосии рушд дар фаъолияти соҳибкорӣ

Омили рушд	Вазифа	Нишондиҳандаҳо	Самтҳои фаъолият
Дастгирии молиявӣ	Ба соҳибкорон кӯмак расонидани молиявӣ дар ҳолати муҳими бӯҳрон ва ё шурӯи тиҷорат.	- Қарзҳои давлатӣ ва хусусӣ. - Маблағгузорӣ аз ҷониби бахши хусусӣ ва байналмилалӣ. - Мизони боэътимоди иқтисодӣ.	- Молияи соҳибкорон дар соҳаҳои сохтмон, кишоварзӣ ва маҳсулоти технологӣ. - Пойгоҳи иқтисодӣ барои рушди корхонаҳои миёна ва хурд.
Таълим ва малакаи соҳибкорӣ	Аз назар гузаронидани муҳимияти маълумот ва малакаи шахсӣ барои соҳибкорон.	- Маърифати иқтисодӣ ва қонунгузорӣ. - Таҳсил ва барномаҳои такмили маҳорат. - Ҳамкориҳои таълимӣ дар соҳаи соҳибкорӣ.	- Маҳорати корхона ва стратегияи идоракунӣ дар маърифати соҳибкорон. - Ҳамкории маркази таълимӣ ва маркази соҳибкорӣ.
Ҳамкориҳои байналмилалӣ	Ташкили ҳамкориҳои байналмилалӣ бо ташкилотҳои молиявӣ ва давлатҳои дигар барои рушди иқтисоди миллӣ.	- Хароҷоти ҳамкориҳои байналмилалӣ. - Ҷалби сармояи хориҷӣ. - Воридот ва содироти маҳсулот.	- Таваҷҷуҳ ба тиҷорати байнидавлатӣ ва рушди иқтисодиёт дар сатҳи глобалӣ. - Ҳамкории молиявӣ бо кишварҳои дигар ва созмонҳои байналхалқӣ.

Ҷадвал 4. Нишондиҳандаҳо дар таҳлили рушди соҳибкорӣ

Нишондиҳанда	Тавсиф	Эътибори таҳлил	Мақсади рушди соҳибкорӣ
Ҷойҳои корӣ	Шумораи ҷойҳои корӣ, ки дар натиҷаи фаъолияти соҳибкорӣ ташкил мешаванд.	- Таҳлили сатҳи шуғл дар ширкатҳои хурд ва миёна. - Мақсади паст кардани сатҳи бекорӣ.	- Ҷорӣ кардани ҷойҳои кории нав дар соҳаҳои гуногун, махсусан соҳаи кишоварзӣ ва саноат.
Рақобатпазирӣ	Миқдори ширкатҳо ва корхонаҳо дар соҳаҳои истиқболӣ, ки рақобатро баланд мебаранд.	- Муқоиса байни истеҳсолоти маҳаллӣ ва воридот. - Нишондиҳандаҳо барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар соҳаҳо.	- Халосии моҳияти тағйироти рақобатпазирии соҳавӣ ва муайян кардани баҳои иқтисодии рақобат.
Натиҷаи иқтисодӣ	Даромадҳо, фоида ва омилҳои дигар, ки ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар таъсир мерасонанд.	- Баррасии даромадҳои фаъолияти соҳибкорӣ. - Натиҷаи рушди соҳаҳои техникӣ ва иқтисодӣ.	- Пешбурди баҳои иҷтимоии фаъолияти соҳибкорӣ ва мақсадҳои иқтисодии устувор.

Рушди иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ барои ҳар як кишвар ва ҷомеа аҳамияти бузург дорад. Ин раванд дар асоси муваффақиятҳои тиҷоратӣ, роҳандозии сиёсатҳои дуруст ва иштироки фаъолонаи соҳибкорон дар бозори глобалӣ ташаккул меёбад. Масъалаҳои рушди иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ метавонанд дар як қатор ҷанбаҳои муҳим мутақобила кунанд, ки ҳар яке аз онҳо таъсири мустақим ва ғайримустақим ба таъмини устувории иқтисодӣ, эҷоди ҷойҳои корӣ ва болоравии сифати зиндагии аҳолиро ба вуҷуд меоранд.

Яке аз масъалаҳои асосӣ, ки соҳибкорон дар ҷараёни рушд бо он рӯ ба рӯ мешаванд, дарк ва иҷрои сиёсати иқтисодӣ ва маъмурӣ мебошад. Қонунгузорӣ ва муҳити тиҷоратӣ, ки аз ҷониби ҳукуматҳо таъсис меёбад, бояд самаранок ва фаҳмо бошад, то соҳибкорон тавонанд бехатар ва бе монеа дар бозор фаъолият кунанд. Аз ин рӯ, сиёсати андозӣ, қонунҳои корӣ ва раванди бақайдгирии тиҷорат бояд ба рушди иқтисодӣ мусоидат намоянд.

Муҳити молиявӣ ва дастрасии соҳибкорон ба сармоя, инчунин, як масъалаи муҳими дигар аст. Қарзҳо, сармоягузориҳо ва имкониятҳои молиявӣ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ заруранд. Дар шароити равшан ва дастрас ба сармоя, соҳибкорон метавонанд ба васеъшавии тиҷорат ва навоварӣ, ки дар натиҷа рушди иқтисодиро таъмин мекунанд, равона шаванд. Шумори субъектҳои хоҷагидор дар иқтисодиёти як кишвар ё минтақа вобаста ба ҳар як соҳа ва бахши иқтисодӣ метавонад гуногун бошад. Субъектҳои хоҷагидор ҳамчун ҷузъи муҳими иқтисоди миллӣ ё маҳал, ба фаъолияти истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва тиҷоратӣ машғуланд. Ба онҳо ҳар як шоха ва бахши иқтисодӣ, ки дар як ҷомеа фаъолият мекунад, марбут аст, ки дар диаграммаи 1. шумораи онҳо дар панҷсоли охир нишон дода шудааст.



Диаграммаи 1. Шумораи субъектҳои хоҷагидор дар панҷ соли охир (январ-июни соли 2024)

Сарчашма: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Равзанаи ягона)

Ҳамзамон, мушкилот ва сабабҳои ташаккулёбии рақобатпазирии бозор низ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ аҳамияти калон дорад. Як рақобати солим ва мусоидат кардани соҳибкорон барои паст кардани нархҳо ва беҳтар кардани сифати маҳсулот ва хизматрасониҳо ба самараи тиҷорат мерасонад, ки ин дар маҷмуъ ба рушди иқтисодӣ кӯмак мерасонад.

Қарзҳои додашуда ба соҳаи соҳибкорӣ метавонанд барои таъмини муваққатии эҳтиёҷоти корхона ва қарзҳои дарозмуддат барои дастгирии лоиҳаҳои стратегӣ ва рушди фаъолияти истеҳсолӣ таъсири мусбӣ расонанд.



Диаграммаи 2. Таснифоти қарзҳои додашуда дар панҷ соли охир (январ-июни соли 2024)

Сарчашма: Бонки миллии Тоҷикистон

Илова бар ин, рушди фаъолияти соҳибкорӣ бояд ҳамоҳанг бо рушди инсонӣ ва ҳамгироии технологӣ бошад. Соҳибкорон бояд ба таъмини шароити равшан ва устувор барои ба даст овардани маҳсулот ва хизматрасониҳои сифати баланд таваҷҷуҳ кунанд. Навовариҳо дар соҳаҳои технологӣ метавонанд ба сарфаи вақти зиёд ва беҳтар кардани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ кумак расонанд.

Ба ин тартиб, масъалаҳои рушди иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ ба талаботи тамоми ҷанбаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҳамкории дурусти ҳамаи тарафҳо вобаста аст.

Соҳибкории инфиродӣ метавонад ба категорияҳои гуногун, аз ҷумла соҳибкории инфиродӣ, кооперативӣ, хусусӣ, онлайн тақсим шавад [14]. Ҳар як намуди соҳибкории инфиродӣ дар асоси характери фаъолият, шакли молиявӣ ва мақсадҳои тиҷоратӣ фарқ мекунад, ки манфиатҳои махсуси соҳибкоронро дар назар мегирад.



Диаграммаи 3.Таснифоти соҳибкорони инфиродӣ дар панҷ соли охир (январ-июни соли 2024)

Сарчашма: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Равзанаи ягона)

Масъалаҳои иҷтимоии рушди фаъолияти соҳибкорӣ ба масъалаҳое ишора мекунад, ки бо таъсири фаъолияти тиҷоратӣ ба ҷомеа ва одамон, аниқтараш ба ҳолати иҷтимоии аҳолӣ ва муносибатҳои байни корфармоён, кормандон ва ҷомеа алоқаманданд [9,10]. Ин масъалаҳо ҳам ба ҳолати иҷтимоии коргарон, ҳам ба таъсири мустақим ва ғайримустақими фаъолияти соҳибкорӣ ба ҷомеа ва муҳити атроф вобаста мебошанд. Ба баъзе аз муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоии рушди фаъолияти соҳибкорӣ метавон ишора кард:

Рушди фаъолияти соҳибкорӣ бо эҷоди ҷойҳои кории нав барои мардум алоқаманд аст. Вақте ки тиҷорат рушд мекунад, соҳибкорон метавонанд маҷмуи кормандонро ба кор таъмин намоянд, ки дар натиҷа сатҳи бекории ҷамъиятӣ коҳиш ёфта, шароити зиндагии аҳолӣ беҳтар мешавад [1,5]. Аммо, кифояти ҷойҳои корӣ ва шеваи нигоҳубини коргарон низ як масъалаи муҳим аст. Шумораи зиёди ҷойҳои корӣ, ки бо маоши кам ва шароити душвор таъмин мешаванд, метавонанд дар дарозмуддат таъсири манфӣ ба ҷомеа дошта бошанд.

Ҳуқуқи коргарон ва таъмини шароити муътадили меҳнат барои рушди фаъолнокии соҳибкорӣ хеле муҳим аст. Масъалаҳои мисли кор дар ҳолатҳои номувофиқ, шикоятҳо аз шароити корӣ, хуруҷҳои маъюбӣ ва дигар муносибатҳои корӣ метавонанд ба даромад ва самаранокии тиҷорат таъсири манфӣ расонанд. Ҳуқуқи коргарон бояд ҳифз ва таъмин карда шавад, ки ҳам дар сатҳи қонунгузорӣ ва ҳам дар амалиётҳо иҷро шавад.

Ҳар як ширкат ва тиҷорат бояд масоили иҷтимоиро дар бар гирад, ки акнун ҳамчун "масъулияти иҷтимоии тиҷорат" ё CSR (Corporate Social Responsibility) муҳимияти онро пайдо кардааст [16]. Масъулияти иҷтимоии соҳибкорон барои таъмини сатҳи баландтари зиндагӣ, кӯмак ба ҷомеа ва эҷоди таъсири мусбат ба муҳити зист муҳим аст. Ширкатҳое, ки ба рушди иҷтимоии ҷомеа таваҷҷуҳ мекунанд, метавонанд обрӯ ва боварии бештар пайдо кунанд.

Дар рушди соҳибкорӣ, масъалаи баробарии ҷинсӣ ва гендерӣ низ аҳамият дорад. Дар баъзе кишварҳо ва соҳаҳои иқтисодӣ, занон ва гурӯҳҳои дигар метавонанд бо мушкилот дар дастрасӣ ба имкониятҳои тиҷоратӣ, мансаб ва тавсеаи соҳибкорӣ рӯ ба рӯ шаванд [11]. Дар чунин ҳолатҳо, соҳибкорон ва корфармоён бояд кӯшиш кунанд, ки ба баробарии ҷинсӣ ва гендерӣ таваҷҷуҳ зоҳир кунанд ва шароити корро барои ҳама имкониятҳо баробар созанд. Саҳми соҳибкор занҳо дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле назарас мебошад, ки дар диаграмма нишон дода шудааст.



Диаграмаи 4. Шумораи субъектҳои соҳибкории занон дар панҷ соли охир (январ-июни соли 2024)

Сарчашма: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Равзанаи ягона)

Таъсири экологӣ низ як масъалаи муҳим мебошад. Соҳибкорон бояд барои ҳифзи муҳити зист дар раванди истеҳсолот ва хизматрасониҳо масъулият дошта бошанд. Вале баъзан корхонаҳо барои кӯмак ба рушди иқтисодӣ ва муваффақияти кӯтоҳмуддат метавонанд ба муҳити зист зарар ворид кунанд, ки ин ба ҷомеа ва саломатии одамон зарар мерасонад.

Муҳоҷират ва иштирок дар фаъолияти соҳибкорӣ барои баъзе табақаҳои аҳолӣ як масъалаи иҷтимоии муҳим аст. Муҳоҷирон ва шахсоне, ки ба ҷустуҷӯи кор ва беҳтар кардани шароити зиндагии худ ба кишварҳои дигар мераванд, метавонанд бо мушкилоти иҷтимоӣ ва ҳуқуқии назаррас рӯбарӯ шаванд. Ин мушкилот метавонад ба фаъолияти тиҷоратӣ таъсир гузорад ва манбаи баҳс ва тақсимоти иҷтимоӣ бошад [23,24].

Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз омилҳои муҳими рушд ва таҳкими иқтисодиёти кишвар мебошад. Аз давраи ба истиқлол расидани Тоҷикистон, фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун воситаи асосӣ барои беҳ кардани шароити иқтисодии мардум ва таъмини истиқлолияти иқтисодӣ дар рушду равнақ аст.

Бинобар ин, тадбирҳое, ки Ҳукумати кишвар барои дастгирии соҳибкорӣ, зиёд кардани шуғл ва беҳтар кардани инфрасохторҳо қабул мекунад, ба рушди мустақим ва фаъолияти соҳибкорӣ таъсир мерасонанд. Ба чунин тадбирҳо метавон аз зиёд кардани субсидияҳо ва манбаъҳои қарзӣ, дастгирии кишоварзӣ ва саноатӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар бозорҳои дохиливу хоричӣ ишора кард.

Ҷанбаи иҷтимоии рушди соҳибкорӣ дар Тоҷикистон аҳамияти калон дорад. Фаъолияти соҳибкорӣ метавонад ба беҳтар кардани шароити зиндагии аҳолӣ, афзоиши шумораи ҷойҳои корӣ, ва коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намояд. Рушди соҳибкорӣ махсусан дар деҳот ва шаҳракҳои камтаъмин метавонад барои таъсиси ҷойҳои кории нав, таъмини манзилҳои мувофиқ ва беҳтар кардани дараҷаи ҳаёти аҳолӣ таъсири мусбат дошта бошад.

Ҳамзамон, фаъолияти соҳибкорӣ метавонад бо рушди фарҳанги корӣ, эҳтиром ба ҳуқуқи меҳнат ва дастрасии баробар ба имкониятҳо ба беҳбудии иҷтимоии аҳолӣ таъсир расонад. Мисоли назаррас дар ин замина, рушди бизнесҳои хурд ва миёна дар Тоҷикистон аст, ки метавонанд як бахши муҳимро дар иҷтимоъсозӣ ва интегратсияи аҳолӣ ба иқтисоди бозориро ташкил диҳанд.

Бо вуҷуди рушди баъзе соҳаҳо, соҳибкорон дар Тоҷикистон бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ ҳастанд. Ба ин мушкилот метавон норасоии таҳсилоти соҳибкорон, камбуди дастрасӣ ба қарзҳо ва ё кумакҳои давлатии самаранок, монеаҳои коррупсионӣ, ва мушкилоти марбут ба расмият кардани бизнесу муҳити низомии қонунӣ ишора кард.

Бо вуҷуди ин, Тоҷикистон имкониятҳои зиёде барои соҳибкорӣ дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла кишоварзӣ, саноат, хидматрасонӣ, ва технологияи иттилоотӣ пешниҳод мекунад. Аз ин рӯ, рушди инфрасохтори ҳуқуқӣ ва молиявии соҳаи соҳибкорӣ ва дастгирии давлатӣ метавонад заминаи беҳтарро барои рушди иқтисодии кишвар фароҳам орад.

Адабиёт:

1. Астафьева Н.В., Колесникова М.А. Финансирование инновационной деятельности // Инновационная деятельность 2013, - №2, - С. 71-74.
2. Ашуров М.Н. Ҳолати муосир ва дурнамои рушди инфрасохтори дастгирии соҳибкории инноватсионӣ дар минтақа / М. Н. Ашуров, Б. Ҷ. Исвалиев // Паёми молия ва иқтисод. - 2022. - No. 3(32). - P. 130-137.
3. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025.
4. Белых А. Даешь инвестиции! // Бизнес журнал. - 2006. № 7. - С. 36-43.

5. Волков А.С. Инвестиционные проекты: от моделирования до реализации. М.: Вершина, 2006.

6. Городникова Н.В., Гохберг Л.М., Дитковский К.А. «Индикаторы науки» // Статистический сборник - 2016, - С.143, 209, 311.

7. Ильдяков А.В. «Проблемы финансирования инновационной деятельности предприятия»// Современные исследования социальных проблем 2012. - №5, - С. 23-26.

8. Исследование Всемирного банка: ведение бизнеса в 2011 г.

9. Каирова Ф.А., Гоконаева Д.А. Особенности денежно-кредитной политики в современной России. Приоритетные научные направления: от теории к практике. №14. 2014.

10. Косимов Ф.У. Основы предпринимательской деятельности и организация инновационного процесса в Республике Таджикистан / Ф.У. Косимов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. - № 7. - С. 167-173.

11. Косимов Ф.У. Особенности национальной инновационной системы в реализации инновационной политики государства / Ф.У. Косимов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2018. - № 8. - С. 172-177.

12. Қосимов Ф.У. Такмилдиҳии инфрасохтори соҳибкории инноватсионӣ дар шароити муосир / Ф.У. Қосимов // Паёми молия ва иқтисод. - 2022. No. S2.1(31). - P. 112-120.

13. Лялин В.А. «Ценные бумаги и фондовая биржа» // М:Филинъ 2000, - С. 358.

14. Нусратзода М.Н. Технологияи иттилоотӣ ва нақши он дар рушди маркетинги инноватсионӣ / М.Н. Нусратзода, С.З. Нуридинов, Н.Н. Умарзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2023. - No. 1(45).-– P. 268-277.

15. Отчёт «Глобальный мониторинг предпринимательства. Россия 2009». Консорциум GEM.

16. Официальный сайт РВК [Электронный ресурс]// Режим доступа: http://www.rusventure.ru/ru/

17. Рахмонзода З.Ф. Применение автоматизированных систем управления образовательными учреждениями / З. Ф. Рахмонзода, Р. Д. Давлатов // Вестник Таджикского национального университета. - 2017. - № 3-6. - С. 315-319.

18. Рейтинг экономик 183 государств мира. Ресурс http://gtmarket. ru/news/state.

19. С.Э. Жилинский. Предпринимательское право (правовая основа предпринимательской деятельности). - М.: Норма, - 2008.

20. Сомонаи расми Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

21. Сомонаи расмии Бонки милли Тоҷикистон.

22. Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030.

23. Убайдуллозода, Ф. Соҳибкори инноватсионӣ дар таҳавуллоти назарияи олимони ватанӣ: назария, методология, Амалия / Ф. Убайдуллозода // Паёми молия ва иқтисод. - 2024. - No. 4(43). - P. 160-170.

24. Убайдуллозода Ф.У. Мушкилотҳои рушди инфрасохтори соҳибкории инноватсионӣ дар шароити муосир / Ф. У. Убайдуллозода, Н. Н. Нусратуллозода // Нақши зеҳни сунъӣ дар тақвияти зеҳни касбии мутахассисони ба бозори меҳнат рақобатпазири соҳаи таҳсилоти олӣ : Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, Душанбе, 21 февраля 2025 года. - Душанбе: Донишгохи технологии Точикистон, 2025. - P. 50-53.

ЭКОНОМИЧЕСКИЕ И СОЦИАЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ РАЗВИТИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье рассматриваются экономические и социальные аспекты развития предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан. Анализируются ключевые факторы, влияющие на предпринимательство, включая правовую среду, государственную поддержку, инфраструктуру, доступ к финансам, а также роль бизнеса в снижении уровня безработицы и повышении качества жизни населения. Цель исследования - выявить значимость предпринимательства как одного из важнейших факторов экономического роста и социальной стабильности. В заключение даны рекомендации по улучшению условий для развития бизнеса.

Ключевые слова: предпринимательство, экономическое развитие, социальное влияние, Республика Таджикистан, государственная поддержка, инфраструктура, занятость, инновации, инвестиции, экономическая политика.

ECONOMIC AND SOCIAL ASPECTS OF ENTREPRENEURIAL ACTIVITY DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article examines the economic and social aspects of the development of entrepreneurial activity in the Republic of Tajikistan. It analyzes the main factors influencing entrepreneurship, including the legal environment, government support, infrastructure, access to finance, and the role of entrepreneurship in reducing unemployment and improving the population's living standards. The purpose of the study is to highlight the importance of entrepreneurship as a key driver of national economic growth and social stability. The article concludes with a set of recommendations for improving the conditions for business development.

Key words: entrepreneurship, economic development, social impact, Republic of Tajikistan, government support, infrastructure, employment, innovation, investment, economic policy.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Убайдуллозода Файзулло Убайдулло - н.и.и. дотсент, мудири кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: davlatali.1998@mail.ru; Тел: (+992) 918101051

Сведения об авторе:

Убайдуллозода Файзулло Убайдулло - кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой “Финансы” Таджикского государственного финансово-экономического университета. 734067, Республика Таджикистан. г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. tgfeu@tgfeu.tj. E-mail: davlatali.1998@mail.ru; Тел: (+992) 918101051

Information about the author:

Ubaydullozoda Fayzullo Ubaydullo - Candidate of economic sciences, associate professor. Associate department finance of the Tajik state university of finance and economics. 734067, Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. tgfeu@tgfeu.tj. E-mail: davlatali.1998@mail.ru; Tel: (+992) 918101051

УДК: 336.748

ТАЪСИРИ ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ БА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МУОСИР

Хайрова Ф.А.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Мақола ба таъсири ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба рушди иқтисодиёти муосири кишвар бахшида шудааст. Қайд карда шудааст, ки яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрам ин омӯзиши ҳамаҷонибаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва ба ин васила кам кардани пулҳои нақд дар шароити муосир ва таъсири он ба иқтисодиёти кишвар мебошад. Аз ҷониби муаллиф афзоиши шумораи ҳамёнҳои электронӣ, амалиётҳо тавассути ҳамёнҳои электронӣ ва афзоиши шумораи кортҳои пардохтии бонкӣ ба таври васеъ омӯхта, таҳлил гузаронида шудааст. Инчунин муаллиф шаклҳои ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро дар шароити муосир ба таври васеъ омӯхта роҳҳои такмилдиҳии онро пешниҳод намудааст.

Калидвожаҳо: иқтисодиёт, бонк, низоми бонкӣ, кортҳои пластикӣ, ҳамёни электронӣ, воситаи пардохт, ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, такмилдиҳӣ.

Низоми бонкӣ барои баландбардории иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон аҳамияти хоса дорад. Дар китоби худ Ашуров Н. қайд менамояд, ки “....Низоми бонкии ҳар як кишвар бояд ба тавре фаъолият намояд, ки баландбардории сатҳи истеҳсолот, даромади аҳолӣ ҳамзамон дараҷаи баланди зиндагонии он таъмин карда шавад” [2,с.135]. Дар ҷараёни фаъолияти хоҷагидорӣ байни субъектҳои бозор муносибатҳои иқтисодӣ оиди хариду фурӯши мол, иҷрои кор, хизматҳо муносибатҳои пулӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳисоббаробаркунии пулӣ дар ҳолати аз ҷониби корхонаҳо, ташкилотҳо иҷро кардани ӯҳдадориҳои молиявӣ оиди пардохтҳои пулӣ ба буҷет, баргардонидани қарзи бонкӣ ва дигар ӯҳдадориҳо ба вуҷуд меоянд. Ҳисоббаробаркунии пулӣ ба шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ ба роҳ монда мешавад.

Қобили зикр аст, ки дар шароити гардиши пули нақдина муносибати иштирокчиёни бозорҳо ҳатман бо истифодаи пули нақд сурат мегирад ва ин асосан бо даромад ва хароҷоти аҳолӣ алоқамандии калон дорад. Субъектҳои хоҷагидорӣ дар муносибатҳои иқтисодии худ бояд ҳисоббаробаркунии ғайринақдиро истифода баранд. Дар ин ҳолат пардохтҳо тавассути бонк сурат мегирад, яъне пули харидор аз ҳисоби он, ки дар бонк ҳаст ба ҳисоби фурӯшанда интиқол дода мешавад. Масалан, харидор аз фурӯшанда ба маблағи 200 ҳазор сомонӣ мол харад, вай метавонад ба бонк ҷиҳати пардохти пули мол ҳуҷҷат (супоришномаи пулӣ) пешниҳод намояд. Бонк дар лаҳзаи гирифтани супоришномаи пулии харидор маблағи пули дар он дарҷ гардидаро ба ҳисоби фурӯшанда интиқол медиҳад. Бо ҳамин муносибати пулии харидор ва фурӯшанда ҳаллӣ худро меёбад.

Тибқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бонк ва фаъолияти бонкӣ” бонкҳо гардиши пулро новобаста аз шакл ба танзим медароранд, ҳамзамон муносибатҳои субъектҳои хоҷагидорӣ ва ӯҳдадорҳо ва масъулияти онҳоро дар муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ муайян менамоянд [4,с.216]. Усулҳои асосии ташаккулёбии ҳисоббаробаркуниҳо дар он аст, ки ҳамаи субеъктҳои хоҷагидорӣ, новобаста аз шакли ҳуқуқӣ ва моликияташон, ӯҳдадоранд маблағҳои пулии худро дар ҳисобҳояшон дар бонкҳо нигоҳ доранд. Ҳисоббаробаркунӣ байни субъектҳои хоҷагидорӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои пулӣ ҳатман тавассути бонк бояд сурат гирад.

Ҳисоббаробаркунӣ байни субъектҳо бо як низоми муайянкардашуда сурат мегирад, ки дорои маҷмуи усулҳои ба худ хос аст. Дар шароити имрӯза тамоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо осонӣ сурат мегирад.

Қобили зикр аст, ки низоми пардохтӣ ё додугирифт барои ҳар як мамлакат ҷузъи муҳими инфрасохтори молиявиро дар бар мегирад ва ба воситаи он фаъолияти самараноки соҳаҳои воқеӣ, хоричӣ ва молиявии иқтисодиёт таъмин карда мешаванд. Бояд тазаккур дод, ки нақши муҳимро дар таъмини такмилдиҳии низоми пардохт ва мукаммалгардонии мунтазами он Бонки миллии Тоҷикистон мегузорад. Ҳамчунин, барои ташкил ва рушди низоми миллии пардохт дар асоси таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ ва истифодаи технологияҳои муосир аз ҷониби ин ниҳоди миллӣ тадбирҳои судманд андешида мешавад [3,с.50]. Воқеан дар Стратегияи рушди низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015- 2025 омадааст, ки "... низоми пардохтӣ яке аз ҷузъҳои асосии инфрасохтори молиявӣ ба шумор меравад, ки фаъолияти устувор ва мунтазами низоми молиявии кишвар, татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва буҷетиро бо саривақту бехатар гузаронидани пардохтҳо ва ҳисоббаробаркуниҳо таъмин намуда, ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат менамояд" [6]. Дар ҳақиқат рушди минбаъдаи иқтисодиёти ҳар як мамлакат, рақамикунонии соҳаҳои иқтисодиёти навин, пешрафти техника ва технология, рушди истеҳсолот, рақобатпазирии ҷаҳонӣ ва қариб ҳар рӯз пайдо шудани шаклҳои нави пардохт зарурияти афзоиши самаранокии гардиши маблағҳо ва зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро дар ҳаҷми умумии муомилоти пулӣ талаб мекунад. Вобаста ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои судманд андешида истода, роҳҳои такмилдиҳии онро зери назорати қатъии худ гирифтааст.

Қобили зикр аст, ки 22.06.2023 таҳти №586 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" ба имзо расид, ки иқдоми мазкур саривақтӣ ба шумор рафта, пеш аз ҳама, барои таъмини шаффофияти амалиётҳои молиявию иқтисодӣ ва ғанӣ гардондани буҷети кишвар, ҳамзамон пешгирӣ намудан аз омилҳои коррупсионӣ шароити мусоид фароҳам меоварад [8]. Воқеан пас аз ба имзо расидани фармоиши мазкур масъалаи ҳисоббаробаркуниҳо тавассути электронӣ дар қаламрави кишвар ру ба беҳбудӣ овард. Аҳолии мамлакат ғайр аз истифодабарии кортҳои бонкӣ ҳамёнҳои электрониро мавриди истифода қарор медиҳанд. Тибқи маълумоти расмии Бонки миллии Тоҷикистон 31.12. 2024 теъдоди умумии ҳамёнҳои электронии 25 ташкилоти қарзии молиявию қарзӣ 12,1 миллион ададро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023, 3,4 миллион адад, яъне (38,6%) зиёд аст [8].



Диаграммаи 1. Афзоиши шумораи ҳамёнҳои электронӣ дар қаламрави кишвар

Чи тавре аз нишондиҳандаҳои диаграмма бар меояд соли 2020 шумораи ҳамёнҳои электронии аҳолӣ 1 708 582 ададро ташкил медод ва дар соли 2024 ин нишондод ба 12 072 431 адад расид, яъне дар давоми 4-соли охир зиёдшавии ҳамёнҳои электронӣ дар қаламрави кишвар 1036849 адад ба назар мерасад.

Бояд қайд кард, ки дар давоми соли ҷорӣ ба воситаи ҳамёнҳои электронӣ 18 505,7 ҳазор адад амалиёти пардохти ғайринақдӣ ба маблағи умумии 2 967,2 миллион сомонӣ анҷом дода шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 тақрибан 71,9 фоиз зиёд мебошад [8].



	млн.сомонӣ	ҳаз.адад
2020	543	10693
2021	884	10754
2022	1615	13427
2023	1726	15119
2024	2967	18506

Диаграммаи 2. Амалиётҳо тавассути ҳамёнҳои электронӣ

Тарзи дигари истифодабарии пулҳои ғайринақдӣ ин истифода аз кортҳои пластикӣ мебошад. Барои ба пуррагӣ фаъолият намудани он моро зарур аст, ки технологияи муосирро самаранок истифода намоем. Яке аз омилҳои таъсиррасон ба тараққиёти низоми бонкӣ, мукаммалкунии технологияҳои иттилоотиву инноватсионӣ ба шумор меравад. Маълумоти пурра ва саривақт ба дастовардашуда, дар шароити имрӯза боварии муштариёнро ба бонк зиёд мегардонад. Чи тавре, ки ба ҳамагон маълум аст мизоҷони бонк рӯз аз рӯз зиёд шуда истодаанд ва мушктариён ба суръат ва дар амн будани ҳуҷҷатҳояшон аҳамияти махсус медиҳанд. Айни ҳол дар қаламрави кишвар аҳолӣ бо кортҳои пластикӣ амалиётҳои худро мустақилона гузаронида истодаанд, ки ин шаҳодат аз он медиҳад, ки бонкҳо дар ин самт кори худро дуруст ба роҳ мондаанд.

Барои боз ҳам такмил додани ин низом ташилотҳои молиявию қарзиро зарур аст, ки оид ба баландбардории дониши молиявии аҳолӣ тренингҳо ва семинарҳоро ҳарчӣ зиёдтар намоянд ва ба ин васила низоми ҳисоббаробаркуниро такмил диҳанд. Дар низоми мазкур онҳо синфҳои махсуси пардохтиро ташкил намуда, дар ғанӣ гардонидани буҷа низ кумак мерасонанд. Тибқи маълумоти омории Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2024 шумораи умумии кортҳои пардохтии бонкӣ 8,4 миллион ададро ташкил медиҳад, ки он дар ҳисоби навбатӣ ба таври зерин оварда шудааст.



Диаграммаи 3. Афзоиши шумораи кортҳои бонкӣ дар қаламрави кишвар

Ҳиссаи кортҳои пардохтӣ аз рӯйи низоми пардохтии бонкӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таҳлил карда шудааст: В.Хатлон 25%, ВМКБ 2%, ш.Душанбе 32%, В.Суғд 25% ва НТҶ 16%.

Маҷмӯи васеи равандҳои пардохтҳои ғайринақдӣ ба рушди системаи бонкӣ, имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки иттилоотонӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор меравад. Ин нуқта низ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттиллотонӣ” ба таври васеъ оварда шудааст.Дар қаламрави кишвар такмилдиҳии низоми ҳисоббаробаркуниҳо, хусусан пардохти молу хизматрасонӣ ба сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ ва баланбардории некуаҳволӣ таъсири мусбӣ дода истодааст. Дар ин росто гуфтан ба маврид аст, ки омили мазкур воқеан таъсири мусбӣ расонида, сатҳи дониши техникии аҳолиро хуб мегардонад.

Кортҳои пластикии бонкӣ дар ҳаёти ҳамарӯзаи ҳар як инсон нақши басо муҳим бозида, дар як муддати кутоҳ ҳисобҳои нақдиро аз байн бурда истодааст. Агар дар бораи пардохтҳои ғайринақдӣ сухан гуем, пас мебинем, ки ин пеш аз ҳама ба сатҳи иқтисодиёт таъсир мерасонад, чунки ҳар қадаре, ки пулҳои қоғазин дар дасти аҳолӣ бошад, ҳамон қадар масъалаи гирдгардиш ба вуҷуд меояд, ки ин ба иқтисодиёти кишвар таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамзамон дар ин маврид назорати хароҷот аз даст дода мешавад.

Пардохти ғайринақдӣ пардохте мебошад, ки бидуни истифодабарии пулҳои нақдӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотиву инноватсионӣ аз як суратҳисоб ба суратҳисобҳои дигар гузаронида мешавад. Гуфтан ба маврид аст, ки пардохти ғайринақдӣ яке аз масъалаҳои мубрам ва қулай барои пардохт ба шумор меравад, чунки дар як лаҳзаи кутоҳтарини вақт истифодабаранда амалиётҳояшро ба анҷом мерасонад.

Дар кори худ муаллифон қайд менамоянд, ки “.....механизми муносибатҳои иқтисодӣ дар бахшҳои иқтисодиёт вобаста ба шароити бозор бояд тағйир ёбад ва фазои рақобати солимро фароҳам орад, чунки такмилдиҳии онро бе маблағҳои пуллӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст [1, с. 8].

Дар ҳақиқати пурра гузаштан ба низоми мазкур, барои давлат фоидаовар хоҳад буд. Зеро тамоми амалиётҳои гузаронидашуда барои ғанигардонии буҷет таъсир мерасонад. Дар мадди аввал шаффофияти тамоми пардохтро таъмин менамояд, баъдан рақобати солимро ба вуҷуд меорад, ки ин натиҷаи зиёд хоҳад дод. Агар мо ба кишварҳои пешсафро дар самти рақамикунонӣ таҳлил кунем, мебинем, ки Шветсия аввалин кишварест, ки беистифода аз пулҳои нақдӣ фаъолияти пурраи худро ба роҳ мондааст. Айни ҳол ҳиссаи пулҳои нақдӣ дар ин кишвар ҳамагӣ 5%-ро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳандаи беҳтарин аст. Дар кишвари мазкур тамоми додугирифт бо низоми мазкур сурат мегирад (расми 2).

Вобаста ба маълумотҳои дар боло овардашуда, гуфтан ба маврид аст, ки таваҷҷуҳи бештар ба ҳисобҳои зуд-зуд истифодашавандаи ҳаёти муосир равона гардидааст. Хусусан истифодабарии кортҳои пластикӣ ва интиқоли пулҳои электронӣ. Барои истифодаи кортҳо аз ҷониби кишварҳои алоҳида ва бонкҳо терминалҳои интиқолӣ насб карда мешаванд, ки дар он шахс метавонад амалиётҳои ба худ хосро анҷом диҳад. Пардохтҳо бо кортҳои пластикӣ мавҷудияти низоми муайянеро тақозо мекунанд, ки ба он бонкҳо ва дигар иштирокчиёне дохил мешаванд, ки якҷоя бо кортҳои пластикӣ амалиёт мебароранд ва анҷом медиҳанд. Пардохтҳои ғайринақдӣ бо истифода аз кортҳои пластикӣ тибқи шартномаи байни бонк ва соҳиби низоми пардохтӣ, тибқи меъёрҳо ва қоидаҳои муқаррарнамудаи он анҷом дода мешаванд ва ниҳояти кор тамоми пардохтҳоро дар шароити истифодаи ҳамёнҳои электронӣ худи муштариён бо истифода аз замимаҳои мобилӣ ва Интернет ба роҳ мемонанд.

Расми 2. Намудҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ

Бояд тазаккур дод, ки интиқоли пули электронӣ як навъи дигари пардохтҳои ғайринақдии шаҳрвандон ба шумор рафта, аз ҳисоби худ дар системаи пардохтҳои электронӣ аз як суратҳисоб ба суратҳисоби дигар, яъне аз фиристонанда ба қабулкунанда, гирифтани маблағро дар бар мегирад. Бартарии бузурги ин ҳисоб дар он аст, ки амалиёт дар як лаҳзаи кутоҳтарини вақт ва бехавф сурат мегирад [5,с.114].

Бояд гуфт, ки пардохтҳои ғайринақдӣ бартариҳои зиёд доранд, ки онро имрӯз аҳолии мамлакат баръало эҳсос карда истодааст. Пулҳои ғайринақдӣ наметавонанд қалбакӣ шаванд, бинобар ин ҳангоми гирифтани пул аз банкомат шумо метавонед ба он боварӣ дошта бошед.

Қобили зикр аст, ки ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ имкониятҳоро барои муштариён зиёд мегардонад, аз қабилӣ:

- ҳамаи амалиётҳои гузаронидашаванда аз ҷониби системаи бонкӣ назорат карда мешавад, ҳамзамон истифодабарандагони кортро аз қаллобон муҳофизат намуда, амнияти онро таъмин менамояд;
- фарсудашавии коғазҳои қиматнок аз байн бурда мешавад;
- сарфаи вақтро таъмин менамояд;
- суръати интиқоли пул, зеро пулҳои ғайринақдӣ дар тӯли чанд сония интиқол дода мешаванд, дар ҳоле ки пардохтҳои нақдӣ бо масофаи байни бонкҳо душвор буда метавонанд;
- зарурати ба муомилот баровардани пулҳои иловагӣ барои кишвар вуҷуд надорад, ки ин боиси сарфаи хароҷот мегардад;
- осон пайгирии пардохтҳои андоз ба буҷет таъмин карда мешавад;
- дар ҳар вақт аз шакли ғайринақдӣ ба шакли нақд гузаронидани маблағҳо душворӣ вуҷуд надорад.

Аз ҳама муҳим барои аҳолӣ ин таъмини амният аст. Масалан, агар корти бонкӣ гум шавад, соҳиби он метавонад дарҳол ба бонк мурочиат карда, онро маҳкам кунад ва сипас ба он ҷо ташриф оварда, бо баргардонидани маблағи корти гумшуда корти нав созад.

Аз ин бар меояд, ки пардохтҳои ғайринақдӣ ҳам барои шахсони воқеӣ ва ҳам барои бонкҳо ва дар маҷмӯъ иқтисодиёти кишвар қулай ва амалишаванда мебошанд. Он назоратро аз болои муомилоти пул таъмин карда , барои банақшагирии муомилоти пул мусоидат намуда, барои дурусттар муайян кардани андозаи эмиссия ва аз муомилот гирифтани пули нақд имкониятҳои хубро фароҳам меорад. Аз ин рӯ, иқтисодиёти муосир тадриҷан аз пули нақд ба пардохтҳои ғайринақдӣ мегузарад ва дар ин самт такмил меёбад.

Бинобар ин моро зарур аст, ки оиди баландбардории маърифати молиявии аҳолӣ кушишҳоро зиёд намоем, то ки ҳарчӣ зудтар ба пуррагӣ ба ин низом гузарем.

Адабиёт:

1. Ашуров М.Н. Проблемы выдачи кредита банками производственным предприятиям в Республике Таджикистан / М.Н. Ашуров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2012. - № 2/3(86). - С. 7-11.
2. Ашуров Н. Платёжеспособность как фактор развития кредитных организаций Республики Таджикистан / Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. - № 6. - С. 134-139.
3. Вализода Ш. Ш. Самтҳои афзалиятноки рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ / Ш. Ш. Вализода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2022. - No. 4-2(44). - P. 49-59.
4. Комилов С.Д. Анализ предпосылок формирования регионального банковского кластера в условиях центрального Таджикистана / С. Д. Комилов, А.Р. Аликулов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2016. - № 2/8(215). - С. 215-221.
5. Мытаргелдиев Б. Безналичные расчёты в современной экономике/ Международный научный жрнал «Символ науки». 2023. - №12-2. - С. 113-115.
6. Стратегияи рушди низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015- 2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2014, №679 тасдиқ шудааст.

7. https://jumhuriyat.tj/1089-shari-farmoni-prezidenti-umurii-toikiston-dar-borai-tadbiroi-vusat-dodani-isobbarobarkunii-ajrinad.html
8. https://www.nbt.tj/tj/payment_system/mablaghoi-elektroni.php (санаи мурочиат 19.04.2025).

ВЛИЯНИЕ БЕЗНАЛИЧНЫХ РАСЧЁТОВ НА РАЗВИТИЕ СОВРЕМЕННОЙ ЭКОНОМИКИ

Статья посвящена влиянию безналичных расчётов на развитие современной экономики страны. Отмечено, что одним из важнейших и актуальных вопросов является комплексное изучение безналичных расчётов, тем самым снижение роли наличных денег в современных условиях и их влияния на экономику страны. Автор подробно изучил и проанализировал рост количества электронных кошельков, транзакций через электронные кошельки, а также рост количества банковских платёжных карт. Автором также подробно изучены формы безналичных расчётов в современных условиях и предложены пути их совершенствования.

Ключевые слова: экономика, банк, банковская система, пластиковые карты, электронный кошелёк, платёжный инструмент, безналичные расчёты, совершенствование.

THE IMPACT OF CASHLESS PAYMENTS ON THE DEVELOPMENT OF THE MODERN ECONOMY

The article is devoted to the impact of cashless payments on the development of the modern economy of the country. It is noted that one of the most important and pressing issues is a comprehensive study of cashless payments, thereby reducing the role of cash in modern conditions and their impact on the economy of the country. The author has studied and analyzed in detail the growth in the number of electronic wallets, transactions through electronic wallets, as well as the growth in the number of bank payment cards. The author has also studied in detail the forms of cashless payments in modern conditions and proposed ways to improve them.

Key words: economy, bank, banking system, plastic cards, electronic wallet, payment instrument, cashless payments, improvement.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Хайрова Фарзона Абдулфаёзиддиновна - докторант (PhD)-и кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Н. Қарабоев, 63/3. E-mail: farzona-kh@amonatbonk.tj; Тел: (+992) 003325034

Сведения об авторе:

Хайрова Фарзона Абдулфайезиддиновна - докторант (PhD) кафедры “Экономической теории” Таджикского технологического университета. 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Н. Карабаева, 63/3. E-mail: farzona-kh@amonatbonk.tj; Тел: (+992) 003325034

Information about the author:

Khairova Farzona Abdulfaeziddinovna - Doctoral candidate (PhD) of the Department of Economic Theory of the Technological university of Tajikistan. 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, N. Karaboev str. 63/3. E-mail: farzona-kh@amonatbonk.tj; Tel: (+992) 003325034

УДК: 338.24

ТАЪРИХИ СУҒУРТАКУНИИ ХАВФҲО ВА ИДОРАКУНИИ ОНҲО ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТИ БОФАНДАГӢ

Хайруллоев Ф. Н.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Суғурта қадимтарин категорияи муносибатҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Ҳолати омӯзиши назариявӣ ба масъалаи пайдоиши суғурта пеш аз ҳама назарияи А.Манес аст. Назарияи дигаре, ки маънои хосаи хешро оиди таърихи суғуртакунии хавфҳо ифшо мекунад назарияи В.К. Райхер ба ҳисоб рафта, шароити иҷтимоию иқтисодии инкишофи суғурта дар ҷамъияти қадимро дар бар мегирад, ки ин хусусиятхои ташаккули фонди суғурта ва тақсими товони зарар ба ҳисоб меравад. Сабабҳои рушди суғурта асосан дар соҳаҳои савдо ва ҳунармандӣ дар назарияи В.К. Райхер ба шакли зарурӣ шарҳ дода шудааст.

Калидвожаҳо: суғурта, маблағи суғурта, суғуртаи молу мулк, таърихи суғурта, шартномаи суғурта, намудхои суғурта, суғуртаи дутарафа.

Ба эътибор нагирифтани хавф ҳангоми таҳияи нақшаи стратегӣ барои корхона метавонад боиси ба вуҷуд омадани оқибатҳои гуногуни манфӣ гардад, аз қабили паст шудани арзиши коғазҳои қиматнок, кам шудани ҳаҷми даромад, фоида ва паст шудани сатҳи самаранокии сармоягузорӣ нисбат ба сатҳи пешбинишудаи бидуни хавф, истифодаи бесамари захираҳои молиявӣ, моддӣ, меҳнатӣ, паст шудани сатҳи пардохтпазирии молҳо, намудҳои гуногуни зарари моддӣ ва ғайра [13, с. 53].

Сарчашмаҳои дигари суғуртакунӣ асосан дар Рими қадим оиди хатарҳои баҳрӣ, коллеҷҳои касбӣ ва динӣ, корхонаҳо ба шакли назаррас истифода мегардид [1].

Робитаи суғуртаи қадим ва асрҳои миёна принсипи ёрии хамдигарӣ асоси ба вуҷуд омадани корхонаҳои суғуртаи ҳамдигарӣ мебошад. Инкишофи фаъолонаи суғурта дар савдо, ба вуҷуд омадани шартномаи суғурта, марказҳои асосии ҷуғрофии суғурта баҳисоб мерафт.

Суғуртаи хавфи танаффус дар истеҳсолот маротибаи аввал дар Англия соли 1938 пайдо шуда буд, ки дар он қоидаҳои махсус оид ба хавфи сӯхтор муқаррар карда шуда буд[5]. Нишонаҳои асосии фарқкунандаи системаи англисии суғурта аз хавфи танаффус дар истеҳсолот инҳо мебошанд:

- тарифҳои суғуртавӣ дар асоси меъёри ҳаққи суғуртавӣ аз хавфи сӯхтор муқаррар карда шуда, дар навбати худ ба коэффисиенти зарурӣ зарб карда мешавад;
- муҳлати ниҳоии ҷуброни зарар як сол баъди фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ муқаррар шудааст;
- тибқи нишондодҳое, ки аз камшавии гардиши корхона шаҳодат медиҳанд, баҳодиҳии зарари расонидашуда гузаронида мешавад;
- мувофиқи меъёр хароҷоти иловагие, ки бо мақсади кам кардани зарари эҳтимолӣ сарф шудааст, ба суғурташаванда баргардонда мешавад;
- маҳсулоти тайёр суғурта карда мешавад;

Шартномаҳои суғуртаи молу мулк ҳамчун заминаи бастани шартномаҳои суғурта аз танаффуси эҳтимолии фаъолияти истеҳсолӣ истифода мешуданд. Зеро дар ҳолати дигар фондҳои асосӣ ва дигар молу мулки вайроншудаи корхонаро бинобар набудани манбаи маблағгузорӣ барқарор кардан душвор аст [10].

Хусусиятҳои хоси системаи амрикоии суғурта аз хавфи танаффус дар истеҳсолот аз он иборат аст, ки шартномаҳо дар асоси талаботи инфиродии корхона тартиб дода мешаванд ва шаклҳои онҳо барои корхонаҳои хурду калони муштариёни эҳтимолӣ фарқ мекунанд. Шартномаи суғурта аз талафи эҳтимолии даромаде, ки дар натиҷаи танаффус дар истеҳсолот ба амал меояд, ҳамчун илова ба шартномаи асосии суғуртаи молу мулк амал мекунад [3].

Хусусиятҳои хоси системаи амрикоии суғуртаи зарари эҳтимолӣ аз танаффус дар истеҳсолот инҳо мебошанд:

- бо ёрии суғурта таъмини техникии корхона хубтар карда мешавад;
- даромаде, ки суғурта карда мешавад, асосан аз хароҷоти доимӣ ва фоидаи солона иборат аст;
- суғуртаи музди меҳнат метавонад вобаста ба эҳтиёҷоти инфиродӣ як қисми даромади суғурташаванда бошад ё ба хароҷоти инфиродии ӯ дохил карда шавад.

Ба андешаи мо, дар асоси таҷрибаи байналхалқӣ нишонаҳои зерини фарққунандаи таснифи суғуртаи молу мулки корхонаҳои саноати бофандагиро фарқ кардан мумкин аст:

- вобаста ба суғурташавандагон ва шаклҳои моликият;
- аз рӯйи дараҷаи хатарнокӣ (хавф);
- аз рӯйи шаклҳои суғуртакунӣ (расми 1.3.4).

Расми 1.3.4. Нишонаҳои фарққунандаи таснифи суғуртаи молу мулки корхонаҳои саноати бофандагӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф.

Шартномаи суғуртаи молу мулкро ба манфиати шахсе (суғурташаванда ва ё фоидагиранда), ки оиди нигоҳдории ин молу мулк манфиати қонунӣ дорад, ба имзо расонидан мумкин аст[8]. Дар шартнома нишон дода нашудани номи фоидагиранда имконпазир аст.

Дар чунин ҳолат ба суғурташаванда полиси суғурта дода мешавад. Бо чунин шартнома хавфи масъулияти худи суғурташаванда ва ё шахси дигарро, ки ба ӯ чунин масъулият вогузор шуданаш имконпазир аст, суғурта намудан мумкин аст. Номи шахси мазкур бояд дар шартнома нишон дода шавад. Шартномаи хавфи масъулият барои расонидани зарар ба манфиати шахсе басташуда ҳисобида мешавад.

Суғуртаи масъулият барои вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ иҷозат дода мешавад. Бо чунин шартнома танҳо хавфи масъулияти худи суғурташавандаро суғурта намудан мумкин мебошад. Дар ҳар ҳолат шартномаи суғурта ба манфиати ҳамон шахсе басташуда шуморида мешавад, ки суғурташаванда дар назди он масъул аст, новобаста аз он, ки фоидагиранда нишон дода шудааст ё не.

Муносибатҳои суғуртавӣ дар суғуртаи амволи корхонаҳои саноати бофандагӣ дар расми 1.3.5. нишон дода шудааст.



Расми 1.3.5. Муносибатҳои суғуртавӣ дар шартномаҳои суғуртаи молу мулки корхонаҳои саноати бофандагӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф.

Ҳангоми суғуртаи амвол ё хавфи соҳибкорӣ, агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, маблағи суғурта набояд аз арзиши воқеии он (арзиши суғуртавӣ) зиёдтар бошад ва он бояд бо тартиби зайл муқаррар карда шавад:

- барои хавфи соҳибкорӣ даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ, ки суғурташаванда, чуноне ки тахмин карда мешавад, дар ҳолати фарорасии ҳодисаи суғурта аз он маҳрум шуда метавонад;

- барои амвол арзиши воқеии он дар маҳалли мавҷудият дар рӯзи бастани шартномаи суғурта.

Мувофиқи таҷрибаи байналхалқӣ дар суғуртаи хавфҳои саноатӣ принсипҳои зерин амал менамоянд.

1. Принсипи талофии зарар дар ҳаҷми воқеии он. Мувофиқи ин принсип пас аз рух додани ҳодисаи суғуртавӣ суғурташаванда бояд ба ҳамон ҳолати молиявие оварда шавад, ки то лаҳзаи ба вуҷуд омадани ҳодисаи суғуртавӣ қарор дошт. Суғуртакунанда зарарро дар ҳаҷми воқеии он ва дар ҳудуди маблағи суғуртавии дар шартнома муқарраршуда пардохт менамояд. Бояд қайд намуд, ки принсипи мазкур имкон намедиҳад, ки суғурташаванда аз суғуртаи молу мулк фоида ба даст орад.

2. Дар шартномаи суғуртаи амвол маблағи суғуртавӣ аз арзиши воқеии амвол (арзиши суғуртавӣ) дар лаҳзаи бастани шартнома зиёд буда наметавонад. Принсипи мазкур оиди муайян намудани маблағи суғуртавӣ бо таъиноти суғуртаи амвол оиди он, ки ба ғайриқонунӣ фоида гирифтани суғурташаванда роҳ дода нашавад, мувофиқ мебошад. Ҳадафи принсипи мазкур гирифтани пеши роҳи фоидагирии суғурташаванда ба шумор меравад. Агар ҳангоми суғурта намудани як амвол дар якчанд ташкилоти суғуртавӣ (суғуртакунии дукарата, бисёркарата, муштарак) маблағи суғуртавии ҳамаи шартномаҳои суғурта аз арзиши воқеии амволи мазкур зиёд бошад, он гоҳ талофии суғуртавие, ки суғурташаванда аз ҳамаи суғуртакунандагон мегирад, бояд аз арзиши воқеии зарар зиёд набошад.

3. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад танҳо ҳамон зарареро талофӣ намояд, ки дар натиҷаи ба ҳодисаҳои суғуртавӣ табдил ёфтани хавфҳои суғуртавии дар шартнома пешбинишуда ба вуҷуд омадааст. Дар чунин ҳолат талофии суғуртавӣ аз ҳаҷми зарари мустақими ба амволи суғурташуда расонидашуда зиёд буда наметавонад, ба истиснои ҳолате, ки шартномаи суғурта васеъ намудани ҳаҷми талофии суғуртавиро барои намудҳои муайяни зарари ғайримустақим пешбинӣ кардааст. Дар ҷадвали 3.1.2 вариантҳои талофии зарар ҳангоми суғуртаи молу мулк ифода ёфтааст.

Ҷадвали 1.3.2. Вариантҳои талофии зарар ҳангоми суғуртаи амволи корхонаҳои саноати бофандагӣ

Хавфи гум кардани (ва ё вайрон шудани) амвол	Хавфи нагирифтани (ё кам гирифтани) фоида	Хавфи хароҷоти иловагӣ	
		мустақим	ғайримустақим
Шартномаи суғуртаи амвол	Шартномаи суғуртаи нагирифтани фоида дар натиҷаи бозистодани истеҳсолот	Шартномаи суғуртаи хароҷоти иловагии мустақим	Шартномаи суғуртаи хароҷоти ғайримустақим
Шартномаи ягонаи суғуртаи амвол ва хароҷоти ғайримустақими бо он алоқаманд			

Сарчашма: таҳияи муаллиф.

4. Принсипи контрибутсия. Мувофиқи принсипи мазкур дар ҳолати суғуртакунии дукарата суғуртакунанда ҳуқуқ дорад ба дигар суғуртакунандагоне, ки дар суғуртакунии ҳамин амвол иштирок доранд бо пешниҳод оиди байни ҳам тақсим намудани хароҷоти талофии суғуртавӣ муроҷиат намояд.

5. Принсипи суброгатсия. Моҳияти принсипи мазкур дар он ифода меёбад, ки пас аз ба суғурташаванда талофӣ намудани зарар, суғуртакунанда ҳуқуқ пайдо менамояд барои ҷуброни хароҷоти худ, дар асоси пешниҳоди даъвои регрессивӣ ба шахсе, ки дар расонидани зарар гунаҳгор аст, муроҷиат намояд.

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) чунин намуди суғуртаи хавфҳои соҳибкорӣ истифода мешавад: per diem business interruption. Моҳияти ин намуди суғурта дар он ифода меёбад, ки ташкилоти суғуртавӣ барои ҳар рӯзи танаффуси истеҳсолӣ, ки бо сабаби рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба амал меояд, маблағи дар шартномаи суғурта муқарраршударо пардохт мекунад. Инчунин дар ИМА полиси суғуртаи тиҷоратро тибқи нақшаи музоядаи баръакс харидорӣ кардан мумкин, ки он ба корхонаҳо гирифтани маблағи суғуртавиро осон мекунад [11].

Хулоса актуарийҳо маълумотро дар бораи маҳсулоти дахлдори суғурта истифода бурда, намудҳои зарурии суғуртаро муайян карда, маблағи ҳаққи суғуртавиро аниқ мекунанд. Пас аз ин, музоядаи баръакс гузаронида шуда, дар он ташкилотҳои суғуртавии фаъоли миллӣ метавонанд ҳуқуқи азнавсуғуртакунии хавфҳои ширкате, ки ба онҳо таваҷҷуҳ доранд, соҳиб шаванд.

Адабиёт:

1. Грачёва М.В. Риск-анализ инвестиционного проекта. - М.: ЮНИТИ-ДАНА. - 2016. - 351 с.
2. Грищенко Н.Б. Основы страховой деятельности: учебное пособие. Барнаул: Изд-во Алт. ун-та. - 2017. - 274 с.
3. Даль В.И. Толковый словарь русского языка: В. 4 т: - М.: Гос. Изд-во иностр. и нац. словарей. - 1955, - Т.4. - 683 с.
4. Джурабаев Г.Дж., Каюмова Ф.А. Региональная стратегия инновационно-ориентированного развития промышленных предприятий. - Душанбе: Ирфон. - 2016. - 160 с.
5. Джурабаев, Г. Формирование стратегии ускоренной индустриализации в экономике Республики Таджикистан / Г. Джурабаев, Ф. А. Джабборов // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. - 2019. - №2(25). - С. 28-33.
6. Джурабаев Г.Д., Каюмова Ф.А., Ахмедов Ф Некоторые аспекты внедрения информационных технологий как этап перехода промышленности на цифровую экономику. Экономика Таджикистана. 2019. № 1. - С. 131-136.
7. Джурабаев Г.Д., Каюмова Ф.А., Неъматова М.Х. Вопросы становления и развития цифровой экономики в промышленности Республики Таджикистан. Экономика Таджикистана. - 2019. №2. - С. 22-26.
8. Догиль Л.Ф. Управление хозяйственным риском. - М.: Книжный дом, Мисанта. - 2015. - 224 с.
9. Друкер П.Ф. Задачи менеджмента в XXI веке. Пер. с анг. М.: «Вильямс». 2013. - 272 с.
10. Дубров А.М., Лагоша Б.А. Хрусталев Е.Ю., Барановская Т.П. Амсилаирование рисковых ситуаций в экономике и бизнесе: учебное пособие. - М.: Финансы и статистика. - 2001. - 224 с.
11. Дубров А.М., Мхитарян В.С., Трошин Л.И. Многомерные статистические методы. - М.: Финансы и статистика. - 2017. - 352 с.
12. Дуг Де Карло. Экстремальное управление проектами. Пер. с англ.- М.: Компания p.m. Offlce. - 2005. - 588 с.
13. Содиков Р.Х. Концепция приемлемого риска и стратегическое планирование на предприятиях хлопкоочистительной промышленности / Р.Х. Содиков // Государственное управление. Научно-политический журнал Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. - 2024 / №4-1(69). - С. 51-60.

ИСТОРИЯ СТРАХОВАНИЯ РИСКОВ И УПРАВЛЕНИЕ ИМИ НА ПРЕДПРИЯТИЯХ ТЕКСТИЛЬНОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ

Страхование также считается древнейшей категорией общественных отношений. Теоретическое исследование происхождения страхования - это прежде всего теория А. Манеса. Ещё одна теория, раскрывающая собственную значимость для истории страхования рисков - это теория В.К. Рейхера. Она включает социально-экономические условия развития страхования в античном обществе, заключающиеся в особенностях формирования страхового фонда и распределения возмещения ущерба. Причины развития страхования преимущественно в торгово-ремесленной сфере изложены в теории В.К. Рейхера в необходимой форме.

Ключевые слова: страхование, страховая сумма, имущественное страхование, страховая история, договор страхования, виды страхования, двойное страхование.

HISTORY OF RISK INSURANCE AND ITS MANAGEMENT IN TEXTILE INDUSTRY ENTERPRISES

Insurance is also considered to be the oldest category of social relations. The theoretical study of the origin of insurance is, first of all, the theory of A. Manes. Another theory that reveals its own significance for the history of risk insurance is the theory of V.K. Reicher. It includes the socio-economic conditions for the development of insurance in ancient society, consisting of the peculiarities of the formation of an insurance fund and the distribution of damage compensation. The reasons for the development of insurance mainly in the trade and craft sphere are set out in the theory of V.K. Reicher in the necessary form.

Key words: risk, insurance, sum insured, property insurance, insurance history, insurance contract, types of insurance, double insurance.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич - н.и.и., муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва идораи ДТТ. Тел: (+992) 900604645; E-mail; farrukhinemat@mail.ru

Сведения об авторе:

Хайруллоев Фаррух Нематуллоевич - н.и.и., старший преподаватель кафедры “Экономики и менеджмента” Технологического университета Таджикистана. Тел: (+992) 900604645; E-mail; farrukhinemat@mail.ru

Information about the author:

Khairulloev Farrukh Nematulloevich - n.i.i.. senior lecturer of the Department of Economics and Management of the State Technical University. Tel: (+992) 900604645; E-mail; farrukhinemat@mail.ru

Шуъбаи табъу нашри
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ба матбаа 07.10 2025 супорида шуд. Чопаш 20.10.2025 ба имзо расид.
Андозаи 62x84 1/16. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ.
Ҳуруфи Times New Roman. Адади нашр 100 нусха.